**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ,
БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ 332 (575.3)
ТКБ 65.9 (5 тоҷ)
Н 32**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**НУРБОЕВ НАБИҶОН МӮМИНОВИЧ**

# ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ ЭКОЛОГӢ – ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ СУҒД)

# ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.03 - иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович**

**Хуҷанд – 2022**

МУНДАРИҶА:


**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ ..............................** 3
**МУҚАДДИМА ..............................................................................** 5

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - МЕТОДИИ РУШДИ ЭКОЛОГӢ - ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА ...................................................................** 18
1.1. Консепсияи иқтисодии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа 18
1.2. Равишҳои методӣ барои арзёбии вазъи экологӣ-иқтисодии рушди минтақа ........................................................................ 30
1.3. Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон оид ба идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа ................................................ 44

**БОБИ 2. ТАЪСИРИ ТАМОЮЛҲО ВА ОМИЛҲОИ МУОСИР БА РУШДИ ЭКОЛОГӢ - ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАИ ВИЛОЯТИ СУҒД .....** 60
2.1. Вазъи экологии вилояти Суғд дар шароити муосири рушд 60
2.2. Арзёбии рушди экологӣ-иқтисодии вилояти Суғд: муаммоҳо ва хусусиятҳо ..................................................... 80
2.3. Таъсири омилҳо ба рушди экологӣ-иқтисодии минтақа ва идоракунии онҳо ........................................................................ 97

**БОБИ 3. АФЗАЛИЯТҲО ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ РУШДИ ЭКОЛОГӢ – ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА .........................................................** 113
3.1. Амсиласозии таъсири вазъи экологӣ ба нишондиҳандаи рушди иқтисодиёти минтақа.......................................................... 113
3.2. Равияҳои самаранок идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа дар оянда.................................................. 124
**ХУЛОСА**.......................................................................................... 140
**АДАБИЁТ** ...................................................................................... 150

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

**АИМҶТ** – Академияи илмҳои Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**АОПҶТ** – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ҲЭИМ** – ҳолати экологӣ-иқтисодии минтақа;

**БМЗ** – безарар (соф) кардани моддаҳои зараровари партов;

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон;

**ВКҶТ** – Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ДДҲБСТ** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо;

**ИД** – индекси декаплинг;

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;

**ИМЗ** – ифлосшавии муҳити зист;

**ИМС** – истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ;

**ИСЗТ** – Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ;

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ;

**ИМЗА** – ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера (аз манбаъҳои доимӣ);

**КВД** – Корхонаи воҳиди давлатӣ;

**КМ** – корхонаи муштарак;

**КҶТ** – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**МИҲД** – Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо);

**ММД** – маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

**МММ** – маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ;

**МТМ** – минтақаҳои табиии махсуси ҳифзшаванда;

**Н.** – ноҳия;

**НТҶ** – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

**СҲМЗ** – Сарраёсати ҳифзи муҳити зист (дар вилояти Суғд);

**СД** – самараи декаплинг;

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид;

**ТҒ** – табиатғунҷоиш;

**ТҲИР** – Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд;

**ФР** – Федератсияи Россия;

**ҲҶТ** – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд;

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушода;

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ҶФО** – Ҷумҳурии Федеративии Олмон;

**Ш.** – шаҳр;

**STIRPAT** – Таъсири стохастикӣ аз рӯи регрессия ба аҳолӣ, фаровонӣ ва технология (Stochastic impacts by regression on population, affluence and technology).

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҳолати муосири экологӣ-иқтисодии ҷаҳон изтиробовар буда, зарурати андешидани тадбирҳои муассири фавриро баҳри таъмини муҳити зисти мутобиқ барои наслҳои оянда тақозо мекунад. Аз ҷумла, аз нимаи дуюми асри XX муаммоҳои экологӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ суръат ва ташаннуҷи махсус касб карданд. Ин вазъият ҳар як кишвари ҷаҳонро водор сохт, ки муаммоҳои экологиро идрок намоянд ва консепсияи нави рушдро таҳия кунанд. Дар шароити муосир, бо сабаби ба охир расидани имкониятҳои амсилаҳои анъанавии рушди иқтисодӣ зарурати гузариш ба шакли нав, яъне амсилаҳои экологӣ-иқтисодии рушд ба миён омад, ки он дар илми иқтисодӣ рушди устувор номгузорӣ шудааст. Назарияи рушди устувор, ки ҳадафи асосиаш нигоҳ доштан ва беҳтар намудани ҳолати экологӣ барои наслҳои оянда ба ҳисоб меравад, дар даҳсолаҳои охир ба яке аз назарияҳои инкишоф ва интишорёфта мубаддал гаштааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон татбиқи консепсияи рушди устувор ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам сатҳи минтақавӣ ба яке аз вазифаҳои стратегӣ табдил ёфтааст.

Дар даҳсолаҳои охир дар кулли минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, дар вилояти Суғд ҷараёни татбиқи механизмҳои бозорӣ, рушди истеҳсолоти саноатӣ, афзоиши аҳолӣ, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, суръатафзоии бесобиқаи пешрафти илму техника муносибати байни ҷамъият ва табиатро пуршиддаттар намуданд.

Оид ба мубрам гаштани муаммоҳои экологӣ дар Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 чунин таъкид гаштааст: «Қисми камбизоати аҳолӣ аксар вақт беихтиёр омили коҳишёбии (деградатсия) муҳити зист мегарданд. Бо сабаби паст будани фарҳанги экологӣ аксарияти аҳолӣ захираҳои об ва заминро бо партови маишӣ ифлос

намуда, дарахтҳову ҷангалҳои на он қадар сершуморро барои сӯзишворӣ мебуранд ва дар натиҷа нишебиҳои кӯҳҳо бедолу дарахт гашта, ҷараёни сел ва шусташавии хок зиёд мегардад»[1].

Афзоиши ҳиссаи ҳудудҳои вайронгашта ба ҳар сари аҳолӣ, ҳиссаи заминҳои харобшуда, зиёдшавии партови зараровари корхонаҳои саноатӣ, ифлосшавии атмосфера дар натиҷаи афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёт, камшавии муҳитҳои ҷангалӣ, обшавии пиряххо, тағйирёбии иқлим ва ғайра дар умум сатҳи ифлосшавии муҳити зистро инъикос менамоянд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бобати масъалаҳои экологӣ чунин омадааст: «Таҳдидҳои назарраси демографӣ ва экологӣ, ки бо онҳо кишвар рӯ ба рӯ шудааст, талабот ба шароитҳои манзилу маишӣ афзуда, ифлосшавии муҳити зист ва сатҳи пасти идоракунии экосистемаҳо, нигоҳдории гуногунии биологӣ, харобшавии заминҳо, осебпазирӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим, дастрасӣ ба оби тоза ва санитария, аз ҷумла нобудкунии партови маиширо дар бар мегиранд»[2].

Дар Паёми ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳалли муаммоҳои экологӣ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Аз ҷумла, дар Паёми навбатӣ чунин омадааст: « ... мо бояд ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир кунем. Хотирнишон месозам, ки дар айни замон, ҳифзи муҳити зист яке аз роҳҳои асосии ҷалби сайёҳон ба кишвар мебошад. Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки барои расидан ба мақсадҳои зикршуда ва ҳамзамон ҷиҳати

---

[1] Барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020. - Душанбе, 2015 – С. 5.

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. (Қарори МНМО ҶТ аз 01.12.2016, №636). – Душанбе, 2016 – С. 63.

муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ, ҳифз, инкишоф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳайвоноту набототва мероси таърихиву фарҳангӣ, фароҳам овардани шароит барои сайёҳии экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва кӯҳнавардӣ тадбирҳои иловагӣ андешад»[3].

Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии идоракунии маҳаллӣ барои ҳифзи муҳити зист бояд фаъолияти хоҷагидории ҳамаи субъектҳои иқтисодиро новобаста аз шаклҳои моликият танзим намоянд. Дар иртибот, бо ин нукта дар минтақаҳо коркарди механизм, усул ва методҳои таъмини расидан ба мақсадҳои экологӣ дар рушди минтақа яке аз вазифаҳои афзалиятноки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт, экологикунонии рушди иқтисодии минтақа бояд ба ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии минтақаҳо табдил ёбад. Умуман, зарурати беҳтар намудани шароити муҳити зист дар рушди иқтисодии минтақа яке аз муаммоҳои мубрами таҳқиқоти илмӣ мебошад, ки он ба ҳайси мавзуи диссертатсионии мазкур интихоб карда шуд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷанбаҳои назариявии рушди экологӣ-иқтисодӣ, асосан дар амсилаи рушди устувори иқтисодиёт баррасӣ мегардад, ки онро дар нимаи асри XX Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод кардааст. Вале, масоили истифодаи табиат дар назарияҳои иқтисодии замони пештар низ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда буданд. Яъне, дар асарҳои бунёдии олимони машҳури хориҷӣ, аз ҷумла дар асарҳои Д. Рикардо, Ҷ.С. Милл, Т.Р. Малтус, К. Маркс, Ҷ.А. Робинсон, Р.М. Солоу, А.С. Пигу, Э. Хэррот ва дигарон оид ба маҳдудияти захираҳои табиӣ, афзоиши аҳолӣ, рушди иқтисодӣ ҳамчунин истифодаи захираҳои табиӣ андешаҳои гуногун баён шудаанд. Дар асоси фарзияи илмии рушди устувор, дар самти ҳифзи

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», (26.01.2021). – Душанбе: «Шарқи озод», 2018. - С. 9, 13.

захираҳо барои наслҳои оянда олимони муосири машҳури хориҷӣ Ҷ.Р. Хикс, Р.Г. Коуз, Ф.Хостман масъалаҳои рушди экологӣ-иқтисодиро таҳқиқ кардаанд.

Дар солҳои ислоҳоти бозорӣ дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низ муаммоҳои назариявӣ ва амалии таъмини барқарории рушди иқтисодиёт, ҷамъият ва экология таҳқиқ карда шудааст. Масъалаҳои мазкур дар чаҳорчӯбаи низоми экологӣ-иқтисодии минтақа дар асарҳои олимони рус Т.А. Акимова, А.Г. Гранберг, М.Ю. Игнатиева, А.А. Куклин, М.Я. Лемешов, Т.С. Хачатуров, А.Д. Урсул, В.В. Хаскин ва дигарон таҳқиқ гардидаанд.

Дар даҳсолаи охир масъалаҳои арзёбии рушди экологӣ ва иқтисодӣ, асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии рушд, таъмини рушди устувор дар системаҳои экологӣ ва иқтисодӣ, иқтисодиёти табиатистифодабарии минтақавӣ дар корҳои илмӣ - таҳқиқотии олимони соҳа О.П. Сиромятникова, Т.В. Задорова, И.С. Белик, З.Б. Хуранова, А.Р. Гамидова, А.Т. Эфендиева, Н.В. Чепурних, Н.П. Юрина ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар асарҳои олимони ватанӣ низ инъикоси худро ёфтааст. Муаммоҳои назариявӣ ва методологии коркарди сиёсати иқтисодӣ оид ба таъмини рушди устувор дар асоси нигоҳ доштани ҳолати экологӣ дар асарҳои академикони Академияи илмҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.Қ.Қаюмов, Т.Н.Назаров, Р.К.Раҳимов, узви вобастаи Академияи илмҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Л.Ҳ.Саидмуродов, докторони илм, профессорони ватанӣ Ш.М.Раҳимзода, Р.М.Мирбобоев, М.М.Шарифзода, Ҳ.У.Умаров, Т.Р.Ризоқулов, С.А.Ғозибеков ва дигарон баррасӣ шудаанд. Масъалаҳои иқтидори табиӣ - захиравии минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон, асосҳои ҷуғрофии самаранок истифодабарии табиат дар минтақаҳои кӯҳӣ, асоси

ашёи минералии соҳаи саноат дар асарҳои олимони ватанӣ Х.М. Муҳаббатов, Р.Д.Диловаров, Н.Х.Хоналиев, М.Раҳимов мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Иқтидори захиравии табиӣ, нақши он дар иқтисодиёти Тоҷикистон, муаммоҳои истифодаи самараноки онҳо дар асарҳои олимони ватанӣ Ф.С.Обидов, Ш.Б.Абдуллаева дида баромада шудааст. Олимони ватанӣ Б.Н.Махмадалиев, М.Н.Досиев, С.И.Ҳикматов, Х.Асоев, Д.Р.Холиқов дар таҳқиқоти худ масъалаҳои танзими давлатии муносибатҳои экологӣ-иқтисодӣ дар Тоҷикистон, алоқамандии экология ба рушди иқтисодӣ, ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ, муаммои экологӣ-иқтисодии ифлосшавии муҳити зист, муаммои ҳолати экологии муосирро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии илмӣ қарор додаанд.

Дар асарҳои олимони ватанӣ А.К.Қаюмов, Б.В.Азимов, Н.А.Абдуллоев, И.А.Абдусаломов, Х.М.Аҳмадов, Д.К.Гулмаҳмадов ва Ш.Ш.Қодиров масъалаҳои таъсири фаъолияти инсон ба тағйирёбии иқлим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири ифлосшавии муҳити зист ба ҷомеа, масоили рафъи оқибатҳои ифлосшавии муҳити зист, таъсири рушди иқтисодиёт ба муҳити зист ва экосистемаҳои Тоҷикистон ҳаллу фасл шудаанд. Олимон Ҳ.А.Одинаев, Д.Д.Despite Бобоҷонов ва Т.Б.Ғаниев масъалаҳои таъмини рушди экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими истифодаи захираҳои обии байнисарҳадӣ, мутахассиси соҳа А.А.Назиров бошад истифодаи самараноки захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ кардаанд.

Дар ҳақиқат, алҳол муаммои экологӣ-иқтисодии рушд ҳар як нафарро ба ташвиш меоварад. Бахшида ба ин муаммоҳо олимони соҳа асарҳои зиёд таълиф кардаанд. Вале, мутаассифона, бисёр масъалаҳое мавҷуданд, ки бо ташаккул, коркард ва амалӣ намудани сиёсати минтақавӣ оид ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ҳифзи

экология ва табиат, таъмини рушди минтақа алоқамандӣ доранд ҳаллу фасли худро пурра наёфтаанд.

Ҳам аз лиҳози назариявию методӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ пурра ҳаллу фасл нашудани муаммоҳои мазкур аҳамият ва мубрамияти кори илмиро собит месозанд. Бинобар ин, таҳқиқи мазкур ба ин масъалаҳо бахшида шуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бевосита ба амалӣ намудани «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (бандҳои 3.2 ва 4.5); «Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (бандҳои 6, 7); «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (банди 6) равона гардида, дар чаҳорчӯбаи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии нақшавии кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ишкишофи назарияи минтақа, асосноккунии илмии таъмини шароити мусоиди экологӣ-иқтисодӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба такмили идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа мебошад.

Дар асоси мақсади гузошташуда **вазифаҳои зерин** муайян карда шудаанд:

- омӯхтан ва низомбандӣ намудани консепсияи иқтисодии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа дар шароити муосир;

- таҳқиқ намудани равишҳои методии арзёбии вазъи экологӣ-иқтисодии рушди минтақа ва арзёбии ҳолати муосири он;

- баррасии таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон оид ба идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа ва муайян намудани самтҳои қобили истифодаи таҷрибаҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти минтақа;

- муайян намудани вазъи экологии вилояти Суғд дар шароити муосир;

- арзёбӣ намудани муаммо ва хусусиятҳои рушди экологӣ-иқтисодии вилояти Суғд;

- таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба рушди экологӣ-иқтисодии минтақа ва танзими онҳо;.

- таҳияи амсила баҳри муайян намудани таъсири вазъи экологӣ ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёти минтақа;

- пешниҳод намудани равияҳои самараноки идоракунии рушди минбаъдаи экологӣ-иқтисодии минтақа.

**Объекти таҳқиқот** - маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки ба ҳифзи захираҳои табиӣ ва таъмини рушди иқтисодии минтақа вобаста аст.

**Предмети таҳқиқот** (мавзуъ таҳқиқот) - ҷараёни такмили рушди экологӣ-иқтисодии минтақа дар шароити муосир мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он инъикос мегардад, ки амалишавии механизмҳои идоракунии оптималии танзими ҳолати экологӣ-иқтисодии минтақа имконияти рушди устуворро дар минтақа таъмин менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Пояи назариявии таҳқиқотро асарҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои ташаккул ва рушди низомҳои экологӣ-иқтисодӣ, арзёбии ҳолати экологӣ-иқтисодии минтақаҳо, муаммои такмили идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақаҳо бахшида шудаанд, ташкил мекунанд. Ҳамзамон, ҳалли масъалаҳои назарияҳои муосири рушди минтақа, назарияҳои идоракунии низоми иқтисодии минтақа, назарияи рушди устувор, ки ба

инобат гирифтани омили экологиро пешбинӣ мекунад, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифт.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ низом, равия ва усулҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла усули муқоисавӣ, синтез, таҳлили омории иқтисодӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия, муносибати низомманд, усули иқтисодӣ-математикӣ ва регрессионӣ истифода шудаанд.

**Пояи иттилоотии таҳқиқотро** маводи расмии нашргардидаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсатии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (дар сатҳи минтақавӣ), асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масоили экологӣ-иқтисодӣ бахшида шудаанд, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, донишгоҳӣ ва ҳисобот оид ба ҳолати экологии мақомоти дахлдор ташкил мекунанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки масъалаҳои таъмини рушди иқтисодӣ-экологии вилояти Суғд бо тарзи маҷмӯӣ ва низомманд арзёбӣ карда шудааст.

Натиҷаҳои асосие, ки **моҳияти навгонии илмиро** ташкил мекунанд, аз инҳо иборат аст:

- муқаррароти илмие инкишоф дода шудаанд, ки муҳтавою мундариҷаи таърифи таъмини «рушди экологӣ-иқтисодии минтақа»-ро возеҳу равшан месозанд. Ба таърифи «рушди экологӣ-иқтисодии минтақа» тасҳеҳи зарурӣ ворид карда, таърифи муаллифии зерин пешниҳод шудааст: «Низоми рушди экологӣ-иқтисодии минтақавӣ -

маҷмуи ҷудонопазири муносибатҳои ҷомеавӣ оид ба ташаккули оқилона ва самараноки робитаи субъектҳои иқтисодӣ бо муҳити зист мебошад, ки истифодаи оптималии сарватҳои табиӣ, ҳифз ва афзоиши онҳоро барои наслҳои оянда дар бар мегирад»;

- асоснок карда шудааст, ки дар назария ва амалия методҳои гуногуни арзёбии вазъи рушди экологӣ-иқтисодӣ дар минтақа мавҷуд буда, аз байни онҳо истифодаи методи интегралие, ки таъсири фаъолияти инсонро ба муҳити зист миқдоран ва сифатан инъикос менамояд, ба мақсад мувофиқ аст. Зикр гардидааст, истифодаи методи интегралӣ-комплексӣ дар асоси нишондиҳандаҳои маҷмуӣ, ки «индекси декаплинг» номида мешавад ва ҳолати экологӣ-иқтисодии минтақаро пурра дарбар мегирад, ба мақсад мувофиқ аст, зеро дар асоси он ҳисоби нишондиҳандаи «табиатғунҷоиш» ва «сатҳи экологикунонӣ»-и ҷараёнҳои истеҳсолот имконпазир мегардад;

- омӯзиш ва муайян намудани таҷрибаи хориҷии афзалиятдошта оид ба идоракунии самараноки алоқаи мутақобилаи табиат ва инсон, ки бештар дар давлатҳои мутараққӣ рушд ёфтааст. Алалхусус, мавҷудияти сохтори махсус оид ба таъмини амнияти экологӣ, шӯро «Оид ба сифати муҳити зист», ҳамоҳангсозии амалҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ дар соҳаи экологӣ, дар самти ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табиӣ ба ҳукуматҳои маҳаллӣ додани ваколат, уҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои бештар ба ҳисоб меравад;

- исбот карда шудааст, ки ҳаҷми партови саноатӣ, ҳолати харобшавии замин дар миқёси вилояти Суғд тамоюл ба афзоиш дорад, ки он манфӣ арзёбӣ мегардад. Мудаллал гардидааст, ки дар ихроҷи моддаҳои зараровар ба атмосфера шаҳрҳои Панҷакент, Хуҷанд, Гулистон, ноҳияҳои Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров пешсаф мебошанд. Ба шаҳру ноҳияҳое, ки аз ҳисоби миёнаи вилоятӣ кам партов ихроҷ менамоянд, мансубанд: Конибодом, Истаравшан, Бӯстон, Ашт,

Деваштич, Зафаробод, Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ, Спитамен, Ҷаббор Расулов. Сабабҳои харобшавии замин дар минтақаҳои мазкур, аз ҷумла риоя накардани меъёри обёрии киштзор, қоидаҳои агротехникӣ, истифодаи аз меъёр зиёди нуриҳои минералӣ, буридани дарахтзор, истифодаи ғайримақсадноки заминҳои корам ошкор гардидааст;

- арзёбӣ намудани ҳолати рушди экологии иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бо истифодаи усули «индекси декаплинг». Тибқи он дар шаҳру ноҳияҳои зерин суръати ифлосшавӣ аз сатҳи рушди иқтисодӣ зиёд аст: Истаравшан, Бӯстон, Хуҷанд, Исфара, ноҳияҳои Мастчоҳ, Деваштич, Ашт, Айнӣ, Конибодом. Дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят сатҳи рушди иқтисодӣ аз суръати ифлосшавии муҳити зист баланд аст. Асоснок гардидааст, ки нишондиҳандаи мазкур дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд хусусияти ноустувор дорад;

- мудаллал гардидааст, ки нишондиҳандаи «табиатғунҷоиш» (ҳаҷми партови моддаҳои зарарнок дар истеҳсоли молҳои саноатӣ) дар ш. Бӯстон, ш. Истаравшан, н. Зафаробод, н. Ашт, н. Спитамен, ш. Гулистон ва ш. Хуҷанд нисбатан хуб аст, яъне қимати он дар муқоиса бо дигар шаҳру ноҳияҳо камтар мебошад. Дар ноҳияҳои Деваштич, Ҷаббор Расулов ва ш. Исфара «табиатғунҷоиш» нисбати қимати миёна зиёд аст, ки ин ҳолат бояд боиси нигаронӣ гардад. «Сатҳи экологикунонӣ» (ҳаҷми безарар кардани моддаҳои зараровар дар воҳиди муайяни истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ) дар ноҳияҳои Мастчоҳ, Зафаробод, Бобоҷон Ғафуров ва шаҳри Гулистон нисбатан хуб аст. Дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят, ки нишондодҳои паст доранд, бояд корро оид ба баланд бардоштани сатҳи экологикунонӣ пурзӯр намоянд;

- дар асоси таҳияи амсилаи математикӣ оид ба арзёбии қувваи омилҳои таъсиррасон ба сатҳи ифлосшавии муҳити зист исбот гардидааст, ки дар шароити муосир чандирнокии нишондиҳандаи афзоиши ҳаҷми ихроҷи партови моддаҳои ифлоскунанда ба атмосфера аз

сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа ба ҳар сари аҳолӣ баландтар аст, дар навбати аввал аз афзоиши ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти минтақа вобаста мебошад;

- таҳияи пешниҳоди илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили ҷараёни идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақавӣ дар фаъолияти минбаъда. Алалхусус, таҳияи стратегияи рушди минтақа дар асоси омили экологӣ, ҷалб ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба коркарди партов, тарғиби тарзи ҳаёти солим, ҳифзи ҳолати муҳити зист ва ғайра.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- таҳқиқи консепсияҳои илмӣ оид ба рушди экологӣ-иқтисодии минтақа ва ворид намудани тасҳеҳ ба мафҳумҳои асосии таҳқиқот;

- асоснокии методҳои арзёбии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа ва истифодаи онҳо;

- муайян намудани ҷанбаҳои афзалиятноки механизми таъмини рушди экологӣ-иқтисодӣ дар таҷрибаи хориҷӣ;

- мудаллал сохтани вазъи ифлосшавии муҳити зист, харобшавии замин ва муайян намудани сабабҳои он;

- арзёбии вазъи рушди экологӣ-иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бо истифода аз усули «индекси декаплинг»;

- ҳисоб ва асоснок намудани нишондиҳандаи «табиатғунҷоиш» ва «сатҳи экологикунонӣ» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд;

- таҳия намудани амсилаи математикӣ оид ба арзёбии қувваи омилҳои таъсиррасон ба сатҳи ифлосшавии муҳити зист;

- коркарди пешниҳоди илмӣ оид ба такмили ҷараёни идоракунии рушди минбаъдаи экологӣ-иқтисодии минтақа.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқаррароти илмие, ки дар диссертатсия коркард карда шудаанд, барои ғанӣ гардонидани назарияҳои илмӣ оид ба рушди устувор ва иқтисодиёти минтақа мусоидат менамояд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро дар таҳия

намудани барномаҳои рушди соҳаҳои хоҷагии халқ дар асоси ба инобат гирифтани омили экологӣ аз ҷониби вазоратҳои соҳавӣ, яъне Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он инъикос мегардад, ки тавсияҳо ва пешниҳоди илмии кор дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷараёни ташаккули механизми идоракунии экологӣ-иқтисодии минтақа, инчунин дар коркарди барномаҳои минтақавии рушди экологӣ истифода хоҳанд шуд. Алалхусус, субъектҳои хоҷагидорие, ки дар минтақа кору фаъолият мебаранд, метавонанд онҳоро дар ҷараёни экологикунонӣ истифода намоянд. Баъзе муқаррароти илмии кори диссертатсиониро дар ҷараёни таълими фанҳои «Иқтисодиёти минтақа ва идоракунӣ», «Менеҷменти экологӣ» ва «Экологияи минтақаҳо» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотро** натиҷаҳои кори диссертатсионӣ бо истифодаи усулҳои мақбули таҳқиқот, ки боэътимодии маводи иттилоотӣ ва коркардшударо мувофиқи мавзуи таҳқиқот таъмин менамоянд, инчунин муқаррароти илмӣ, таҳияи тавсияю пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия инъикос гардидаанд ва бо натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ на танҳо зиддият надоранд, балки баръакс, онҳоро такмил медиҳанд, асоснок месозанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

тасдиқ гардидааст, ба анҷом расонида шуда, он ба шиносномаи ихтисоси «08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ» мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар муайян кардани мақсад, вазифа, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, мураттаб сохтани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок намудани заминаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои илмии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалии «Муаммоҳои актуалии илм ва амалия дар замони муосир» (Красноярск, 2014); конференсияи илмӣ-назариявии «Нақши илм дар ташаккули давлатдории миллӣ» (Хуҷанд, 2016); «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ» (Хуҷанд, 2020); конференсияи илмӣ-амалии «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллӣ» (Хуҷанд, 2021); конференсияи илмӣ-методии «Усулҳои инноватсионии таълим: ҳолати муосир ва дурнамои такомул» (Хуҷанд, 2021) ва «Консепсияи миллии тарбия – асоси тарбияи насли созандаю бунёдкор» (Хуҷанд, 2021); конференсияи илмӣ-методии «Муаммоҳои мубрами методикаи таълими фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар МТОК: назария ва амалия»; (Хуҷанд, 2022); конференсияи илмӣ-амалии «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот бахри татбиқи ҳадафҳои стратегияи миллӣ» (Хуҷанд, 2022); конференсияи илмию методии «Ваҳдати миллӣ – омили муҳимми рушди давлат ва ҷомеа» (Хуҷанд, 2022) мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳо интишор гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Рисола 171 саҳифа, аз ҷумла 26 ҷадвал ва 6 расмро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - МЕТОДИИ РУШДИ ЭКОЛОГӢ - ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

## 1.1. КОНСЕПСИЯИ ИҚТИСОДИИ РУШДИ ЭКОЛОГӢ - ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

Шароити муосир рушди тамаддуни инсоният объективона нишон медиҳад, ки фаъолияти ҷамъият бояд дар асоси танзими оқилонаи муносибатҳои байни инсон ва табиат ба роҳ монда шавад. Зеро бо сабаби роҳ додан ба норасоию иштибоҳот дар муносибати байни ҷамъият ва табиат дар ҳаёти ҷамъиятии ҳар як минтақа мушкилоте ба миён меоянд, ки боиси пайдо шудани таҳдидҳои марговар ба ҳаёти инсон мегарданд. Бинобар ин, ҳодисаҳои манфие, ки дар муносибати ҷамъият ва табиат ба миён меоянд, бояд на танҳо марҳила ба марҳила ислоҳ карда шаванд, балки дарояндаи наздик пеши роҳи он гирифта шавад.

Дар охири асри гузашта муаммои бо тарзи оптималӣ идоракунии низомҳои экологӣ-иқтисодӣ ҳамчун муаммои асосӣ дар кулли сатҳи иқтисодиёт, яъне иқтисодиёти минтақа, давлат ва дар арсаи ҷаҳонӣ ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфт, ки ҳолати мазкур дар таҳқиқоти илмӣ ҳамчун равияи нав мавриди омӯзиш қарор гирифт. Зеро солҳои охир дар арсаи ҷаҳонӣ хавфҳои техногенӣ, фалокати экологӣ, дар миқёси минтақаҳо бошад ифлосшавии муҳити беруна, косташавии захираҳои табиӣ, вайроншавии муҳити зист инсониятро маҷбур сохт, ки дар ҳар минтақа ба масъалаи идоракунии экологӣ-иқтисодии рушди ҳудудии маконӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Аз ин нуқтаи назар, имрӯз масъалаҳои мутобиқшавии рушди истеҳсолоти мол ва хизматрасониҳо ба шароити нигоҳ доштани талаботи экологии рушд, яъне ҳифзи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист барои ташаккули механизми оптималии идоракунии низоми иқтисодиёт талаботҳои нав ба навро бо шарту шароити таҳдидҳои экологӣ бояд ба роҳ монад.

Моҳиятан идоракунии экологӣ-иқтисодии минтақа мафҳуми маҷмуӣ ва низомманд буда, дар худ мафҳумҳои байни алоқамандии «экология ва иқтисодиёт»-ро дар бар мегирад. Аз ҳамин нуқтаи назар,

мафҳуми мазкур хусусияти мураккаб дорад. Дар ҷамъияти имрӯза ташаккул ёфтани идоракунии оптималии низоми экологӣ- иқтисодӣ дар ҳар минтақа ҳодисаи объективӣ буда, дар радифи предмети омӯзиши илмҳои гуногун, яъне ҳам илмҳои ҷамъиятшиносию гуманитарӣ ва табиӣ, дар худ иқтисодиёт ва ҳам экологияро дар бар мегирад. Бо ибораи дигар, категорияи иқтисодиёт ва экология дар бисёр мавридҳо бо якдигар буриш мекунанд ва дар он хусусиятҳои хоси идоракунии экологӣ-иқтисодии минтақаҳо зоҳир гардида, дар он низоми муносибатҳои зерин «Инсон – ҷамъият – табиат» ифода меёбанд.

Фаҳмиши муосир оид ба экология дар асоси таълимоти бунёдии олими бузург В.И.Вернадский ҳамчун биосфера, ки дар нимаи аввали асри XX пешниҳод шуда буд, инъикос мегардад. В.И.Вернадский қайд мекунад, ки: «Инсоният – ҳамчун мавҷудоти зинда бо ҷараёни моддии энергетикие, ки бо қишри геологии замин (биосфера) бо тарзи ҷудонашаванда алоқаманд аст. Инсоният ҷисман ҳатто ба як дақиқа бидуни ин низом аз муҳит мустақиман фаъолият дошта наметавонад»[4].

Дар ҳақиқат, биосфера низоми ягонае мебошад, ки барои мавҷудоти зинда ҷиҳати фаъолият намудан шароит фароҳам меоварад. Вале бо пешрафти илмӣ-техникӣ дар низоми биосфера тағйироти куллӣ ба миён омада истодааст, ки дар он таъсири инсон ба қонунҳои табиат барзиёд гашта, ба вайроншавӣ, яъне тағйирёбии қонунҳои табиат оварда расонидааст. Доир ба ин масъала, аз ҷониби олимон андешаҳои гуногун ҷой дорад. Масалан, олими олмонӣ Э. Геккел дар таҳқиқоташ экологияро ҳамчун илм оид ба муносибатҳои табиати зинда ва ғайризинда баррасӣ намуда, таъсири манфии омили инсон ба муҳити зист, чораҳои ҳифзи табиат ва дигар ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии таъсири инсонро бо табиат маънидод кардааст[5].

---

**4** Вернадский В.И. Проблемы биогеохимии: труды биогеохимической лаборатории [Текст] / В.И. Вернадский. Вып. XVI. – М: Наука, 1980. – С. 214.

**5** Моисеев Н.Н. Человек и ноосфера [Текст] / Н.Н.Моисеев.-М, Молодая гвардия, 1990. -С.25.

Олими амрикоӣ Ю.Одум низ экологияро ҳамчун маҷмуи донишҳо оид ба ташаккулёбӣ, сохтор, фаъолияти низомҳои бисёрсатҳа дар табиат ва ҷамъият бо алоқамандии якдигар маънидод менамояд[6].

Дар луғатҳои иқтисодӣ бошад, чунин омадааст: «Экология илм дар бораи қонуниятҳои умумӣ ҳамкориҳои ҷамъият ва табиат буда, баҳри ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ равона гардидааст». Дар асоси ин, гуфтан мумкин аст, ки дар шароити муосир моҳияти идоракунии экологӣ-иқтисодии минтақаҳо торафт васеъ гардида, муносибатҳоро дар низоми «Инсон-ҷамъият-табиат» фаро мегирад. Зеро, вақте ки сухан доир ба муҳити зист меравад, ин мафҳуми хеле васеъ буда, дар худ муҳити табиӣ, моддӣ ва иҷтимоиро инъикос менамояд. Вобаста ба ин муҳити табиӣ маҷмуи муҳитҳое мебошад, ки ҳамаи қишрҳои биосфераро дар бар мегирад, яъне ба қабатҳои атмосфера, гидросфера, литосфера таъсир мерасонад. Ғайр аз ин, аз лиҳози иқтисодӣ дар муҳити мазкур захираҳои замин, канданиҳои фоиданок, муҳити ҳавоӣ ва обӣ, флора ва фауна, рӯзҳои офтобӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳамзамон ба муҳити моддӣ элементҳои дар асоси коркарди муҳити табиӣ ба дигар элементҳо табдил ёфтаи захираҳо, объекти сунъие, ки аз тарафи инсон сохта шудааст, масалан: кӯлҳо, обанборҳо, баҳрҳо, мошинҳо, воситаҳои истеҳсолот, истеъмолот, таҷҳизот, биноҳо ва ғайра. Ҳамчунин муҳити мазкурро муҳити техногенӣ низ меноманд. Муҳити иҷтимоӣ бошад, маҷмуи муносибатҳои инсониро дар ҷамъият ва талаботи маданӣ-фарҳангии инсонро дар доираи ҷамъият муайян месозад.

Ҷамъияти инсониро ҳамчун узви мавҷудоти зинда бе иштироки муҳити табиӣ, моддӣ ва иҷтимоӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, инсон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи табиат, иқтисодиёт ва

**6** Одум Ю. Экология [Текст] / Ю.Одум. В 2-х томах. Том 2. Пер. с англ. -М, Мир, 1986.-С. 268.

ҷамъият мебошад. Алоқамандии муҳитҳои гуногуни қайдгардида, яъне самараи синергетикии ҳар се соҳаи алоҳида дар фаъолияти инсон як муҳити экосфераро ташкил медиҳад, ки онро ҳамчун мафҳуми экологӣ-иқтисодии рушди минтақа дар илми иқтисодиёт маънидод кардан мумкин аст. Боиси қайд аст, ки якумин маротиба мафҳуми экосистема соли 1958 аз ҷониби олим Л. Колл пешниҳод гардида буд, ки ба андешаи ӯ «Маҷмуи ҳамаи мавҷудоти зинда дар замин якҷоя бо муҳити зист ва захираҳо мебошад»[7].

Умуман, экосфера ҳамчун низоми экологӣ-иқтисодӣ буда, дар он ҳамкории узвҳои биосфераю техносфера дар якҷоягӣ баррасӣ мегарданд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки некӯаҳволии халқ аз вазъи иқтисодиёт ва ҳолати муҳити зист вобастагии қавӣ дорад, зеро вазъи саломатӣ, рушди инсон, ҳамавақт дар зери таъсири муҳити зист қарор дорад, яъне бидуни ин нишондиҳандаҳо фаъолияти он маҳдуд мегардад. Бинобар ин, таъмини мувозинати оптималии байни иқтисодиёт ва экология нақши бузург дорад.

Дар ин самт муайян намудани моҳияти идоракунии экологӣ-иқтисодии рушди минтақа хеле зарур аст, зеро фаҳмишҳои гуногуни он барои ноил гаштан ба натиҷаҳои назаррас имкон намедиҳад. Дар илми иқтисодиёти муосир дар байни олимон оид ба масъалаи мазкур ақидаҳои гуногун ҷой доранд, ки баъзеи онҳоро дар ҷадвали 1.1 меорем:

**Ҷадвали 1.1. - Фаҳмишҳо оид ба моҳияти идоракунии экологӣ-иқтисодии рушди минтақа**

| № | Манбаъ | Фаҳмишҳо ва моҳият |
|---|---|---|
| 1. | Сыромятникова О.П. Оценка эколого-экономического развития региона [Текст] / О.П. Сыромятникова, Т.В.Задорова // Региональная экономика: теория и практика. - 2016, - №8. - С. 178-179. | Рушди экологӣ ва иқтисодии ҳудуд фаъолияти мақсадноки мақомоти минтақавӣ ва субъектҳои хоҷагидориро оид ба нигоҳ доштани сохтори мутавозини муносибатҳои байни ҷомеа ва табиат пешбинӣ мекунад |

7 Акимова Т.А. Экология. Человек - экономика - биота – среда. Учебник для вузов [Текст] / Т.А. Акимова, В.В. Хаскин. – М, ЮНИТИ-ДАНА, 2001. – С. 80.

| | | |
|---|---|---|
| 2. | Белик И.С. Теоретико-методологические основы управления эколого-экономическим развитием региона / И.С. Белик // Автореферат дисс. на соиск. уч. степ. д.э.н: 08.00.05. – Екатеринбург, 2010. – С. 39. | Рушди экологӣ ва иқтисодӣ ҳамчун раванде, мебошад, ки ба нигоҳ доштани параметрҳои асосии низоми экологӣ-иқтисодӣ дар ҳудуди муайян нигаронида шуда, таъсири идорашавандаро на танҳо ҳангоми иҷрои қарорҳои қабул шуда, балки дар марҳилаҳои ташаккули стратегияи экологӣ-иқтисодӣ низ пешбинӣ мекунад |
| 3. | Ганиев Т.Б. Пути устойчивого эколого-экономического развития аграрного производства Таджикистана [Текст] / Т.Б. Ганиев. - Душанбе, 1995. - С.18. | Рушди экологӣ ва иқтисодӣ - ин амсилаи рушди иқтисодиёт мебошад, ки омилҳои табиӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро вобаста ба талаботи ҳозира ва ояндаи инсон мутобиқ мегардонад |
| 4. | Кодиров Ш. Проблемы формирования эколого-экономического развития [Текст] / Ш. Кодиров. - Москва, 1997. - С.14– 15. | Рушди устувори экологӣ-иқтисодӣ рушди мутавозуни иқтисодиёт ва экология буда, ҳадафи он таъмини наслҳои оянда бо сатҳи зиндагии на пасттар аз сатҳи насли имрӯза мебошад |
| 5. | Хуранова З.Б. Обеспечение устойчивого социо-эколого-экономического развития региона [Текст] / З.Б. Хуранова. – Нальчик, 2011. - С. 114. | Рушди иҷтимоӣ-экологӣ ва иқтисодӣ ҳамчун маҷмуи ҳамаи шароитҳои хоси минтақаро дар бар гирифта, то чӣ андоза самарабахш ва рақобатпазир будани онро муайян мекунад |
| 6. | Гамидова А.Р. Проблема устойчивого развития в эколого-экономических системах [Текст] / А.Р. Гамидова, А.Т. Эфендиева // Молодой ученый. - Чита: 2010. №12 (23). Т.1.- С. 71. | Низоми экологӣ-иқтисодӣ маҷмуи падидаҳое мебошад, ки ҷомеаро чун томияти иҷтимоию иқтисодӣ (вале пеш аз ҳама, иқтисодиёт ва технологияро) ва захираҳои табииро, ки ҳангоми истифодаи ғайриоқилонаи табиат дар муносибатҳои мутақобилаи робитаи акси мусбат қарор доранд, дар бар мегирад |
| 7. | Нестеров П.М. Менеджмент региональной системы: учебник для вузов [Текст] / П.М. Нестеров, А.П. Нестеров. - Москва: ЮНИ ТИ-ДАНА, 2002. - С. 14. | Низоми минтақавии экологӣ-иқтисодӣ ҳамчун омезиши ташкилии робитаҳои устувори техникӣ, иқтисодӣ, биологӣ ва дигар намудҳои муносибатҳо, ки дар қаламрави муайян мутамаркиз шудаанд, муайян карда мешавад |
| 8. | Нужина И.П. Концептуальная модель региональной эколого-экономической системы. [Текст] / И.П. Нужина, О.Б. Юдахина // Экономика. Томск, 2008, - №1 (2). - С. 60-61. | Низоми минтақавии экологӣ-иқтисодиро бояд чун як низоми ҷудонашавандаи сатҳи мезоиқтисодӣ баррасӣ кард, зеро маҷмуи унсурҳои гетерогении бо ҳам таъсиркунанда зернизомҳои экологӣ ва иқтисодиро дар бар мегиранд, инчунин маҷмуи муносибатҳои байниҳамдигарии объектҳо ва равандҳоро бо нишондиҳандаҳои муайяни табиии иқлимӣ ва фазоӣ-муваққатӣ ташаккул медиҳанд |
| 9. | Лемешев М.Я. Региональное природопользование: на пути к гармонии: учебник. [Текст] / М.Я. Лемешев, Н.В. Чептурных, Н.П. Юрина. - | Низоми экологӣ-иқтисодӣ ҳамчун маҷмуи истеҳсолоти ҷамъиятӣ (зернизоми иқтисодӣ) ва муҳити зисти табиӣ (зернизоми экологӣ) бо ҳамдигар таъсири мутақобила доранд, |

| | | |
|---|---|---|
| | Москва: Мысль, 1986. - С. 53. | баррасӣ карда мешавад |
| 10. | Махмадалиев Б.Н. Государственное регулирование эколого-экономических отношений в Республике Таджикистан (на примере экологического предпринимательства) / // Автореферат дисс. на соиск. уч. степ. к.э.н: 08.00.01.- Худжанд, 2015. –С. 10 | Муносибатҳои экологӣ-иқтисодӣ маҷмуи муносибатҳо оид ба ҳамкории ҳамаи субъектҳои хоҷагидории дар иқтисодиёт фаъолияткунанда, бо муҳити зист, аз ҷумла танзими давлатии онҳо мебошад |
| 11. | Селиверстова В.Е. Макроэкономические и региональные аспекты российских реформ. [Текст] / В.Е. Селиверстова, В.И. Клисторина. – Новосибирск, 1999. – С. 165. | Идоракунии низоми экологӣ ва иқтисодӣ - маҷмуи ҷудонашавандаи усулҳо ва воситаҳои идоракунии иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ мебошад |
| 12. | Семин А.А. Экономический механизм экологического равновесия: (Вопросы теории и методологии) / А.А. Семин // Дисс. на соиск. уч. степ. д.э.н: 08.00.01. - Рн/Д, 2000. - С. 196-197с. | Низоми экологӣ-иқтисодӣ муносибати алоқаи организмҳои зинда ва ғайризинда байни худ ва муҳити зист мебошад, ки моҳияти онҳоро мубориза барои шароитҳои мавҷудият ё такрористеҳсоли ҳаёт ташкил мекунад |

Муаллиф тартиб додааст.

Аз мундариҷаи ҷадвал чунин хулоса намудан мумкин аст, ки дар илми иқтисодиёти муосир ақидаҳои гуногун оид ба низоми экологӣ-иқтисодии минтақа ва идоракунии он мавҷуд аст.

Дар асоси таҳлил ва низомбандии ақидаҳои олимони мазкур нуқтаи назари худро оид ба низоми экологӣ-иқтисодии минтақавӣ иброз менамоем: «Низоми рушди экологӣ-иқтисодии минтақавӣ - маҷмуи ҷудонопазири муносибатҳои ҷомеавӣ оид ба ташаккули оқилона ва самараноки робитаи субъектҳои иқтисодӣ бо муҳити зист мебошад, ки истифодаи оптималии сарватҳои табиӣ, ҳифз ва афзоиши онҳоро барои наслҳои оянда дар бар мегирад».

Боиси тазаккур аст, ки солҳои охир дар адабиёти илмии иқтисодӣ ва экологӣ мафҳуми рушди экологӣ-иқтисодӣ бештар паҳн шуда, дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун низоми табиӣ-иқтисодӣ ё ин ки низоми биоиқтисодӣ низ баромад мекунад. Вобаста ба ин, дар манбаъҳо низоми экологӣ-

иқтисодӣ аз рӯи нуқтаи назари қаламрав, макони ҷойгиршавӣ ва шакли фаъолнокии иқтисодӣ дар сатҳҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор мегирад:[8]

1) дар сатҳи глобалӣ;

2) дар сатҳи минтақавӣ.

Вақте ки низоми экологӣ-иқтисодӣ аз лиҳози глобалӣ таҳқиқ карда мешавад, масъалаҳои рушди иқтисодӣ аз нигоҳи ҳифзи табиат ва мақсади асосии расидан ба таъмини рушди устувор, ҳамчун предмет мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Инчунин низоми экологӣ-иқтисодӣ аз нуқтаи назари маконӣ, қаламрав, ҳудудӣ таҳқиқ гардида, масъалаҳои сарбории техногенӣ, зичии аҳолӣ, тағйироти табиӣ-иқлимӣ, партови моддаҳои зараровар, муҳити фаъолият ва дигар шароитҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Дар ин ҷо, ҳамчун объект вилоят, шаҳру ноҳияҳои калон, корхонаҳои алоҳида бо хусусиятҳои муҳити табиӣ, ландшафти ҷойгиршавӣ ва сарбории техногенӣ фарқ мекунанд, дар назар дошта мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо дар натиҷаи фаъолияти низоми экологӣ-иқтисодӣ сарбории зиёди зараровар ба муҳити биосфера расонида шуда, дар минтақа буҳрони экологӣ ба миён меояд.

Дар шароити муосир, ғайр аз ҳодисаҳои табиӣ дар аксари ҳолатҳо раванди истеҳсолӣ, ки сатҳи гуногуни экологӣ дорад, ҳамчун сабаби хавфи экологӣ шуда истодааст. Бо ибораи дигар, муаммоҳои экологӣ-иқтисодӣ бештар дар асоси хатогиҳо, дар муносибатҳои инсон, ҷамъият ва табиат, ки бо тарористеҳсолоти шароити зиндагӣ пайдо шуда истодааст, ба вуқуъ меояд.

То давраҳои наздик муаммои экологӣ бо истифодаи усули идоракунии «Равияи барномавии мақсаднок» дар минтақаҳо ба таври бояду шояд ҳал карда мешуд, яъне дар соҳаҳои гуногун барномаҳои

**8** Акимова Т.А. Экология. Человек - экономика - биота – среда. Учебник для вузов [Текст] / Т.А. Акимова, В.В. Хаскин. – М, ЮНИТИ-ДАНА, 2001. – С. 453.

махсуси ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ амалӣ гардида, каме бошад ҳам, ба коҳиш додани сарбории техногенӣ ба муҳити зист мусоидат мекард. Вале он барои ҳал кардани муаммои муносибатҳои инсон бо табиат ва муҳити зист имконият фароҳам намеоварад. Ҳолати мазкур дар минтақаҳои алоҳида талаботи навро оид ба идоракунии муносибатҳои ҷамъияти инсон бо муҳити зист ва истифодаи самараноки иқтидори захираҳои табиӣ ба миён овард. Аз ин сабаб, мубрамияти идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақаҳо рӯз аз рӯз меафзояд, зеро таъсири инсон (субъекти идоракунӣ) ба табиат (объекти идоракунӣ) дар асоси қонуниятҳои объективии рушди талаботи тамаддуни инсонӣ масъалаҳои нав ба навро ба миён мегузорад.

Бояд қайд намуд, ки идоракунии иқтисодиёти минтақа ҳамчун намуди идоракунии иҷтимоӣ дар худ бисёр ҷанбаҳоро дар бар мегирад, яъне идоракунии истеҳсолот, идоракунии соҳаи ғайриистеҳсолӣ мутобиқ ба шароити рушд, идоракунии вазъи экологӣ ва ғайра мебошад. Зеро, дар якҷоягӣ қисмҳои таркибии он баҳри истифодаи самараноки иқтидори табиӣ ва захиравии минтақа дар баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ ва ҳифзи табиат бояд мусоидат намояд. Аз ин рӯ, омили экологӣ ба заминаи рушд ва идоракунии иқтисодиёти минтақа табдил меёбад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ноил гаштан ба таъмини шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ ва ҳам экологӣ хеле душвор буда, зарурати коркарди усулҳои мутобиқи идоракунӣ пайдо гардид. Вобаста ба ин, олими рус А.Д.Урсул дуруст қайд кардааст: «Амалишавии механизми бозор дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият тибқи талаботи гузошташуда, аз ҷумла дар соҳаи ҳифзи табиат пешбинӣ менамояд, ки озодии ҳаракати мол, хизматрасонӣ ва захираҳо, ҳамзамон истифодаи механизми қавии

идоракунии мутамарказ дар самти муносибатҳои инсон, ҷамъият ва биосфера бояд таъмин карда шавад»[9].

Дар ин ҳолат, идоракунии иқтисодиёти минтақаро ҳамчун ҷараёни таъсиррасонии бомақсад оид ба танзими ҳамкориҳои якҷояи ҷамъият, инсон ва экология дар низоми баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ маънидод кардан мумкин аст. Идоракунии мазкур ду намуди муносибатҳои зернизомҳои муайян, яъне байни инсоният, ҷомеа ва табиатро ифода менамояд. Яке аз онҳо, ҳамчун субъект ва дигаре ба сифати объект баромад мекунад. Ҷараёни бомақсаде, ки барои беҳтар намудани механизми ҳамкориҳои «Инсон-ҷомеа-табиат» равона карда шудааст, онро ҳамчун категорияи идоракунӣ оид ба рушди экологӣ-иқтисодии минтақа ҳисобида мешавад. Онҳо дар якҷоягӣ механизм ва низоми иҷроиши функсияҳои идоракунии иқтисодиёти минтақаро инъикос менамоянд.

Дар шароити муосир раванди таъсиррасонии инсон ба табиат ва баръакс табиат ба ҳаёти инсон боз ҳам шадидтар зоҳир шуда истодааст. Зеро, дар шароити ҷаҳонишавӣ дар натиҷаи аз ҳад зиёд истисмор намудани захираҳои табиӣ, афзоиши заводу фабрика ва нақлиёти гуногун, табиат куллан ба тағйироти ҷиддӣ дучор гардида истодааст. Оид ба ин масъала, якчанд мақолаҳои илмӣ, илмӣ-публисистӣ ва оммавӣ нашр гардида, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ рӯи кор меоянд. Масалан, дигаргуншавии иқлим, баланд гаштани ҳарорати ҳаво, вайрон гаштани муҳити зист, обшавии тезу тунди пиряххо, харобшавии замин, камшавии майдони ҷангалҳо, хушкшавии кӯлу обанборҳо, хушксолӣ, камшавии қабати озонии атмосфера ва ғайраҳо. Дар ҳақиқат, тамаддуни муосири инсоният ба табиат бештар бо таъсиррасонии манфӣ асос ёфта, ба фаъолияти низоми экологӣ-иқтисодии ҷамъият зарбаҳои сахт мерасонад.

---

**9** Урсул А.Д. Экологическое управление: учебное пособие [Текст] / А.Д. Урсул. – М, Изд-во РАГС, 2005. – С. 89.

Дар ин радиф, ҷараёни таъсиррасонии байни табиат ва ҷамъият чунин ифода карда мешавад (Расми 1.1.).




**Расми 1.1. - Алоқамандии ҷамъият ва табиат.**

Имрӯзҳо масъалаҳои экологии рушд иқтисодиёти ҳар як мамлакат ва ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш меорад. Мураккабии вазъи таъмини оптималии идоракунии экологӣ-иқтисодии рушди минтақа дар он аст, ки муносибати ҷомеа ва табиат танҳо бо нигоҳ доштани ҳолати муосири табиат алоқаманд нест. Бидуни он, ҷараёни мазкур ҳифзи табиат ва муҳити зистро аз вайроншавии минбаъда эмин медорад ва илова бар ин, он вайроншавиҳое бо ғалатҳои таъсиррасонҳои манфие, ки ба муҳити табиӣ расонида шудааст, аз нав эҳё ва рушд мебахшад. Ғайр аз ин, рушди инсониятро бе таъсиррасонӣ (дар аксар маврид бо таъсироти манфӣ) тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Бинобар ин, ҳифз, нигоҳдорӣ ва эҳё намудани захираҳои табиии косташуда бо имконияти рушди пешрафти илмӣ-техникӣ, яъне меҳнати инсон зарурати калон дорад. Дар ҳамин радиф, моҳияти асосии якҷояшавии манфиатҳои ҷамъият ва табиат инъикос мегардад. Зеро, дар шароити муосир ҳифз ва эҳё намудани муҳити табиӣ хароҷоти хеле зиёдро талаб менамояд.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ зарурати мудохилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳамчун ниҳодҳои танзимкунанда барои ташкили раванди истеҳсолот бо мақсади танзими муносибатҳо дар низоми «Инсон-ҷамъият-табиат» хеле баланд аст. Зеро, бахши хусусӣ бо мақсади ҳар чӣ бештар ба даст овардани фоидаи калон ба масъалаҳои ҳифзи захираҳои табиӣ аҳамияти хоса намедиҳанд. Дар ҳалли муаммои мазкур, нақши мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ хеле баланд буда, мақомоти мазкур бояд барои ҳалли муаммои экологии табиӣ-иқтисодӣ, ки дар ҳар маҳал мавҷуд аст, дахолат намоянд ва сабаби пайдошавии ин муамморо низ муайян созанд.

Ғайр аз ин, мақомоти минтақавии идоракунии давлатӣ дар маҳалҳо субъектҳои асосие мебошанд, ки ҳадафҳои стратегии давлатро дар амал татбиқ менамоянд. Сатҳи баланди низоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи сиёсати экологӣ-иқтисодӣ натиҷаҳои қарори қабулкардаи худро оид ба беҳтар намудани ҳолати экологии минтақаҳо дар натиҷаи мавҷудияти алоқаи баръакс аз низомҳои поёни идоракунӣ (аз мақомоти маҳаллии идоракунӣ) дастрас менамоянд. Тибқи он, дар миқёси минтақаҳо мақомоти мазкур нақшаи чорабиниҳои зарурӣ таҳия намуда, барои амалишавии он кӯшишҳои зарурӣ равона месозанд.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоятҳо ва маҳалҳо таъмини муҳити мусоиди экологӣ аз қабули қарорҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо вобастагӣ дорад. Фаъолият ва уҳдадории онҳо минбаъд дар таъмини рушди шароити мусоиди экологӣ-иқтисодӣ пурзӯр карда шуда,

маърифати экологии аҳолӣ боз ҳам баланд бардошта шавад. Дар ин радиф, барои муайян намудани усулҳои идоракунии таъмини рушди экологии маконӣ, ҳудудӣ ва минтақавӣ ба кори мақомоти идоракунӣ дар маҳалҳо вагузории мустақилияти муайянро пешниҳод намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамин тавр, моҳияти идоракунии минтақавии рушди экологӣ-иқтисодӣ коркард ва амалишавии вазифаҳои идоракунии таъмини рушди минтақа, ки дар он ҳифзи табиат, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, манфиатҳои ҳозира ва ояндаи аҳолӣ ба инобат гирифта шудааст, ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, мақсади ба инобат гирифтани манфиатҳои экологӣ дар идоракунии иқтисодиёти минтақа – танзими таъсири омилҳои техногенӣ ба муҳити зист ва табиат буда, ба фаъолияти муътадили низоми ҷамъият-табиат ва рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудааст. Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур дар низоми идоракунии минтақа бояд ҳаллу фасли чунин масъалаҳо дар назар дошта шавад:

- эҳё намудани шароит барои барқарорсозии экосистема ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ;
- таъмини шароит барои фаъолияти муътадили муштарак байни низомҳои табиӣ ва сармояи инсонӣ;
- танзими сарбории техногенӣ ва таъсири он ба ҳама гуна қишрҳои биосфера.

Ҳалли масъалаҳои мазкур водор месозад, ки дар ҳар минтақа стратегияи идоракунии иқтисодиёти минтақа якҷоя бо нигоҳдории шароитҳои экологӣ коркард карда шавад.

## 1.2. РАВИШҲОИ МЕТОДӢ БАРОИ АРЗЁБИИ ВАЗЪИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ МИНТАҚА

Барои идора намудани низоми экологӣ-иқтисодӣ иқтидори табиию захиравии минтақа аҳамияти хос дорад. Зеро ҳар як минтақа аз маҷмуи муайяни захираҳои табиӣ-иқтисодӣ бо маҳдудияти маконӣ тавсиф карда мешавад. Дар ҳақиқат, таҳқиқ ва баҳисобгирии иқтидори табиӣ-захиравӣ хусусияти минтақавӣ дорад, чунки захираҳо, муҳити экологии ҳар як минтақа аз якдигар бо меъёрҳои гуногун, яъне бо меъёри маконӣ ва вақтӣ, ки бо хусусиятҳои хоси худ аз дигар минтақаҳо фарқ мекунанд, иборат аст.

Яке аз хусусиятҳои минтақа ҳолати идорашавандаи он мебошад, ки моҳияти ягонагии онро ифода менамояд. Мақомоти маъмурию ҳудудии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти худ кулли узвҳои хоҷагии ҷамъиятиро танзим менамояд. Бо тарзи дигар гӯем, раванди истеҳсолоти моддӣ, истифодаи иқтидори захиравии табиӣ, эҳё намудани инфрасохтор, идораи захираҳои меҳнатӣ, бидуни дахолати мақомоти мазкур танзими муносибатҳои тиҷоратӣ, молиявӣ, экологӣ - иҷтимоиро ба роҳ мондан ғайриимкон аст. Аз ҳамин нуқтаи назар, барои тавсифи ҳолати экологӣ дар ин ё он минтақа равияҳои бисёрмеъёрӣ дар асоси омилҳои гуногун истифода бурда мешавад. Барои арзёбӣ намудани ҳолати экологӣ-иқтисодӣ индикаторҳои маҷмуии зерин истифода бурда мешаванд:

- сатҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа;
- ҳолати иқтидори захиравии табиӣ (бо назардошти сифати он);
- вазъи саломатии аҳолӣ;
- таҳлили нишондиҳандаи демографии аҳолӣ (тавлид, фавт ва ғайра);
- хориҷкунии партови моддаҳои зараровар ба муҳити зист, ҳаҷми он ва сатҳи зараровари;

- таҳлили хусусиятҳои хоси техникӣ-технологии истеҳсолот ва ҳолати он;

- арзиши пулии зарарҳо, ки ба муҳити зисти табиӣ расонида шудааст,[10] аз ҷониби мутахассисони соҳа ворид карда шуд.

Дар ҳақиқат, арзёбии ҳолати экологии минтақа барои муайян намудани контурҳои минбаъдаи рушд хеле зарур аст. Зеро муайян намудани пардохтҳо ҷиҳати истифодаи захираҳои табиӣ, мизони ҷаримаҳо барои барзиёд ифлос намудани муҳити зист, гузориши имтиёзҳои андозӣ, ҳамчунин ҳифзи табиат, банақшагирӣ ва пешгӯйикунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа бидуни гузаронидани арзёбӣ ғайриимкон мебошад.

Дар илми иқтисодиёт баҳри муайян намудани ҳолати экологии ҳар як минтақа низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо истифода бурда мешаванд ва дар бештари маврид мутахассисон нисбати чунин ҳолат мафҳуми «бехатарии экологӣ»-ро истифода мебаранд. Нишондиҳандаи ниҳоии бехатари экологӣ - муҳити зисти ободи инсон, ҳолати беҳтарини муҳити табиӣ ва риояи меъёри интегралӣ-комплексӣ мебошад, ки дар натиҷаи якҷояшавӣ нишондиҳандаҳоро инъикос менамоянд. Масалан, нишондиҳандаи интегралӣ бисёр ҷанбаҳои фаъолияти минтақаро бояд дар бар гирад, яъне иқтидори захираҳои табиии минтақа ва имкониятҳои рушди он, сатҳи истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, сифати ҷараёни такрористеҳсолот, вазъи ҳолати экологӣ, сармояи инсонӣ, сатҳи таъсири омилҳои манфии экологӣ ба вазъи саломатии аҳолӣ ва ғайра.

Бидуни нишондиҳандаҳои болозикр ба индикаторҳои бехатарии экологӣ боз чунин масъалаҳоро ворид кардан мумкин аст: дуршавии меъёрҳои ҳифзи муҳити зист аз меъёрҳои милокӣ, таҳдидҳои партови

---

**10** Гузев М.М. Экономические проблемы и механизм экологически устойчивого развития [Текст] / М.М. Гузев. - Волгоград, 1997. – С. 167.

зараровар ва арзёбии бохт ва норасоиҳо, сатҳи таъсири омилҳои манфии экологӣ ва ғайра.

Низоми экологӣ-иқтисодӣ ҳамчун падидаи мураккаб ҳисобида мешавад, зеро дар он муносибатҳои «Инсон-ҷамъият-табиат» инъикос мегарданд. Аз ин лиҳоз, дар вақти арзёбӣ намудан талаб карда мешавад, ки равиши маҷмуӣ (комплексӣ) ва низомманд (системавӣ) бояд истифода гарданд. Бинобар ин, дар баҳогузорӣ равишҳои гуногуни методӣ истифода бурда мешаванд.

Дар илми иқтисодиёт яке аз равишҳои паҳнгашта равиши захиравии баҳогузорӣ мебошад. Дар низоми иқтисодӣ равиши мазкур барои муайян намудани бехатарии экологӣ ва сарбории экологӣ таъиноти истифодабарӣ дорад. Мундариҷаи равиши захиравӣ дар он инъикос меёбад, ки саравval, нишондиҳандаҳои миқдории ташкили низоми экологӣ тариқи алоҳидагӣ аз ҳамдигар ҷудо карда шаванд. Пас аз он нишондиҳандаи сифатии вазъи экологӣ муқоиса ва баҳогузорӣ хоҳад гашт. Ба нишондиҳандаи миқдорӣ асосан имконоти экологӣ, иқтидор ва захираҳои табиӣ, техно-имконот ва сарбории экологӣ дохил мешаванд.

Дар ҷомеаи муосир дар асоси баҳогузории нишондиҳандаи мазкур баҳри муайян намудани сифати экологии минтақаҳо таҳлили муқоисавии вазъияти имрӯза бо стандартҳо ва меъёр (эталон)-ҳои қабулшуда гузаронида мешавад. Дар асоси он, муътадилии ҳолати табиии хоҷагидорӣ, вазъи сифатии истифодаи захираҳо арзёбӣ карда мешавад. Вале, дар илм ва амалияи иқтисодиёт истифодаи равиши методӣ нисбати он нишондиҳандаҳое, ки алҳол барои онҳо стандартҳо ё меъёр коркард нашудааст, мушкилот ба миён меоранд. Бинобар ин, равиши захиравиро ҳамчун равиши методии беҳтарин эътироф кардан ғайриимкон мебошад. Ба ин нигоҳ накарда имрӯз равиши захиравӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Имрӯз усули баҳодиҳии иқтисодиёт (таъсири инсон) ба вазъи муҳити табиӣ бо роҳи муқоисавӣ дар бештари асарҳои олимон мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар чаҳорчӯбаи равиши методии мазкур баҳри муайян намудани ҳолати экологии рушди иқтисодиёт нишондиҳандаи интегралӣ низ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар ин усул, ҳамчун асос индекси маҷмуии баҳодиҳӣ, хусусан ҳадди аксари консентратсияи моддаҳои зараровар муайян ва муқоиса карда мешавад. Масалан, барои муайян намудани индекси ифлосшавии атмосфера, индекси маҷмуии ифлосшавии атмосфера, барои объектҳои обӣ - индекси ифлосшавии об, нисбати замин - индекси ифлосшавии кимиёвии хок нишондиҳандаи интегралӣ истифода бурдан мумкин аст. Дар ин самт ифлосшавии ҳадди аксари ҷузъҳои таркибии муҳити зист, яъне обу ҳаво ва замин мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Дар илм ва амалияи иқтисодиёт равиши дигари арзёбии экологӣ-иқтисодии рушди минтақаҳо низ истифода бурда мешавад, ки аз ҷониби Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд пешниҳод карда шудааст. Ин усул ҳамчун равиши индикативии индексӣ[11] маъмул буда, баҳри муайян намудани оқибатҳои таъсири инсон ба муҳити зист ва ҳолати экологӣ-иқтисодии рушди минтақа истифода мегардад (Ҷадвали 1.2).

**11** Куклин А.А. Социально-экономическое обоснование экологической безопасности региона [Текст] / А.А. Куклин, И.С. Белик, Н.Л. Никулина. – Екатеринбург, УГТУ-УПИ, 2005. – С. 44-45.

**Ҷадвали 1.2. - Нишондиҳанда (индикатор)-ҳои экологӣ-иқтисодии муҳити зист**

| Номгӯй | Нишондиҳандаҳои тавсифӣ | Нишондиҳандаҳои арзёбӣ | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
|---|---|---|---|
| **Сабабҳо (D)** | - шумораи аҳолӣ;<br>- нишондиҳандаи истеҳсолӣ ва истеъмолӣ | - муқоисаи нишондиҳандаи тавсифӣ бо қимати миёнаи миллӣ / байналмилалӣ;<br>- муқоисаи нишондиҳандаи тавсифӣ бо қоидаҳо, таҷриба ё ҳадафҳои миллӣ / байналмилалӣ | - ҷойгиршавии аҳолӣ дар як км мураббаъ;<br>- сабук кардани меҳнати ҷисмонӣ (татбиқи технологияи нав) |
| **Фишор (P)** | - воридшавии моддаҳои ифлоскунанда ба муҳити зист;<br>- ҳаҷми истифодаи захираҳои табиӣ; хусусиятҳои истифодаи замин | - муқоиса бо қимати миёнаи миллӣ / байналмилалӣ;<br>- бо қоидаҳо, таҷриба ё ҳадафҳои миллӣ / байналмилалӣ;<br>- муқоисаи ҳолати мавҷудаи таъсири сарбории вазнин ба системаҳои экологӣ | - истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як воҳиди майдон;<br>- ихроҷи моддаҳои ифлос ба як воҳиди маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ;<br>- истеҳсоли молҳо ё хизматрасониҳо |
| **Ҳолат (S)** | - қобилияти ҳосилхезии заминҳо;<br>- консентратсияи моддаҳои кимиёвӣ;<br>- хусусиятҳои биологии миқдорӣ ва сифатии системаҳои экологӣ | - муқоисаи нишондиҳандаи тавсифӣ бо қимати миёнаи миллӣ / байналмилалӣ;<br>- бо қоидаҳо таҷриба ё ҳадафҳои миллӣ / байналмилалӣ;<br>- бо ҳолати объективӣ таъсири сарбории вазнин ба системаҳои экологӣ | - истифодаи мақсадноки замин;<br>- мавҷудияти элементҳои кимиёвӣ дар таркиби хок;<br>- ҳолати мутавозинии ситемаҳои экологӣ |
| **Таъсирот ( I )** | - воя;<br>- эҳтимолияти расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии инсон;<br>- аз байн рафтани намудҳои камшумори ҳайвонот ва наботот;<br>- кам шудани сарватҳои табиӣ | - муқоисаи нишондиҳандаи тавсифӣ бо қимати миёнаи миллӣ / байналмилалӣ;<br>- қоидаҳо, таҷриба ё ҳадафҳои қобили қабул дар сатҳи миллӣ ё байналмилалӣ | - риоя намудани воя ва милокҳои меъёрӣ;<br>- пешгирии бемориҳои сироятӣ;<br>- ҳифзи олами ҳайвонот ва наботот |
| **Аксуламал (R)** | - хароҷоти ҳифзи муҳити зист;<br>- коэффитсиенти тоза намудани партов ва дигар ифлосиҳо | - муқоиса бо қимати миёнаи миллӣ / байналмилалӣ;<br>- муқаррарот ва ҳадафҳои миллӣ / байналмилалӣ | - самаранокии тадбирҳо ва таъсири он ба воҳиди хароҷот;<br>- ҳавасмандии иқтисодӣ барои ихроҷи ками партов |

Дар боло якчанд мафҳумҳои навро ба монанди имконоти экологӣ ва техно-имконот истифода бурдем, ки бо мақсади дар оянда ба иштибоҳ роҳ надодан моҳияти онҳоро кушода диҳем. Боиси қайд аст, ки дар илми иқтисодиёт оид ба моҳияти имконоти экологӣ ва техно-имконот андешаҳои гуногун ҷой доранд. Дар адабиёти илми иқтисодӣ омадааст: имконоти экологии минтақа маҷмуи захираҳои табиӣ буда, якум, бо ҳаҷми захираҳои асосии табиӣ (ҳавзаи ҳавоӣ, кӯл ва захираҳои обӣ, майдони заминӣ, сифати хок, флора, фауна ва ғайра), дувум, қувваи ҷараёнҳои гирдгардиши биогеохимиявӣ, яъне ҳолати азнавэҳёшавии захираҳои табиӣ (ҷараёни хокпайдошавӣ, зиёдшавии ҳаҷми об, барқароршавии сарватҳои табиӣ, аз нав эҳёшавии табиат ва ғайра)[12]. Ҳамзамон моҳияти техно-имконоти минтақа ҳамчун қобилияти ниҳоии бардошта тавонистани сарбории техногенӣ ва сарбории ғуншавии моддаҳои зараровар маънидод шудааст[13].

Олимони рус Т.А.Акимова, В.В.Хаскина мафҳумҳои имконоти экологӣ ва техно-имконот, дар навбати худ усулҳои ҳисоб кардани онро низ муайян ва пешниҳод кардаанд. Ба ақидаи онҳо усули ҳисоб намудани ин ду нишондиҳандаи рушди экологӣ-иқтисодии минтақа, ҳамчунин, як нишондиҳандаи дигар, яъне таъсири омилҳои техногенӣ, ки сарбории техногениро дар ҳар як минтақаи алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифтанаш мумкин аст, пешниҳод кардаанд:

$$\boldsymbol{E}_{\mathrm{i}} = \boldsymbol{V}_{\mathrm{i}} \cdot \boldsymbol{C}_{\mathrm{i}} \cdot \boldsymbol{F}_{\mathrm{i}}, \qquad (1.1)$$

дар ин ҷо

$\boldsymbol{V}_{\mathrm{i}}$ - ҳаҷми ҷараёни обҳои рӯизаминӣ ё майдони сатҳи замин, ки мутаносибан бо км$^3$ ё км$^2$ чен карда мешавад;

**12** Макроэкология и основы экоразвития: учебное пособие [Текст] / Т.А. Акимова и др. Под ред. Ж.В. Медведева. – М, Рос. ун-та дружбы народов, 2005. – С. 137.
**13** Макроэкология и основы экоразвития: учебное пособие [Текст] / Т.А. Акимова и др. Под ред. Ж.В. Медведева. – М, Рос. ун-та дружбы народов, 2005. – С. 138.

$C_i$ - таркиби моддаҳои асосии аз ҷиҳати экологӣ муҳим дар ин муҳит, ки бо т/км$^2$ ё т/км$^3$ чен карда мешавад. Барои биомасса С - зичии тақсимоти сатҳи биомассаи қаламрав т/км$^2$ мебошад;

$F_i$ - суръати азнавсозии бисёркаратаи ҳаҷми об ё биомасса, сол$^{-1}$.

Арзёбии техно-имконоти экологии минтақа, ки бо воҳиди сарбории умумии техногенӣ ифода ёфтааст, бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_e = \sum_{i=1}^{3} E_i \cdot X_i \cdot \mathcal{T}_i \,, \qquad (1.2.)$$

дар ин ҷо

$T_e$ - техно-имконоти экологии минтақа, шартан т/сол;

$E_i$ - иқтидори ғунҷоиши экологии $i$-муҳит, т/сол;

$X_i$ - таносуби тағйирёбии таркиби моддаҳои асосии ларзишҳои табиӣ дар муҳити зист;

$\mathcal{T}_i$ - таносуби интиқоли вазн ба тоннаи шартӣ (хатари нисбии зарраҳо), сӯзишвории шартӣ/тонна. Бо риояи шартҳои истифодаи «моддаҳои асосӣ» барои сабук гардонидани оқибатҳои ифлосшавии техногенӣ равона гардидааст.

Методикаи мазкур ҳамчун меъёри амнияти экологии ҳудуд ба шарте асос ёфтааст, ки сарбории техногенӣ аз потенсиали худбарқароршавии қаламрав зиёд набошад.

Таъсири омилҳои техногенӣ **($U_i$)** барои ҳар як муҳити зист бо истифодаи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$U_i = m_i^t * K_{e1}, \qquad (1.3)$$

дар ин ҷо

$m_i^t$ - вазни додашудаи моддаҳои ифлоскунанда, тоннаи шартӣ;

$K_{e1}$ - таносуби хатари нисбии экологӣ-иқтисодии моддаҳои ифлоскунандаи $i$ ё гуруҳи моддаҳои дигари хатарнок.

Ҷолибияти ин методика дар он зоҳир мегардад, ки муқоисаи иқтидорҳои техно-имконоти минтақа ва сарбории техногенӣ дар заминаи муҳити зист, яъне озмоиши шарти асосии амнияти экологӣ аст, тибқи он таъсири омилҳои антропогенӣ ба муҳити табиӣ набояд аз техно-имконоти экологии қаламрав зиёд бошад.

Олимони рус О.П. Сиромятникова ва Т.В. Задорова ақида доранд[14], ки барои ташаккули муҳити мусоиди экологии минтақа нишондиҳандаҳои муайянеро ба ҳар сари аҳолӣ ҳисоб кардан лозим аст. Ин нишондиҳандаҳо шартан ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд (Ҷадвали 1.3).

**Ҷадвали 1.3. - Нишондиҳандаҳои сифати муҳити зист**

| № | Гуруҳи якум | Гуруҳи дуюм |
|---|---|---|
| | Нишондиҳандаҳое, ки сифати муҳити зистро инъикос мекунанд: | Нишондиҳандаҳое, ки ҷиҳати фароҳам овардани муҳити мусоиди экологӣ хароҷоти иқтисодиро муайян мекунанд: |
| 1. | Ихроҷи моддаҳои ифлоскунандаи ҳавои атмосфера аз манбаъҳои доимӣ | Маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ, ки ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ нигаронида шудааст |
| 2. | Тоза ва безарар кардани моддаҳои ифлоскунандаи атмосфера | Хароҷоти ҷории ҳифзи муҳити зист |
| 3. | Берун кардани ифлоскунандаи обҳои партов | - |
| 4. | Ҳаҷми истифодаи обҳои тоза дар фаъолияти хоҷагидории инсон | - |
| 5. | Коркарди партови истеҳсолот ва истеъмолот | - |
| 6. | Ҳаҷми обҳои доимӣ ва такроран истифода-шаванда дар фаъолияти хоҷагидории инсон | - |

Тибқи ақидаи олимони мазкур, ки нишондиҳандаҳои гуруҳи якум ҳамчун нишондиҳандаи «табиатғунҷоиш» дар маҷмуи маҳсулоти минтақа ва гуруҳи дуюмро ҳамчун нишондиҳандае, ки сатҳи экологикунонии раванди истеҳсолот тавсиф намуданд ва барои муайян

[14] Сыромятникова О.П. Оценка эколого-экономического развития региона [Текст] / О.П. Сыромятникова, Т.В.Задорова // Региональная экономика: теория и практика. – 2016.-№8.-С. 178.

намудани мавқеи (рейтинги) ҳар як минтақа истифодаи формулаи зеринро пешниҳод кардаанд:[15]

$$\boldsymbol{p_i} = \sqrt{\sum_{\boldsymbol{i=1}}^{\boldsymbol{n}} (\mathbf{1} - \boldsymbol{x_{ij\cdot}})^2} \qquad (1.4.)$$

дар ин ҷо

$\boldsymbol{x_{ij\cdot}}$ – вазъи нишондиҳандаҳои стандартии минтақаи **j.**

Боиси тазаккур аст, ки дар илми иқтисодиёт баҳри арзёбии рушди экологӣ-иқтисодии минтақаҳо оид ба зарурати коркарди индикаторҳои экологӣ ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, профессори рус С.Н.Боболев қайд карда буд, ки: «Маҷмуи индикаторҳо, нишондиҳандаҳо ва меъёрҳо, ки вазъи низоми «табиат-хоҷагӣ-аҳолӣ» бояд дар ҷомеа нақши калидӣ дошта бошад... баҳри таҳлил то он даме, ки маҷмуи индикаторҳои рушди устувор таҳия карда намешаванд, оид ба вазъи рушди иқтисодии минтақа сухан кардан ғайриимкон аст».[16]

Ғайр аз ин, нишондиҳандаи интегралӣ ва самаранокии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавқеи худро дорад, ки онҳо дар навбати худ, таъсири фаъолияти инсонро ба муҳити зист бояд инъикос намоянд. Вақте сухан дар бораи арзёбии рушди устувор меравад, аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ, алалхусус, аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати арзёбии рушди экологӣ-иқтисодӣ дар миқёси давлат чунин нишондиҳандаҳоро ҳисоб ва таҳлил менамоем:

- индекси «рушди иқтидори инсонӣ» (UN);
- индекси «пасандозҳои ҷамъшуда боислоҳот» (WB);
- индекси «бахту саодат» (UN);
- пайравии экологӣ (WWF);

---

**15** Сыромятникова О.П. Оценка эколого-экономического развития региона [Текст] / О.П. Сыромятникова, Т.В.Задорова // Региональная экономика: теория и практика. -2016, -№8. - С. 179.
**16** Эколого-экономический индекс регионов Российской Федерации. Методика и показатели для расчета [Текст] / С.Н. Бобылев, В.С. Минаков, С.В. Соловьева, В.В. Третьяков. – М, WWF России и РИА-Новости, 2012. – С. 113.

- индекси «Сайёраи зинда» (WWF).

Нишондиҳандаҳои мазкур аз ҷониби мутахассисони ташкилоти байналмилалӣ бо методикаи беҳтарин ҳисоб карда шуда, натиҷаҳои онҳо дар маҷаллаҳои ташкилотҳо нашр мегарданд. Нишондиҳанда ва индексҳо дар асоси далелу рақамҳои оморӣ ва ҳам баҳогузории экспертӣ ба амал баровардa мешавад.

Дар амалияи ҷаҳонӣ барои таҳлили вазъи экологӣ-иқтисодии минтақаҳо дар аксари ҳолатҳо як намуди махсуси индекс, ки «индекси декаплинг» мебошад, васеъ истифода мегардад [System of Environment-Economic Accounting].[17] Бо ёрии индекси мазкур нишондиҳандаҳои сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳо аз рушди истеъмоли захираҳои табиӣ, партови истеҳсолот ва истеъмолот муайян ва муқоиса мешаванд. Дар асоси ҳисоб намудани «индекси декаплинг» минтақаҳо аз рӯи рушди экологӣ-иқтисодӣ ба гуруҳҳо ҷудо карда мешаванд. Боиси қайд аст, ки усули ҳисоб кардани «индекси декаплинг» вобаста аз истифодаи нишондиҳанда ва формулаҳои ҳисоб гуногун аст ва дар корҳои зерини олимони рус ба монанди В.П.Самарина, А.О.Акулов, С.Н.Кирилов ва Г.И.Шкиперов мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.[18]

Дар аксари ҳолатҳо ҷараёни таҳлили «индекси декаплинг» аз рӯи чунин нишондиҳандаҳо роҳандозӣ мегарданд:

- маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ;
- рушди некӯаҳволии аҳолӣ;
- ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ.

Ин нишондиҳандаҳо ба гуруҳи нишондиҳандаи иқтисодӣ шомил аст. Ба гуруҳи нишондиҳандаи экологӣ бошад:

- нишондиҳандаи ифлосшавии муҳити зист;

---

**17** Аникина И.Д. Эколого-экономическое состояние регионов: совершенствование методологии и методики оценки [Текст] / И.Д. Аникина, А.А. Аникин // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия Экономика. – 2019. – Т. 21, - №4. – С. 144.

**18** Яшалова Н.Н. Анализ появления эффекта декаплинга в эколого-экономической деятельности региона [Текст] / Н.Н. Яшалова // Региональная экономика: теория и практика. - 2014. - №9 (366). –С. 56.

- захирағунҷоиши истеҳсолот;
- ҳаҷми канданиҳои фоиданок;
- майдони замине, ки аз гирдгардиш бароварда шудааст ва дигар нишондиҳандаи экологӣ дохил мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ тарзи ҳисоб кардани «индекси декаплинг» бо қиматҳои ҳисобкарда бо тарзи тасҳеҳ оварда шудааст, ки яке аз онро мо дар кори диссертатсионӣ инъикос менамоем.[19]

Дар асоси ҳисоб намудани қимати «индекси декаплинг» барои таҳияи хулосаҳои ҷолиб оид ба ҳолати экологӣ-иқтисодии минтақа аз ҷониби олимон амсилаи таҳлилии самараи «индекси декаплинг» пешниҳод шудааст. Дар асоси муқоисаи коэффитсиентҳои захираҳои истифодашаванда ё ин ки ифлосшавии муҳит ва нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:[20]

$$\boldsymbol{DI = T_{R} / T_{Y}} \qquad (1.5)$$

дар ин ҷо

**$T_R$** - тағйирёбии нисбӣ (суръати афзоиш)-и захираҳои истеъмолшуда ё ифлосшавии муҳит дар давраи муайян;

**$T_Y$** - тағйироти нисбӣ (суръати афзоиш)-и нишондиҳандаи натиҷавӣ (одатан маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ва ғ.) дар ҳамон давра;

**DI** – «индекси декаплинг», ки бо воҳиди нисбӣ ифода ёфтааст.

**Ҳангоми** DI > 1,0 будан самараи «индекси декаплинг» вуҷуд надорад - истеъмоли захираҳо ё ифлосшавии муҳити зист нисбат ба рушди иқтисодӣ бо суръати тез ба амал меояд;

**Ҳангоми** DI = 1,0 будан суръати рушди иқтисодӣ ва ифлосшавии муҳити зист баробар мебошанд;

---

**19** Яковлева Е.Ю. Экономическая оценка межотраслевых потоков природных ресурсов и загрязнений / Е.Ю. Яковлева // Дисс. на соиск. уч. степ. к.э.н: 08.00.05. - М., 2016. – С. 108.

**20** Яковлева Е.Ю. Экономическая оценка межотраслевых потоков природных ресурсов и загрязнений / Е.Ю. Яковлева // Дисс. на соиск. уч. степ. к.э.н: 08.00.05. - М., 2016. – С. 113.

**Ҳангоми** DI < 1,0 самараи «индекси декаплинг» мушоҳида мешавад, яъне суръати рушди иқтисодӣ аз ифлосшавии муҳити зист баландтар аст.

«Индекси декаплинг», ки бо формулаи болозикр ҳисоб карда шудааст, имкон медиҳад, ки мавҷудияти самараи «индекси декаплинг» арзёбӣ гардад, аммо имкони баровардани хулосаҳои амиқ дар бораи вазъи экологӣ-иқтисодии минтақа вуҷуд надорад.

Дар таҳқиқоти мо, амсилаи таҳлили самараи «индекси декаплинг» дар асоси муқоисаи суръати афзоиши захираҳои истеъмолшуда ё ифлосшавии муҳит ва нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ пешниҳод шудааст.

«Индекси декаплинг»-иислоҳшуда дар амсилаи мо бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\mathbf{DI^1 = T_R^1 - T_Y^1}, \qquad (1.6)$$

дар ин ҷо

**$DI^1$** – «индекси декаплинг»-и танзимшуда, ки бо воҳиди нисбӣ ифода шудааст;

**$T_R^1$** – коэффитсиенти афзоиши захираҳои истеъмолӣ ё ифлосшавии муҳит дар давраи муайян, бо воҳиди нисбӣ;

**$T_Y^1$** – коэффитсиенти суръати афзоиши нишондиҳандаҳои натиҷавӣ дар ҳамин давра, бо воҳиди нисбӣ;

Дар асоси ҳисобу китоб аз рӯи формулаҳои мазкур 6 ҳолати сатҳи самаранокии вазъияти экологӣ-иқтисодии минтақа аз якдигар фарқ мекунанд:

**Ҳолати 1:** $T_R^1(–)<T_Y^1$ (+), $DI^1<0$. Мавҷудияти таъсири «декаплинги мутлақ». Ин вазъи нисбатан мусоид барои иқтисодиёти минтақа мебошад, ки бо коҳиш ёфтани сарбории экологӣ дар минтақа бо афзоиши ҳамзамони иқтисодӣ, рушди устувори минтақа тавсиф карда мешавад.

**Ҳолати 2:** $T_R^1(+;\ 0)<T_Y^1(+)$, $DI^1<0$ ё $=0$. Мавҷудияти таъсири «ҷудошавии нисбии декаплинг». Вазъият муътадил буда, самаранокии иқтисодиёти минтақа ба афзоиши хароҷоти экологӣ зам карда мешавад, дар натиҷа таъсири омилҳои манфӣ ба муҳити зист меафзояд. Аммо «индекси декаплинг»-и ҷудошавӣ манфӣ боқӣ мемонад, ки ин аз ташаккул ёфтани рушди устувори минтақа шаҳодат медиҳад.

**Ҳолати 3:** $T_R^1$ $(-;\ 0)>T_Y^1$ $(-;\ 0)$, $DI^1$ $<0$ ё $=0$. Мавҷудияти таъсири «ҷудошавии нисбии декаплинг». Вазъият дар натиҷаи коҳишёбии сарбории экологии минтақа ба паст шудани маҷмуи маҳсулоти минтақа хос мебошад, аммо вазнинии вазъияти экологӣ нисбат ба натиҷаҳои иқтисодӣ зудтар коҳиш меёбад. Чунин вазъият, дар шароити азнавсозии истеҳсолот, гузаштан ба технологияи нави муосири бепартов имконпазир мебошад.

**Ҳолати 4:** $T_R^1(+)>T_Y^1(+)$, $DI^1>0$. Таъсири «ҷудошавии нисбии декаплинг» вуҷуд надорад. Ба вазъи экологии минтақа зиёдшавии босуръат ба сарборӣ таъсир расонад ҳам, вале рушди иқтисодӣ низ ба мушоҳида мерасад. Дар ин давра ба дастгирии лоиҳа ва «технологияҳои сабз» таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардан зарур аст.

**Ҳолати 5:** $T_R^1(-)<T_Y^1(-)$, $DI^1>0$. Таъсири «декаплинг» вуҷуд надорад. Ин вазъият ба коҳишёбии сарбории экологӣ оварда мерасонад. Дар баробари ин, паст рафтани нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодии минтақа аз он гувоҳӣ медиҳанд.

**Ҳолати 6:** $T_R^1(+)>T_Y^1(-)$, $DI^1>0$. Таъсири «декаплинг» вуҷуд надорад. Вазъияти бадтарин ва буҳронӣ, ки дар он афзоиши сарбории экологии минтақа бо паст шудани вазъи иқтисодӣ алоқаманд аст.

Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар илми иқтисодиёт оид ба ҳолати низоми экологӣ-иқтисодии минтақа нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои зиёд мавҷуданд. Ин объективона дуруст аст, зеро дар иқтисодиёт олимон эътироф менамоянд, ки рушди иқтисодии минтақа,

макон ва ҳудудҳо аз вазъи таҳдидҳои экологӣ, ҳолати захираҳои табиӣ вобастагии калон дорад. Арзёбии сатҳи рушди экологӣ-иқтисодии минтақа барои кулли субъектҳои иқтисодӣ ниҳоят зарур аст. Масалан, барои сармоягузорон, соҳибкорон ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, ки машғули фаъолият мебошанд, натиҷаи кори онҳо сарбории экологиро дар минтақа тағйир медиҳад, рушди устуворро таъмин менамояд ва ба эҳёи «иқтисодиёти сабз» ҳисса мегузорад, ки ин ба наслҳои оянда хеле муҳим аст.

Барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва ҷамъият бояд арзёбии сатҳи экологӣ-иқтисодии минтақа ҳамчун фишанги таъсиррасон оид ба муайян намудани роҳҳои самараноки рушди минтақа, таҳияи консепсияи «иқтисодиёти сабз» ва дар раванди истеҳсолот коҳиш додани таъсири партови зараровари ба муҳити зист роҳандозӣ гардад.

## 1.3. ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ҶАҲОН ОИД БА ИДОРАКУНИИ РУШДИ ЭКОЛОГӢ - ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

Дар шароити муосир ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист муаммои мубрами глобалӣ ба ҳисоб меравад. Дар миқёси ҷомеаи ҷаҳонӣ ин муаммо рӯз аз рӯз тавсеа меёбад ва аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон барои ҳалли масъалаи мазкур чораҳои судманд андешида мешавад. Ба ин нигоҳ накарда, муаммоҳои экологӣ-иқтисодӣ бо сабабҳои объективӣ, яъне афзоиши аҳолӣ, рушди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии иқлим ва ғайраҳо ба вуҷуд омада, водор менамояд, ки ба низоми идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии кишварҳо сифати нав дода шуда, танзими фаъолияти онҳо боз ҳам пурзӯр карда шавад.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол иқтидори табиии беназири худро дорад ва бо якчанд намуди захираҳои табиӣ бой мебошад. Масалан, дар яке аз асарҳои олимони ватанӣ Х.М.Мухаббатов, Н.Х.Хоналиев омадааст: «Тоҷикистон дорои захираҳои бойи маъданиву ғайримаъданӣ, аз қабили металҳои сиёҳ, ранга, қиматбаҳо, нодир, тилло, нуқра, сангҳои худҷило ва ороишӣ, ангишт, нафт ва дигарҳо мебошад. Дар шароити тағйирёбии иқлим, ки ҳифзи манбаъҳо ва захираҳои оби тозаи ошомиданӣ ба яке аз мушкилоти асосии аҳолии кишварҳои ҷаҳон табдил ёфтааст, Тоҷикистон дар ин самт дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф эътироф гардидааст. Мавҷудияти иқтидорҳои фаровони энергетикӣ дар мамлакат аз ҷумлаи омилҳои асосии рушди минбаъдаи соҳаҳои саноат ба ҳисоб меравад. Дар кишварамон қариб 98 фоизи нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз нерӯи оби табиӣ тавлид гардида, Тоҷикистон аз рӯи истеҳсоли «энергияи сабз» шашумин кишвари пешсафи сайёра маҳсуб меёбад. Пешрафти ояндаи Тоҷикистон

аз энергияи барқароршаванда вобастагии зиёд дорад. Зеро, он омили муҳимми таъмин намудани тараққиёти босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, пешгирии офатҳои табиии вобаста ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши партови зарарнок мебошад».[21]

Бинобар ин, мақсади асосии иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла, иқтисодиёти минтақаҳо истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва сабук намудани таъсири омилҳои беруна ба муҳити зист мебошад. Вале, дар шароити амалишавии механизмҳои иқтисодиёти бозор фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон муносибатҳо дигаргун мегарданд, зеро дар фаъолияти бештари корхонаҳои бахши хусусӣ, мақсади асосӣ коркард ва азхудкунии захираҳо буда, ба муҳити зист таъсири манфӣ расониданаш мумкин аст. Бо ин мақсад, дар сохтори ҳукумати кишвар, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бояд як низоме амалӣ гардад, ки тариқи оптималӣ идоракунии маъмурӣ-ҳуқуқии истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зистро таъмин карда тавонад.

Аз ин лиҳоз, оид ба омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар самти танзими маъмурии истифодаи захираҳои табиӣ ва муҳити зист бояд аҳамияти хоса дода шавад, зеро ҳадафи асосӣ қабули таҷрибаи беҳтарини кишварҳои ҷаҳон дар самти низоми идоракунӣ ба ҳисоб меравад.

Боиси қайд аст, ки дар баъзе кишварҳои ҷаҳон, махсусан дар кишварҳои мутараққӣ оид ба таъмини рушди устувор ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати экологӣ таҷрибаи бой андӯхта шудааст. Ба андешаи мо, давлатҳои мутараққӣ нисбати дигар давлатҳо пештар ба масъалаи тезу тундшавии масоили экологӣ рӯ ба рӯ гаштаанд, бинобар

---

**21** Мухаббатов Х.М. Памир: ресурсный потенциаль и перспективы развития экономики [Текст] / Х.М. Мухаббатов, Н.Х. Хоналиев. – Душанбе, «Мастер-принт», 2005. – С. 185.

ин онҳо ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, чораҳои зарурӣ меандешанд.

Бо мақсади муайян намудани роҳу усулҳои идоракунии низоми экологӣ-иқтисодии рушди минтақаҳо, таҷрибаи минтақавии идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зистро дар баъзе кишварҳои мутараққии ҷаҳон баррасӣ менамоем. Масалан, яке аз давлати мутараққӣ Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад, ки ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоем.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ташаккули сохтори давлатӣ оид ба идоракунии экологӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Масалан, гуфтан мумкин, ки дар охири асри XVIII дар сохтори федералии ҳукумат «Хадамоти боғҳои миллӣ» мавҷуд буд, вале пас аз он дар солҳои минбаъда дар ИМА вазифаи идоракунии ҳифзи захираҳои об ва атмосфера аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи меҳнат амалӣ карда мешуд. Аз солҳои 70-уми асри XX оғоз карда, дар бисёр кишварҳои пешқадам, аз ҷумла дар Амрико дар сохтори мақомоти давлатии идоракунӣ дар бобати танзими масъалаҳои экологӣ мақоми давлатии махсус таъсис дода шуд. Масалан, дар яке аз сарчашмаи илмии олими рус О.П.Сиромятникова омадааст, ки: «Сохтори ташкилӣ-идоравии идоракунии муҳити зист дар ҳайати худ шуъбаҳои махсуси иҷроияи ҳокимияти давлатӣ доштанд, аз ҷумла раёсати захираҳои табиӣ (Department of natural resources); раёсати ҳифзи табиат (Department of environmental conservation); раёсати захираҳои моҳӣ ва шикори онҳо (Department of fish and game)».[22]

Амрико давлати федералӣ ба ҳисоб рафта, масъалаҳои истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист дар ҳар се сохтори идоракунии давлатӣ, яъне федералӣ, иёлатӣ ва маҳаллӣ ташкил карда шудааст. Дар натиҷаи буҳрони шадиди экологӣ дар солҳои охири асри XX Ҳукумати

**22** Сыромятникова О.П. Экологизация управления региональной экономикой. / О.П. Сыромятникова // Дисс. на соиск. уч. степ. к.э.н: 08.00.05. - Чебоксары, 2012. – С. 42.

Амрико маҷбур шуда, ба хулосае омад, ки ба масъалаҳои рушди экологӣ-иқтисодӣ боз ҳам аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Вобаста ба ин, дар сиёсати экологӣ-иқтисодии давлат тамоюли нав пайдо шуд, ки моҳияти онро - «ба ҷои пардохти зарар, ҳаракат ҷиҳати пешгирии он» номидан мумкин аст. Дар чаҳорчӯбаи иҷрои чораҳои мазкур дар ИМА вазифаҳои мақомоти марказии идоракунӣ оид ба амалишавии барномаҳои экологӣ ба сохторҳои поёнӣ, яъне ба мақомоти давлатии иёлат ва маҳалҳо вогузор гардид. Аз ҷумла ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти маҳаллӣ дар интихоб ва амалӣ намудани механизми ҳифзи муҳити зист ва мубориза бо ифлосшавии муҳит бештар мустақилият дода шуд. Оид ба ин масъала олимони рус А.М.Волков, А.Б.Зеленцов, В.А.Федоров, Е.А.Лютягина чунин таъкид намуданд: «Тағйирот дар қонун оид ба масъалаҳои оби тоза мавқеи иёлатро дар маблағгузории чорабиниҳои ҳифзи табиат хеле баланд бардошт. Ин ҳадаф, бар ивази субсидияҳои ҳукумати федералӣ ба таъмини ташаккули фондҳои махсуси иёлат замина гузошта шуд. Ҳукумати федералӣ танҳо барои ташаккули фондҳои мазкур маблағи муайянро дар асоси шакли баргардонӣ пешниҳод менамояд, ки ин аз субсидияҳо куллан фарқ мекунад. Иёлат бошад, новобаста аз он ки чунин усул ба онҳо уҳдадории молиявиро вогузор мекунад, дар истифодаи воситаҳо мустақил мебошанд. Боз як хусусияти маблағгузории молиявӣ дар он аст, ки маблағи молиявӣ бояд барои нисфи зиёди амалишавии сохтмони объектҳои ҳифзи табиат кифоягӣ кунад ва субсидияҳои федералӣ 55% арзиши хароҷоти иншоотро рӯйпӯш менамуданд».[23]

Идоракунии муҳити зист дар маҳалҳо бо ҳалли масъалаҳои муҳофизати табиат низ машғул аст. Дар баъзе минтақаи ИМА, вазифаҳои идоракунии муҳити зист ба хадамоти ғайритахассус вогузор карда шудааст, ба монанди: хадамот дар соҳаи банақшагирии маҳаллӣ,

**23** Волков А.М. Правовые основы природопользования и охраны окружающей среды: Учебник [Текст] / А.М. Волков, А.Б. Зеленцов, В.А. Федоров, Е.А. Лютягина.-М, изд-во Рудн, 2010.-С. 264.

меъморӣ ва сохтмон, тандурустӣ, хоҷагии коммуналӣ, нақлиёт, бозрасии давлатии автомобилӣ ва ғайра. Дар дигар иёлатҳои Амрико звенои махсус - раёсати муҳофизати муҳити зист ташкил карда шудааст. Моҳияти вазифаҳои ҳифзи муҳити зист дар баъзе иёлат, мунитсипалитет ва маҳалҳо як хел набуда, дар аксар маврид, ба истифодаи оқилона ва муҳофизати захираҳои заминӣ, обӣ, беҳтар намудани атмосфера ва мубориза бар муқобили партови сахт, олуда шудани минтақаҳо, инчунин ба ҳимояи олами набототу ҳайвонот, мубориза ба зидди садо ва ғайра диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Ғайр аз Департаментҳои махсус дар идоракунии иҷроияи Президенти Амрико «Шӯро оид ба сифати муҳити зист» фаъолият менамояд, ки асосан ин мақомот сиёсати умумимиллии давлати Амрикоро дар соҳаи экологӣ амалӣ намуда, нақшаҳои иҷроиши мақомоти федералӣ, иёлат ва ҳукуматҳои маҳаллиро оид ба ҳолати муҳити зист ҳамоҳанг месозад. Иҷроиши қонунҳои давлатиро дар самти муҳити табиӣ назорат намуда, ҳамзамон ба Президенти мамлакат ҳисобот пешниҳод менамояд.

Яке аз хусусияти идоракунии ҳолати экологӣ дар он аст, ки Вазорати корҳои дохилаи Амрико ба ғайр аз таъмини амният ва тартиботи ҷамъиятӣ боз оид ба идора намудани захираҳои табиӣ уҳдадор мебошад. Ҳамчунин дар назди ҳар як вазоратҳои соҳавӣ раёсати махсуси идоракунии захираҳои табиӣ фаъолият мебарад. Масалан, Хадамоти ҳифзи хок дар назди Вазорати кишоварзии ИМА, маъмурияти уқёнуси миллӣ ва атмосферӣ дар назди Вазорати савдо, ҳифзи соҳил дар назди Вазорати нақлиёт, дар назди Вазорати адлия, Бюрои мелиоратсия дар назди Вазорати энергетика ва ғайра.

Ҳамин тавр қайд намудан ҷоиз аст, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар байни кишварҳои ҷаҳон яке аз сохтори беҳтарин дар самти идора намудани захираҳои табиат ва ҳифзи муҳити зист мебошад. Ҳалли

масъалаҳои идоракунии самараноки захираҳои табиӣ хусусан дар ИМА назар ба дигар давлатҳои мутараққӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Вале, қабул ва роҳандозӣ намудани таҷрибаи мазкур ба давлатҳои ниёзманд, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ва маблағҳои калонро талаб менамояд. Ба назар чунин мерасад, ки истифодаи таҷрибаи онҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад аст.

Масъалаҳои ҳифзи муҳити зист дар низоми давлатдории Канада низ мавқеи хоси худро дорад. Дар солҳои охир, ба ин масъала, дар Канада равияҳои нав қабул карда шуд. Дар низоми андозбандии ин кишвар ба муаммои муҳити зист таваҷҷуҳи хоса дода шуда, шахсони воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ, ки ба табиат оқибатҳои манфӣ мерасонанд, ҷаримаҳои калон таъин намудааст. Идоракунии захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ҳам дар низоми федералӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ аз ҷониби мақомоти махсус танзим карда мешавад. Дар ин кишвар Вазорати ҳифзи муҳити зист амал мекунад, ки дар самти ҳифзи муҳити зист мониторинги доимӣ мебарад. Олими рус А.Я. Олейникова дар бораи сохтори вазорати мазкур чунин иброз менамояд: «Ба сохтори Вазорати ҳифзи муҳити зисти Канада хадамоти калони махсусгардонида шомил мешаванд, аз ҷумла хадамоти ҳифзи муҳити зист, хадамоти обуҳавошиносӣ, хадамоти боғҳои миллӣ, ҳифзи захираҳои барқароршаванда, хадамоти ҷангал, бахши энергетика, истихроҷи маъдан, металлургия ва коркарди чӯб. Дар хадамоти мазкур бахшҳо ва филиалҳои минтақавӣ таъсис дода шудаанд, ки дар ҳар як вилоят фаъолият мебаранд. Шӯрои вазирони ҳифзи муҳити зист нақши асосиро оид ба ҳалли масъалаҳои экологӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ иҷро мекунад. Вазорати федералӣ бо мақсади таъмини сифати муҳити зист дар таҳияи барномаҳои миллии экологӣ, стратегияҳо ва стандартҳо дар якҷоягӣ бо мақомоти идоракунии ҳокимияти давлатии маҳалҳо ширкат меварзанд».[24]

---

**24** Олейникова А.Я. Зарубежный опыт охраны окружающей среды в аспекте управления [Текст] / А.Я. Олейникова // «Ученые заметки ТОГУ». - Хабаровск, 2014. - №4, - С. 771.

Аз ҷониби ҳукумати федералӣ барои ҳар як маҳалҳо (провинсияҳо) ва ҳукуматҳои маҳаллӣ ҳар сол ҳаҷми муайяни кӯмакҳои молиявӣ ва қарзҳо барои сохтмони объектҳои ҳифзи табиат пешбинӣ карда мешавад, ки он ҳатман дар бобҳои алоҳидаи буҷети федералӣ нишон дода мешавад.

Идоракунии экологӣ дар кишварҳои мутараққии Аврупо низ аҳамияти хоси худро дорад. Масалан, вазифаи мазкур дар Олмон, асосан ба мақомоти мунитсипалитетҳо бо номи «Land» вогузор шудааст. Дар сатҳи давлати федералӣ бошад ба уҳдаи Вазорати ҳифзи муҳити зист, ҳимояи табиат ва амнияти радиатсионӣ вогузор шудааст, ки вазифаи банақшагирии сиёсати экологӣ, коркарди қонунҳо ва меъёрҳои экологӣ баҳри таъмини идоракунии оптималӣ равона карда мешавад.

Чӣ тавре ки аз номгузорӣ бармеояд, Вазорати мазкур аз се хадамоти федералӣ иборат аст:

- хадамоти федералии экологӣ;
- хадамоти федералии ҳимояи табиат;
- хадамоти федералии ҳифз аз таъсири шуои радиатсионӣ.

Ҳар яке аз хадамоти мазкур дар доираи ваколатҳояш вазифаҳои мушаххасро иҷро менамояд. Масалан, олимони рус А.М.Волков, Е.А.Лютягина, Ю.О.Игнатиева оид ба яке аз он чунин ибрози андеша менамоянд: «Идораи федералии ҳифзи табиат дар мувофиқа бо Вазорати федералӣ оид ба масъалаҳои идоракунии лоиҳаҳои ҳифзи табиат дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ кӯмак мерасонад; барои воридот, содироти ҳайвонот ва растаниҳои нодир иҷозат медиҳад. Ҳайвонот ва растаниҳои камшумор, ки хатари нобудшавӣ онҳоро таҳдид мекунад ба «Китоби Сурх» ворид намуда, онро ба нашр мерасонад».[25]

**25** Волков А.М. Германия и Швейцария: управление природопользованием и охраной окружающей среды. [Текст] / А.М. Волков, Е.А. Лютягина, Ю.О. Игнатьева // Вестник РУДН. Серия юридические науки.– М., 2010. - №2. – С. 132.

Ҷумҳурии Федеративии Олмон, яке аз давлати пешқадами Иттиҳоди Аврупо буда, ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист аҳамияти махсус медиҳад. Ғайр аз Вазорати ҳифзи муҳити зист, ҳимояи табиат ва амнияти радиатсионӣ дар низоми идоракунии экологии Олмон мавқеи махсусро мақомоти федералии ҳокимияти Олмон - «Институти Роберт Кох» ишғол менамояд. Ба институти мазкур, ҳуқуқи додани иҷозатнома барои истеҳсоли маҳсулоти гемеомодификатсияшудаи генеинжинерӣ вогузор шудааст. Дар сатҳи маҳаллии идоракунии маъмурияти экологӣ назорати амалишавии тадбирҳои ҳифзи муҳити зист, яъне идоракунии самараноки ихроҷи партов, ҳифзи табиат, захираҳои об аз ифлосшавӣ, мусоидат оид ба экологикунонии раванди истеҳсолот, ҳифзи соҳил ва чораҳои мушаххаси танзими мубориза барои таъмини муҳити мусоиди атмосфера ва ғайра вогузошта шудааст.

Ғайр аз ин, дар Олмон барои ҳифзи муҳити зист қонунҳои махсус низ қабул шудааст. Масалан, қонун «Дар бораи пардохти обҳои партов», ки ҳангоми андешидани чораҳои маъмурӣ истифодаи фишангҳои иқтисодиро пешбинӣ мекунад. Дар он, тадбирҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳавасмандгардонӣ, чорабиниҳо барои кам кардани ҳаҷми оби партов ва сифати тозагии он, инчунин ба коркардабарой ва ҷорӣ намудани технологияи наву пурсамар ва кампартов нигаронида шудааст. Дар доираи муқаррарнамудаи қонуни мазкур оид ба масъалаҳои тоза намудани партовобаҳо шахсони масъул имкон доранд, роҳҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ камхарҷро интихоб намуда, аз пардохти ҷарима то андешидани чораҳои пешгирикунанда мустақил бошанд».[26]

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Федеративии Олмон барои ҳифзи муҳити зист ва ҳимояи захираҳои табиӣ тавассути пурзӯр намудани механизми танзими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва такмили қонунгузорӣ

**26** Джангиров Д.А. Развитие экономического инструментария природопользования в регионе: Монография [Текст] / Д.А. Джангиров, 2010. – С. 295.

ҷиҳати ҳифзи сарватҳои табиӣ барои наслҳои оянда чораҳои зарурӣ меандешад.

Давлати бузурги Иттиҳоди Аврупо Британияи Кабир низ яке аз марказҳои тараққикардаи саноатӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад. Бинобар ин, дар Британияи Кабир тибқи қонунҳои миллии ҳифзи атмосфера ба танзими ихроҷи газҳои парникӣ, партови сахт ва ғайраҳо аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Дар миқёси давлат Вазорати кор бо муҳити зист амал менамояд ва фаъолияти он аз ҷониби Хадамоти назоратии миллӣ ва комиссияи Қиролӣ назорат бурда мешавад. Дар минтақаҳо бошад, шӯрои махсуси маҳаллӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ амал мекунад, ки ташкил, банақшагирӣ ва иҷрои амалиётро дар доираи ҳифзи муҳити зист идора мукунад.[27]

Дар Франсия бошад, тибқи Конститутсия ҳуқуқ ва уҳдадориҳо оид ба ҳифзи муҳити зист алоҳида таъкид гардидааст. Ҳамаи вазоратҳо ва хадамот дар самти муҳити зист вазифаҳои назоратии худро доранд. Ҳар як вазорат дар минтақаҳо аз департаментҳо иборат мебошад, ки онҳо ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва амнияти экологӣ мониторинги доимӣ мебаранд. Ғайр аз ин, дар Франсия федератсияҳои махсус, яъне федератсияи фаронсавии ҷамъиятӣ «Ҳифзи табиат» ва «Лигаи ҳифзи табиат» мавҷуд буда, онҳо дар ҳифз ва идоракунии захираҳои табиӣ саҳмгузор мебошанд. Дар Франсия низ чун таҷрибаи Амрико таъмини амнияти экологӣ ба уҳдаи жандармия вогузор карда шудааст.[28]

---

**27** Лютягина Е.А. Управление природопользованием и охраной окружающей среды в зарубежных государствах / Е.А. Лютягина // Труды кафедры административного и финансового права: Современные проблемы публичного права в России и за рубежом. Отв. ред. А.Б.Зеленцов, А.М.Волков. – Выпуск I. – М, РУДН, 2011. – С. 96.

**28** Волков А.М. Государственное управление природопользованием и охраной окружающей среды во Франции [Текст] / А.М. Волков, Е.А. Лютягина // Вестник РУДН. Серия юридические науки. - 2011. – №1. - С. 92.

Дар Шветсия бошад, масъалаи ҳифзи табиат аз ҷониби шӯрои миллӣ ва шӯроҳои минтақавӣ оид ба хоҷагии ҷангал назорат карда мешавад. Дар Шветсия танзими хоҷагии ҷангал яке аз масъалаи асосӣ буда, бар дӯши шӯро масоили ҳифзи муҳити табиӣ низ вогузор шудааст. Дар низоми мақомоти ҳифзи муҳити зисти Шветсия ҷои махсусро раёсати ҷангалпарварӣ ишғол мекунад, ки вай ҳамаи заминҳои ҷангалзори мамлакатро назорат ва идора мекунад. Сиёсати экологии раёсати ҷангалпарварӣ ба ҳалли ду вазифаҳои баробар нигаронида шудааст: ҳифзи муҳити табиӣ ва истеҳсоли чӯбу тахта. Ҳамчунин идораи ҷангали Шветсия ба назорати фаъолияти хоҷагиҳои ҷангал, инвентаризатсияи ҷангал, саноати истеҳсол ва коркарди чӯб машғул аст. Ба ҳайати он шӯрои миллӣ ва минтақавии хоҷагии ҷангал низ шомил мебошанд.[29]

Дигар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо низ ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист аҳамияти махсус дода мешавад. Масалан, дар Дания Вазорати ҳифзи муҳити зист ва дар минтақа мақомоти минтақавии идоракунии онҳо фаъолият доранд. Ҳиссаи зиёди хароҷоти мунитсипиалӣ бештар дар ҳалли масъалаҳои экологӣ, сохтмон ва истифодаи заводу корхонаҳои коркарди партов равона карда мешавад.[30]

Дар байни давлатҳои Иттиҳоди Аврупо Финляндия кишвари аз ҷиҳати экологӣ тоза ба шумор меравад. Дар ин ҷо аз хурдсолӣ ба ҳар шахс тарбияи экологӣ ва сарфакорӣ дода мешавад. Бинобар ин, дар ин давлат партовҷойҳои бетартиб умуман дида намешавад. Ҳар як намуди партов гуруҳбандӣ карда шуда, ба қуттиҳои махсус гузошта мешавад. Сарфакорӣ бошад, маданияти хоси финҳо буда, онҳо бо ин кирдорашон аз дигар шаҳрвандони Иттиҳоди Аврупо фарқ мекунанд.

---

**29** Гейт Н.А. Зарубежный опыт организации управления охраной окружающей среды. [Текст] / Н.А. Гейт // Право и современные государства. - 2012. - №2. - С. 16.
**30** Гейт Н.А. Экологическое право (курс лекций) [Текст] / Н.А. Гейт – М, изд-во Проспект, 2012. – – С. 102.

Дар байни кишварҳои тараққикардаи Осиё давлати Ҷопон дар самти ҳифзи муҳити зист яке аз мамлакати пешрафта маҳсуб ёфта, оид ба танзими ин масъала соҳаи алоҳидаи сиёсати давлатӣ машғул мебошад. Мақомоти асосие, ки ба масъалаи муҳити зист вобаста аст, ин Агентии ҳифзи муҳити зист мебошад, ки ба сохтори ҳокимияти Ҷопон тааллуқ дорад. Ғайр аз ин, Вазорати кишоварзӣ, ҷангал, хоҷагии моҳӣ; комиссияи танзими ихтилофи экологӣ ва раёсати заминҳои давлатӣ низ дар самти ҳифзи муҳити зист фаъолият мебаранд. Дар миқёси минтақаҳо шуъбаҳои махсуси идоракунии фаврии экологияи давлатӣ амал менамояд, ки аз маҷмуи ташкилотҳои алоҳида иборат аст. Онҳо дар минтақаҳо бевосита дар самти ҳифзи муҳити зист фаъолият доранд.[31]

Дар ҳифзи муҳити зист саҳми Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ назаррас мебошад. Чӣ тавре ки маълум аст, Федератсияи Россия аз ҷиҳати сарватҳои зеризаминӣ ва табиӣ дар миқёси ҷаҳон дар ҷои аввал меистад.[32] Ҳифзи муҳити зист, истифодаи захираҳои табиӣ, амнияти экологӣ ва ҳифзи қаламрави сарватҳои табиӣ дар моддаи 72 Конститутсияи Федератсияи Россия дарҷ гардидааст.[33] Дар ин ҷо ташкили ҳифзи муҳити зист ва идора намудани захираҳои табиӣ аз ҷониби Вазорати захираҳои табиӣ ва экологияи Федератсияи Россия ба роҳ монда мешавад. Вазорати мазкур дар кулли субъектҳои давлати Россия дар шакли хадамоти федералӣ, агентивӣ амал намуда, дар ҳар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ намояндагиҳои худро дорад. Вазифаи асосии вазорат ва мақомоти он дар қаламраву минтақаҳо ҳифзи муҳити зист, захираҳои табиӣ, истифодаи самараноки захираҳои об, ҷангал ва сарватҳои табиӣ, фауна ва флора мебошад. Ғайр аз вазорати

---

**31** Голубецкая Н.П. Новые задачи природоохранной политики в условиях изменяющегося положения в Европе [Текст] / Н.П. Голубецкая // Российский юридический журнал. Серия юридические науки. – 2000. - №6. – С. 39.

**32** Кашин В.И. Природные ресурсы как часть национальных богатств России [Текст] / В.И. Кашин // Использование и охрана природных ресурсов в России. - 2009. – №5. - С. 15.

**33** Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12.12.1993) (с учетом поправок, внесенных Законами РФ о поправках к Конституции РФ от 30.12.2008, №6-ФКЗ, от 30.12.2008 №7-ФКЗ).

номбаршуда як қисми вазифаҳои ҳифзи муҳити зист ба уҳдаи Вазорати хоҷагии кишоварзии Федератсияи Россия ва яке аз сохтори он - Агентии «Моҳипарварӣ» вогузор шудааст. Дар асоси фармони Вазорати захираҳои табиӣ ва экологияи Федератсияи Россия оид ба риояи талаботи қонунгузории кишвар дар самти муҳити зист мунтазам назорати давлатӣ гузаронида мешавад. Дар сатҳи минтақавӣ ва федералӣ назорати давлатии экологӣ, гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ, ташкили чорабиниҳои ҳифзи қаламрави табиӣ, ситонидани пардохтҳо барои таъсири манфӣ ба муҳити зист, гузориши ҷаримаҳо ва барқарорсозии зараре, ки ба муҳити зист расонида шудааст, гузаронида мешавад. Дар ин самт, аз ҷониби хадамоти минтақавии Вазорати захираҳои табиӣ ва экологияи Федератсияи Россия вазифаҳои дар боло ироагардида амалӣ карда мешаванд.

Объектҳое, ки бояд дар назорати давлатии экологӣ қарор дошта бошанд, аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Россия ва мақомоти қонунгузор муайян карда мешавад. Боиси қайд аст, ки дар қаламрави Федератсияи Россия минтақаҳои махсуси табиии ҳифзшаванда низ мавҷуд аст, ки танзими он аз тарафи Вазорати захираҳои табиӣ ва экология, Вазорати корҳои дохила, Ҳукумати Ф. Россия ва мақомоти давлатии маҳаллӣ назорат ва идора карда мешавад.

Таъминоти молиявии ҳифзи муҳити зист аз ҳисоби буҷети федералии Федератсияи Россия амалӣ гардида, истифодаи мақсадноки он аз тарафи Хадамоти федералии назорат дар соҳаи истифодабарии табиат танзим карда мешавад. Дар қонунгузории Ф. Россия баҳри омӯзиш, истифодабарӣ, такрористеҳсолӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ кодексҳои махсус таҳия ва амалӣ карда мешаванд. Масалан, «Кодекси оби Федератсияи Россия», «Кодекси сарватҳои табиӣ», «Кодекси ҷангали Федератсияи Россия», «Қонун оид ба олами ҳайвонот», «Қонун оид ба

шикор», «Қонун оид ба моҳидорӣ ва ҳифзи захираҳои биологии обӣ», «Қонун оид ба минтақаҳои махсуси табиии ҳифзшаванда» ва ғайра.

Ҷумҳурии Қазоқистон низ яке аз давлати пешрафтаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, баҳри таъмини муҳити зист ва рушди устувори иқтисодиёти кишвар кӯшиш менамояд. Қазоқистон аъзои лоиҳаҳои Ташкилоти байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба экология мебошад. Масалан, вай аъзои лоиҳаҳои «Муҳити зист барои Аврупо», «Муҳити зист оид ба рушди устувор барои Осиё» ва ғайраҳо мебошад. Дар Қазоқистон оид ба самти рушди экологӣ якчанд ҳадафҳои стратегӣ қабул гардидааст. Масалан, «Консепсияи амнияти экологии Қазоқистон барои то солҳои 2030». Дар Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон мақомоти махсус, яъне Вазорати экология, геология ва захираҳои табиии Ҷумҳурии Қазоқистон, ғайр аз ин Шӯро оид ба рушди устувори Қазоқистон фаъолият менамояд.

Дар таъмини рушди экологӣ-иқтисодӣ яке аз фаъолияти фарққунандаи Ҷумҳурии Қазоқистон нисбати дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар он аст, ки Фонди рушди устувори «Хазина» ташкил карда шудааст. Ғайр аз ин, аз соли 2007 дар кишвар «Кодекси экологӣ» қабул карда шудааст, ки бисёр масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва дигар муаммоҳои экологиро ба танзим медарорад. Ғайр аз ин кодекс, дар Қазоқистон оид ба масъалаҳои экологӣ ва истифодаи сарватҳои табиӣ қонунҳои махсус низ амал мекунанд. Масъалаи дигаре, ки фаъолияти экологии корхонаҳо, субъектҳои хоҷагидориро танзим менамояд, ин Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Оид ба суғуртакунии экологии ҳатмӣ» мебошад, ки дар амал фаъолияти экологӣ-иқтисодии корхонаҳои истеҳсолиро ба танзим медарорад. Барои ҳифзи ҳосилхезӣ ва танзими харобшавии замин дар кишвар қонуни махсус коркард карда шудааст, ки ин Қонун «Оид ба чарогоҳ» мебошад. Барои танзими экология тибқи талаботи «Кодекси экологӣ» корхонаҳое, ки партов

ихроҷ мекунанд, ҳатмӣ (маҷбурӣ) аъзои лоиҳаи «Барномаи идоракунии партов» гардида, ҳангоми барасмият даровардани ҳуҷҷатҳо хароҷот барои ихроҷи партов месупоранд. Масъалаҳои ҳифзи муҳити зист дар доираи фаъолияти тиҷоратӣ тибқи «Кодекси соҳибкорӣ» ба танзим дароварда мешаванд.

Баҳри таъмини ҳифзи муҳити зист дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон «Агентии давлатии муҳити зист ва хоҷагии ҷангал» фаъолият мебарад. Баъзе масъалаҳои таъмини «иқтисодиёти сабз» дар чаҳорчӯбаи масъалаҳои экологӣ аз ҷониби Вазорати иқтисоди Ҷумҳурии Қирғизистон танзим карда мешавад. Барои амалишавии рушди экологӣ-иқтисодӣ дар кишвар лоиҳаҳои махсуси Созмони Милали Муттаҳид низ амалӣ шуда истодааст. Масалан, Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист «камбизоатӣ ва муҳити зист».[34]

Дар низоми идоракунии ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Кумитаи давлатии экология ва ҳифзи муҳити зист фаъолият дошта, ба Девони Вазирони кишвар тобеъ мебошад. Вазифаи асосии Кумита ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, муҳофизати системаҳои экологӣ, комплексҳои табиӣ ва умуман ба беҳтар намудани вазъи экологии кишвар равона карда шудааст. Сохтори идоракунии ҳифзи муҳити зист дар Ӯзбекистон аз раёсат, нозирот, департамент шуъбаҳо иборат мебошад. Ба монанди раёсати ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги ифлосшавии муҳити зист, ҳифзи муҳити зист ва идоракунии партов, захираҳои замин ва ҳифзи об, раёсати ҳифзи ҳавои атмосфера, раёсати идоракунии маблағи фонди экология, раёсати гуногунии биологӣ, раёсати рақамикунонӣ ва кадастр, нозироти экология ва ҳифзи муҳити зист ва ғайра мебошад. Дар ҳар зерсохтори шаҳру ноҳияҳо идораи

**34** Национальный доклад о состоянии окружающей среды Кыргызской Республики за 2006-2011 годы. Государственное агентство охраны окружающей среды и лесного хозяйства. Инициатива ПРООН-ЮНЕП «Бедность и окружающая среда» в Кыргызской Республике, Бишкек, 2012. – С. 62-63.

экология ва ҳифзи муҳити зист ташкил карда шудааст. Баъзе минтақаҳои кишвар бо табиати хоси идоракунии ҳифзи муҳити зист аз ҳамдигар куллан фарқ мекунанд. Масалан, дар Ҷумҳурии худмухтори Қароқалпоқистон департаменти махсус оид ба масъалаҳои экология ва ҳифзи муҳити зист таъсис дода шудааст, ки чунин шакли идоракунӣ дар минтақаҳои дигари кишвар ба назар намерасад.

Дар Тоҷикистон оид ба идоракунӣ ва назорати ҳифзи муҳити зист мақомоти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад. Вай дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ саҳмгузор буда, назорати давлатӣ ва истифодаи онро амалӣ месозад. Вазифаҳои асосии Кумита аз идоракунии истифодаи сарватҳои табиӣ, аз ҷумла ҳифзи ёдгориҳои табиӣ, истифодаи самараноки олами набототу ҳайвонот, захираҳои обӣ, атмосфера, замин, захираҳои моҳӣ, канданиҳои фоиданок, муомилот бо моддаҳои химиявӣ ва нуриҳои минералӣ, партов, тағйирёбии иқлим, таҳия ва мусоидат ҷиҳати амалӣ гардонидани барнома, стратегия ва нақшаҳои миллӣ ва минтақавӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва ғайра иборат мебошад.

Сохтори идоракунии Дастгоҳи марказии Кумита аз раёсат, шуъба ва марказ (бахш)-ҳо иборат аст. Чунончӣ, раёсати мониторинг ва сиёсати экологӣ, раёсати экспертизаи давлатии экологӣ, шуъбаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи захираҳои об, шуъбаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот, ҳифзи атмосфера, ҳифзи замин ва муомилот бо партов, маркази стандартикунонӣ ва меъёрҳои экологӣ, бахши обуҳавошиносӣ ва ғайра.

Дар вилоятҳо дар алоҳидагӣ сарраёсати ҳифзи муҳити зист фаъолият менамоянд. Масалан, Сарраёсати ҳифзи муҳити зист дар вилояти Суғд амал менамояд. Сарраёсати мазкур шуъбаҳои зерини идоравиро дар бар мегирад: шуъбаи экспертизаи экологӣ, назорати

истифода ва ҳифзи захираҳои об, шуъбаи назорати истифода ва ҳифзи атмосфера, ҳифзи замин ва муомилот бо партов, ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва захираҳои моҳӣ. Инчунин дар ҳар шаҳру ноҳияҳо идора оид ба масъалаҳои назорати ҳифзи муҳити зист кору фаъолият доранд.

Маврид ба зикр аст, ки ҳалли масъалаҳои экологӣ барои ҳар як давлат ва кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳим буда, аҳамияти махсус дорад. Аз ин лиҳоз, гуфтан ҷоиз аст, ки муаммоҳои экологӣ ин проблемаи глобалӣ буда, вай ҳудуд надорад. Масалан, зиёдшавии партови кимиёвӣ ба тағйирёбии иқлим, несту нобуд шудани ҷангалзор, биёбоншавӣ, бисёршавии касалиҳои сироятнок оварда расонида, муҳити тибиии заминро тағйир медиҳад. Бинобар ин, мо дар ин самт баъзе маълумотро дар бораи ихроҷи партов ба атмосфера, паҳншавии маводи зараровар дар байни кишварҳои ҷаҳон ва минтақаҳои алоҳида Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор медиҳем.

# БОБИ 2. ТАЪСИРИ ТАМОЮЛҲО ВА ОМИЛҲОИ МУОСИР БА РУШДИ ЭКОЛОГӢ - ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## 2.1. ВАЗЪИ ЭКОЛОГИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ РУШД

Имрӯз на танҳо дар миқёси давлатҳои ҷаҳон, балки дар ҳар як минтақаи алоҳидаи он мавриди таҳқиқ қарор додани муаммоҳои экологӣ аҳамияти бузург дорад, зеро ҳалли масъалаҳои экологӣ-иқтисодӣ бевосита дар сатҳи зиндагии мардум инъикос меёбад.

Дар шароити муосир дар илми иқтисодиёт доир ба ҳалли муаммоҳои экологӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, он ҳамчун ташаккули «иқтисодиёти сабз» маънидод мегардад. Дар илми иқтисодиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳамбастагии муаммои экологӣ ва иқтисодӣ дар назарияҳои «иқтисодиёти сабз», «рушди устувори иқтисодӣ» мавриди таҳқиқот қарор мегирад. Боиси тазаккур аст, ки ҳоло консепсияи илмии «иқтисодиёти сабз» ва «рушди устувори иқтисодӣ» дар кулли минтақаҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳокима ва дар амал татбиқ шуда истодааст.

Баҳри амалишавии принсипҳои ташаккулёбии «иқтисодиёти сабз» ва консепсияи «рушди устувори иқтисодӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст, ки аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад.

Қайд кардан бомаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар минтақаҳои алоҳидаи он баҳри ташаккулёбии «иқтисодиёти сабз» зина ба зина қадамҳои устувор гузошта мешавад. Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои «иқтисодиёти сабз» ва «рушди устувори иқтисодӣ» дар миқёси ҷумҳурӣ дар самти рушди соҳаҳои электроэнергетика ва истеҳсоли нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ бехатар, дар асоси манбаъҳои энергияи табиии

барқароршаванда, иншоотҳои нави гидроэнергетикӣ сохта шуда, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта истодааст. Мавҷудият ва имконияти иқтидорҳои фаровони энергетикӣ дар мамлакат, аз омилҳои асосии рушди минбаъдаи соҳаҳои саноат ба ҳисоб меравад. Зеро он ба татбиқшавии принсипҳои консепсияҳои мазкур замина мегузорад. Имрӯз дар кишварамон қариб 98 фоизи нерӯи барқ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз нерӯи оби табиӣ тавлид мегардад.

Тоҷикистон байни давлатҳои ҷаҳон аз рӯи истеҳсоли «энергияи сабз» шашумин кишвари пешсафи сайёра ба ҳисоб меравад[35]. Давоми солҳои 1991-2021 бо мақсади ноил гаштан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, 287 нерӯгоҳи барқи обии хурду бузург, хатҳои интиқоли барқи баландшиддат бунёду таҷдид гардиданд. Дар ин давра, беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикии иловагӣ бунёд карда шуд. Дар натиҷа, соли 2011 дар таърихи навини Тоҷикистон системаи ягонаи энергетикӣ ба вуҷуд омад ва устувории фаъолияти соҳа давра ба давра таъмин мегардад.[36]

Яке аз ҳадафҳои ҷорӣ намудани консепсияи «иқтисодиёти сабз» ва «рушди устувори иқтисодӣ» ба эътидол овардани ихроҷи партови саноатӣ мебошад. Тоҷикистон дар байни давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта аз рӯйи камии ихроҷи партов яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, дар мамлакат истеҳсол ва истифодаи «энергияи сабз» аз ҷумлаи афзалиятҳои рақобатпазири рушди соҳаҳои саноати кишвар шуда метавонад. Вале, мутаассифона, ғайр аз соҳаи электроэнергетика дигар соҳаҳои саноат ва истеҳсолот дар самти ҳалли муаммои экологӣ дар якҷоягӣ бо иқтисодиёт ба муваффақиятҳои назаррас ноил

**35** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», (21.12.2021) – Душанбе: «Шарқи озод», 2021. - С. 21.
**36** Ҳамон ҷо. - С.8.

нагаштааст. Дар ин ҷода бинобар фаъолнокии сусти иқтисодӣ дар масъалаи ба раванди истеҳсолот ворид намудани захираҳои табиӣ, истифодаи нопурраи иқтидори истеҳсолии собиқ корхонаҳо ва кашолёбии эҳё намудани корхонаҳои саноатии нав дар кулли минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Суғд низ муаммоҳои экологӣ то дараҷае ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Бинобар ин, дар ҳар минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, дар вилояти Суғд низ муаммоҳои экологӣ-иқтисодӣ вуҷуд доранд ва мавриди баррасӣ қарор додани ҳолати онро мувофиқи мақсад меҳисобем.

Чӣ тавре ки иқтисодчиёни рус С.Н.Бобылев, А.Ш.Ходжаев таъкид менамоянд, ҳолати экологӣ-иқтисодии ҳар як минтақа бо низоми нишондиҳандаҳо арзёбӣ карда мешавад.[37]

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки вазъияти экологӣ яке аз омили асосии нишондиҳандаи иқтидори иқтисодии минтақа мебошад. Ҳамчун нишондиҳанда ҳолати экологии минтақа қобилияташро дар таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа нишон медиҳад. Рушди экологӣ-иқтисодии минтақа дар асоси муносибатҳои оптималии бахши истеҳсолот, техникаю технология ва муҳити табиӣ инъикос меёбад. Махсусан, дар ҷараёни ташаккули муносибатҳои байни онҳо инсоният метавонад ба муҳити зист таъсири бевосита расонад. Ин таъсир метавонад, бо тарзи позитивӣ ё ин ки негативӣ оқибат дошта бошад.

Дар шароити муосир, раванди экологӣ ва иқтисодӣ дар як низоми таҳқиқ ҳам рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти минтақаро якҷоя бо ҳифзи захираҳои табиӣ бе зараррасонӣ ба муҳити зист бояд амалӣ гардонад. Дар ин ҳолат равандҳои гузаштан ба принсипи рушди устувори иқтисодиро тақозо менамояд. Аз ин нуқтаи назар, гузаронидани таҳлили ҳолати экологӣ-иқтисодии ҳар як минтақа хеле зарур аст, зеро зиёдшавии муаммоҳои экологӣ ва вайроншавии муҳити табиӣ ба

---

**37** Бобылев С.Н., Ходжаев А.Ш. Экономика природопользования. Учебник. (Учебники экономического факультета МГУ им. М.В.Ломоносова). – М.: ИНФРА-М, 2004. – С. 367-373.

ҷараёнҳои иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ин ҳолатро бо чунин далелҳо асоснок кардан мумкин аст:

1) Бартараф намудани вайроншавии муҳити табиӣ хароҷоти иловагиро талаб менамояд, ки ба иқтисодиёт сарбории иловагӣ зам шавад;

2) Аз ҳисоби вайрон гаштани сифати захираҳои табиӣ талафоти моддӣ меафзояд;

3) Хароҷоти ҷамъиятӣ меафзояд;

4) Дар натиҷаи паст гаштани сифати захираҳои табиӣ талафот дар соҳаи иқтисодиёт ва ҷамъият бештар мегардад;

5) Арзиши фондҳои асосии истеҳсолӣ кам гашта, талафоти моддӣ бинобар паст шудани сифати қувваи корӣ меафзояд.

Дар шароити имрӯза, вақте ки татбиқи иқтисодиёти бозорӣ рӯз то рӯз вусъат меёбад, давлат вазифаҳои назоратии худро доир ба нигоҳ доштан ва ҳифзи захираҳои табиӣ нисбатан суст ба роҳ мондааст. Дар натиҷа, ин муаммо ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад. Чӣ тавре ки дар боби якуми рисола қайд намудем барои тавсифи умумӣ ва объективии ҳолати экологӣ дар ин ё он минтақа нишондиҳандаҳои маҷмуии зерин мавриди таҳқиқ қарор мегирад:

- сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа;
- ҳолати иқтидори табиӣ ва захиравии минтақа;
- партови моддаҳои зарарнок ва ғайраҳо.

Пеш аз он ки ҳолати экологии вилояти Суғдро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем, барои ба иштибоҳ роҳ надодан ба баъзе мафҳумҳо бояд равшанӣ андозем. Масалан, партови моддаҳои зарарнок, сарчашмаҳои доимии ҷудошавии моддаҳои зарарнок, сарчашмаҳои ихроҷи моддаҳои зарарнок, миқдори моддаҳои сахт, таркиби моддаҳои зарарнок ва ғайраҳо, ки онҳо таҳлили махсусро талаб мекунанд.

Дар назария ва амалияи илми иқтисодиёт моҳияти онҳо чунин маънидод гардидааст.[38]

Сарчашмаҳои доимии ҷудокунандаи моддаҳои зарарнок ба атмосфера дастгоҳҳои технологие (таҷҳизот, дастгоҳ, асбоб) ба ҳисоб меравнад, ки дар рафти истифода моддаҳои зарарнокро ҷудо мекунанд. Ба ин намуд теппаҳои хок ва санги конҳои мухталиф, зарфҳо ва дигар объектҳо шомил мебошанд, ки моддаҳои зараровbooрро ҷудо менамоянд;

Сарчашмаҳои муташаккили моддаҳои зарарнок ба атмосфера сарчашмаҳое мебошанд, ки моддаҳои зарарнокро бо воситаи ихроҷи газ ва ҳавокашӣ (фонари аэратсионӣ, шахтаҳои вентилятсионӣ, гулба ва ғайраҳо) кашида мегиранд ва ин усул имконият медиҳад, ки барои кашида гирифтани моддаҳои зарарнок дастгоҳҳои махсуси газтозакунӣ ва чангкашӣ истифода гардад;

Моддаҳои зараровар – моддаҳое ба ҳисоб меравнад, ки мавҷудияташон ба муҳити зист ва саломатии инсоният зарари ҷиддӣ мерасонад;

Сарчашмаҳои ҷудокунандаи моддаҳои зараровар таҷҳизоту дастгоҳҳои технологӣ (мошин, ваннаи галванӣ, хатҳои технологӣ, кашонидани моддаҳои маҳсулотии хока, резиши моддаи бухоршаванда, корҳои васлгарӣ ва рангуборкунӣ) ба ҳисоб меравнад, ки дар рафти иҷроиши корҳои истеҳсолӣ ба муҳити зист паҳн мешаванд. Ҳамчунин анбори ҷисмҳои хока ва моеъ, хоктӯдаҳо, ҷойҳои нигоҳдорандаи партови зараровари саноатӣ буда, дар натиҷаи таъсири обу ҳаво аз онҳо моддаҳои зараровар ба муҳити зист паҳн мегарданд;

Сарчашмаи ихроҷи моддаҳои зараровар – таҷҳизот ва дастгоҳҳои махсус, ки аз равзанаҳои аэратсионӣ, қубурҳо, шахтаи ҳавокашӣ иборат мебошанд, бо воситаи онҳо моддаҳои зараровар ба атмосфера хориҷ мегардад;

---

**38** Морозова Т. Основы экологии и экономика природопользования: Практикум: Учебное пособие [Текст] / Т. Морозова. -М, Инфра, 2018. – С. 168-169.

Миқдори моддаҳои сахт – партов аз сарчашмаҳои доимӣ буда, моддаҳоеро дар бар мегиранд, ки дар низоми газпарто, новобаста аз он ки ба сифати дастгоҳи чангу газтозакунанда шомил шаванд ҳам, бевосита ба ҳаво паҳн мегарданд. Ба ин намуд, баъзе аз газҳои технологие, ки ҳангоми истеҳсоли маҳсулот ба вуҷуд меоянд, дохил мешаванд;

Таркиби моддаҳои зараровар – аз сарчашмаҳои доимии муташаккил ва ғайримуташаккил ба атмосфера хориҷ карда шуда, бо онҳо ҷамъи моддаҳои ифлос шомил мешаванд. Онҳо баъди гузаштан аз таҷҳизоти софкунандаи чангу газ (пас аз нопурра дошта гирифтан ва тоза намудан) ба ҳаво хориҷ мешаванд;

Миқдори моддаҳои зарароваре, ки дар ҳаво дошта мешаванд ҳиссаи моддаҳои зараровари паҳншаванда буда, бо воситаи таҷҳизоту дастгоҳи чангу ғуборкашак ғундошта мешаванд.

Дар навбати аввал, баъзе нишондодҳое, ки ҳолати экологии минтақаро бо тарзи умум нишон медиҳад, дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Ҳолати экологии минтақаи Суғд дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҷадвали 2.1 баъзе маълумот зикр шудааст.

**Ҷадвали 2.1. - Ҳиссаи ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера аз манбаъҳои доимӣ (бо %)**

| Минтақаҳо | СОЛҲО | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | | 2015 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | |
| | I | II | I | II | I | II | I | II | I | II | I | II | I | II |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 36,4 | 100 | 27,0 | 100 | 36,8 | 100 | 46,7 | 100 | 48,3 | 100 | 63,3 | 100 | 61,5 | 100 |
| ш. Душанбе | 2,8 | 7,69 | 4,4 | 16,29 | 7,0 | 19,02 | 14,5 | 31,04 | 16,2 | 33,54 | 17,2 | 27,17 | 18,8 | 30,6 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 25,4 | 69,78 | 12,1 | 44,81 | 17,6 | 47,82 | 19,5 | 41,75 | 14,8 | 30,64 | 15,9 | 25,11 | 19,1 | 31,1 |
| Вилояти Суғд | 4,5 | 12,36 | 8,8 | 32,59 | 10,4 | 28,26 | 10,9 | 23,34 | 11,7 | 24,22 | 11,6 | 18,32 | 15,1 | 24,6 |
| Вилояти Хатлон | 3,7 | 10,16 | 1,7 | 6,29 | 1,8 | 4,89 | 1,8 | 3,85 | 5,6 | 11,59 | 18,6 | 29,38 | 8,5 | 13,8 |
| ВМКБ | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ | 9,1 | 24,5 | 6,75 | 24,5 | 9,2 | 24,5 | 11,7 | 24,5 | 12,0 | 24,5 | 15,8 | 24,5 | 15,3 | 25,0 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С.114; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 117.*

***Эзоҳ:*** *I – ба ҳисоби ҳазор тонна; II – ба ҳисоби фоиз (%).*

Аз ҷадвал бармеояд, ки ҳиссаи партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2010-2020) гуногун аст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои 2010, 2015, 2017 ва 2020 ҳиссаи аз ҳама баландтарин дар ихроҷи моддаҳои зараровар ба Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд, ки аз дигар минтақаҳо зиёдтар аст. Дар ин солҳо аз фаъолияти мунтазами Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминии Тоҷик» (ТАЛКО) (аз соли 1977, бо иқтидори солонаи 120 ҳазор тонна маҳсулоти алюминӣ) хориҷшавии моддаҳои зараровар ба миён омадааст. Ғайр аз ин, ҳосилшавии моддаҳои сахт, чангу дуд ва ғубор дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва коркард, ки дар равандҳои технологӣ, истифодаи навъи сӯзишвориҳо, аз ҷумла ангиштро ба роҳ мондаанд, дар натиҷаи сӯхтани он моддаҳои зараровар ба атмосфера паҳн мегардад. Дар соли 2019 бошад, ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера аз манбаъҳои доимӣ дар вилояти Хатлон 29,38%-ро ташкил кардааст. Бо вуҷуди он ки таи панҷ соли мазкур оид ба ин масъала - Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҷои аввал қарор дошт, соли 2018 ва 2019 вай ҷойҳои 2-юм ва 3-юмро баъди шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон ишғол намуд.

Дар воқеъ, минтақаи Суғд дорои иқтидори бузурги истеҳсоли саноатӣ аст, лекин дар солҳои 2017, 2018, 2020 оид ба ихроҷи моддаҳои зараровар ҷойи 3-юмро ишғол намуда, соли 2019 бошад, дар ҷои охир қарор гирифт. Дар вилояти Суғд усулҳои гуногуни кам кардани ҳаҷми партов ва беҳтар кардани сифати тозагии ҳаво чораҳои мушаххас андешида мешаванд. Таи даҳ соли охир дар вилоят бештари корхонаҳои саноатӣ бо хатҳои технологии пешқадам ва технологияи сарфаи захираҳо ҷиҳозонида шудаанд. Ғайр аз ин, баъзе иқдомҳои экологӣ ба монанди кам кардани ҳаҷми партови саноатӣ ва коркарди такрории онҳо, бунёди корхонаҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар, безараркунии партов, гузариш ба энергияи алтернативӣ, зиёд кардани масоҳати

майдонҳои сабз, тағйир додани сохтори воситаи нақлиёт, тоза кардани ҳаво дар минтақаҳои махсуси ифлосшуда тадбирҳо амалӣ карда мешаванд. Лекин, ба ин нигоҳ накарда, сол то сол аз меъёри муқаррарӣ зиёдтар партофтани моддаҳои зарарнок ба атмосфера мушоҳида карда мешавад. Масалан, вилояти Суғд дар соли 2020 нисбати соли 2010 – 3,36 баробар, вилояти Хатлон – 2,3 баробар, шаҳри Душанбе – 6,7 баробар зиёд партови зараровар хориҷ кардааст. Ин нишондиҳандаҳо гувоҳи онанд, ки дар ҳамаи минтақаҳо ҳиссаи ихроҷи моддаҳои зараровар ба атмосфера зиёд шудааст. Истисно аз ҳолати мазкур иқтисодиёти Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад, ки дар соли 2020 нисбати соли 2010 - 0,3 баробар кам партов хориҷ намудааст. Вале, мутаассифона, ҳоло ҳам ҳаҷми ихроҷи моддаҳои зараровар дар сатҳи ҷумҳурӣ зиёд аст. Таҳлили ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар минтақаҳои кишвар таи 10 соли охир партофтани моддаҳои зараровар ба атмосфера наздики 2,8 маротиба афзудааст, ки ин ҳолат нигаронкунанда мебошад.

Аз ин бармеояд, ки муаммои экологӣ ба рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ бетаъсир намемонад. Аз ин рӯ, лозим мешуморем, ки баъзе нишондиҳандаҳои макроиқтисодии вилоятро ҳамчун тасдиқи гуфтаҳои боло нишон дода бошем (ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. - Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии вилояти Суғд дар солҳои 2010-2020**

| Номгӯй | Воҳид | СОЛҲО | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2012 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Маҳсулоти умумии Минтақавӣ | Бо нархҳои ҷорӣ (млн. сомонӣ) | 5716,2 | 8961,2 | 11530,5 | 12036,9 | 14654,8 | 17510,7 | 18343,8 | 20537,1 | 21621,9 |
| | Суръати афзоиш (бо %) | 116,4 | 124,8 | 110,4 | 104,3 | 121,7 | 119,4 | 104,7 | 111,9 | 105,2 |
| Шумораи миёнаи солонаи кормандон дар иқтисодиёт | Ҳазор нафар | 398,7 | 389,6 | 401,5 | 402,0 | 401,9 | 402,7 | 408,2 | 421,5 | 432,5 |
| | Суръати афзоиш (%) | 96,4 | 99,4 | 101,9 | 100,1 | 99,9 | 100,1 | 101,3 | 103,2 | 102,6 |
| Ҳосилнокии меҳнат | Сомонӣ | 14337 | 23001 | 28718,5 | 29942,5 | 36463,7 | 43483,2 | 44938,2 | 48723,8 | 49992,2 |
| | Суръати афзоиш (%) | 110,7 | 125,4 | 108,3 | 104,2 | 121,7 | 119,2 | 103,3 | 108,4 | 102,6 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаи:*** *Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С.10-13.*

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки таи солҳои 2010-2020 тағйироти назаррас дар нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии вилояти Суғд ҷой доранд. Дар ин солҳо дар корхонаҳои саноатӣ ҳаҷми истеҳсол ва суръати афзоиши маҳсулоти умумии минтақавӣ сол то сол зиёд гаштааст. Масалан, дар соли 2020 ҳаҷми маҳсулоти умумии минтақавӣ ба 21621,9 млн сомонӣ расонида шуда, афзоиши он нисбати соли 2010 қариб 3,8 маротиба таъмин гардидааст.

Соли 2020 шумораи миёнаи солонаи кормандон дар иқтисодиёт 432,5 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки ин ҳолат дар соли 2010 398,7 ҳазор нафар буд. Воқеан сатҳи рушд ҳамагӣ 108,4% иҷро шудааст, ки ин аз ҳисоби миёнаи даҳ соли охир (рушд 8,4%) камтар мебошад.

Дар соли 2020 ҳосилнокии меҳнат ба 49992,2 сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса бо соли 2010 қариб 3,5 баробар зиёд бошад ҳам, лекин нисбати соли 2020 ҳамагӣ 3% афзудаасту халос. Таҳлили ҷадвал гувоҳӣ медиҳад, ки рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии вилояти Суғд таи даҳ соли охир таъмин гардидааст ва ин суръати рушд ба вазъи экологӣ-иқтисодии минтақа бетаъсир намемонад.

Таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат зиёдшавии партови зараровар дар минтақа бо рушди соҳаҳои саноат алоқаманд буда, дар ҷараёни васеъ паҳн кардани истеҳсолот ба зиёдшавии партови саноатӣ сабаб мегарданд. Ихроҷи партови соҳаҳои саноати кимиё, истихроҷ, истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ (агар бо технологияи анъанавӣ ё куҳна асос ёфта бошад) бештар ба зиёд намудани ҳаҷми партов замина гузошта метавонад. Барои муайян намудани ин омил, ҳиссаи сохтори соҳаҳои саноати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғдро муқоиса менамоем (ҷадвалҳои 2.3. ва 2.4).

**Ҷадвали 2.3. - Ҳиссаи сохтори соҳаҳои саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 (бо %)**

| Номгӯй | ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | Шаҳри Душанбе | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, саноат | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 37,0 | 18,4 | 4,3 | 2,0 | 28,2 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| Истихроҷи маводи энергетикӣ | - | 2,2 | 0,3 | - | 1,9 |
| Истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ | 37,0 | 16,2 | 4,0 | 2,0 | 26,3 |
| Саноати коркард | 18,3 | 74,4 | 49,1 | 59,1 | 41,0 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 11,2 | 31,5 | 12,2 | 23,3 | 12,5 |
| Истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 2,3 | 6,4 | 18,3 | 4,6 | 2,7 |
| Истеҳсоли чарм, маснуоти чармӣ, истеҳсоли пойафзол | - | 0,2 | 0,0 | 1,9 | 0,1 |
| Истеҳсол ва коркарди чӯбу тахта, маҳсулот аз чӯб | 0,5 | 0,4 | 0,2 | 1,4 | 0,5 |
| Истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти таъбу нашр | 0,3 | 0,1 | 0,1 | 5,1 | 0,3 |
| Истеҳсоли нафт ва маҳсулоти нафтӣ | - | 0,2 | 0,0 | - | 1,5 |
| Истеҳсоли маводи кимиёвӣ | 0,0 | 0,3 | 1,0 | 0,5 | 0,9 |
| Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пласт-массӣ | 0,1 | 1,0 | 0,5 | 0,9 | 2,1 |
| Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 3,1 | 5,6 | 15,1 | 10,7 | 5,5 |
| Истеҳсоли металлургӣ ва маҳсулоти тайёри филузӣ | 0,4 | 28,1 | 0,7 | 3,7 | 13,3 |
| Мошинсозӣ | - | 0,1 | 1,0 | 5,3 | 1,1 |
| Дигар соҳаҳои саноат | 0,4 | 0,5 | 0,0 | 1,7 | 0,5 |
| Истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ ва об | 44,7 | 7,2 | 46,6 | 38,9 | 30,8 |

***Манбаъ:*** *Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021. – С. 402.*

Чӣ тавре ки маълум гардид, соли 2020 ҳиссаи сохтори соҳаҳои саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: вилоятҳои Суғд, Хатлон, Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гуногун буда, дар байни онҳо ҳиссаи саноати коркард афзалияти бештар дорад. Масалан, ҳиссаи саноати коркард дар вилояти Суғд – 74,4%; вилояти Хатлон – 49,1%; ВМКБ – 18,3%; Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 41,0%; шаҳри Душанбе – 59,1% мебошад. Ҳиссаи баландро байни минтақаҳои кишвар вилояти Суғд (74,4%) ташкил медиҳад. Ҳиссаи

соҳаи истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ ва об дар минтақаҳои ВМКБ (44,7%), Хатлон (46,6%), шаҳри Душанбе (38,9%) ва Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (30,8%) хеле назаррас арзёбӣ мегардад. Минтақаи Суғд (7,2%) доир ба масъалаи мазкур дар ҷойи охирон қарор дорад. Ин аз нобаробар ҷойгир шудани қувваҳои истеҳсолкунанда ва воситаҳои истеҳсолӣ дар минтақаи Суғд гувоҳӣ медиҳад.

Дар байни минтақаҳои кишвар саноати истихроҷи маъдан дар минтақаи ВМКБ назаррас буда, зиёда аз 37%-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, истихроҷи моводи ғайриэнергетикӣ низ дар минтақа ба 37% расидааст. Вилояти Суғд дар истеҳсоли моводи кимиёвӣ (0,3%) дар ҷойи охир қарор дорад (пеш аз минтақаи ВМКБ). Новобаста аз он ки минтақа бо захираи моддаҳои кимиёвӣ ва ғайримаъданӣ бой мебошад, вай дар ин мақом қарор дорад. Дар ҷумҳурӣ аз байни соҳаҳои саноат маҳсулоти сохтмон, истеҳсоли семент, саноати коркард (истеҳсоли моводи кимиёвӣ ва маҳсулоти нафтӣ, маҳсулоти резинӣ, пластмассӣ, мошинасозӣ, металлургия ва истеҳсоли маҳсулоти фулузӣ) ба атмосфера бештар моддаҳои зараровар хориҷ менамоянд. Масалан, соҳаи саноати истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ, мошинасозӣ, маҳсулоти резинӣ, металлургия дар мамлакат (хусусан, дар вилояти Суғд), бинобар мавҷуд набудани базаи ашёи хоми ватанӣ хеле суст инкишоф меёбад. Аз ҳамин лиҳоз, соҳаҳои саноати минтақаи вилояти Суғд ба атмосфера моддаҳои зараровар камтар хориҷ менамоянд.

Вале, дар оянда, имкониятҳои инкишоф ва тараққӣ додани соҳаҳои саноати вазнин дар минтақаи Суғд дар назар аст. Зеро ки минтақа дорои захираҳои бузурги истеҳсоли молҳои саноатӣ (моддаҳои металлӣ ва ғайриметаллӣ) мебошад. Барои ноил гаштан ба ин имкониятҳо аз имрӯз ба ҳалли проблемаҳои экологӣ-иқтисодии минтақа кӯшиш ба харҷ додан зарур аст. Ин вазъият, ҷамъияти имрӯзаро вазифадор менамояд, ки минбаъд ба сабук гардонидани оқибатҳои ногувори экологӣ ва ҳифзи

муҳити зист эътибори ҷиддӣ дода, дар ин радиф ба оптимизатсия намудани сохтори саноати вилоят аҳамияти бештар диҳем. Дар чаҳорчӯбаи масъалаи мазкур мехостем, сохтори соҳаи саноати вилоятро низ баррасӣ менамоем, ки дар ҷадвали зерин бо далелу рақамҳо нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.4. - Ҳиссаи сохтори соҳаҳои саноат дар вилояти Суғд дар солҳои 2014-2020 (бо фоиз)**

| Номгӯй | СОЛҲО | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Ҳамагӣ, саноат | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 30,6 | 26,3 | 35,4 | 40,9 | 34,5 | 28,5 | 18,4 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Истихроҷи маводи энергетикӣ | 3,5 | 3,0 | 2,4 | 2,5 | 2,1 | 2,5 | 2,2 |
| Истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ | 27,1 | 23,3 | 33,0 | 38,5 | 32,4 | 26,0 | 16,2 |
| Саноати коркард | 64,0 | 69,0 | 61,3 | 55,6 | 58,1 | 63,6 | 74,4 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 33,6 | 33,3 | 25,9 | 25,2 | 23,4 | 22,6 | 31,5 |
| Истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 12,5 | 10,2 | 8,9 | 8,3 | 8,0 | 7,2 | 6,4 |
| Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,1 | 0,4 | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маҳсулот аз чӯб, | 0,8 | 0,9 | 0,8 | 0,2 | 0,7 | 0,8 | 0,4 |
| Истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти таъбу нашр | 0,3 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,1 |
| Истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 0,1 | 0,0 | - | 0,2 | 0,5 | 0,6 | 0,2 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | - | 1,4 | 1,1 | 0,8 | 0,8 | 0,4 | 0,3 |
| Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 1,9 | 1,1 | 0,8 | 0,6 | 0,7 | 1,0 | 1,0 |
| Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифулузии маъданӣ | 2,4 | 4,4 | 6,1 | 4,1 | 6,3 | 6,9 | 5,6 |
| Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри фулузӣ | 11,8 | 16,7 | 17,0 | 15,6 | 17,4 | 23,3 | 28,1 |
| Мошинсозӣ | 0,5 | 0,5 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,1 | 0,1 |
| Ҳар гуна соҳаҳои саноат | 0,3 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,5 | 0,5 |
| Истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ ва об | 5,4 | 4,7 | 3,3 | 3,4 | 7,4 | 7,9 | 7,2 |

***Манбаъҳо:*** *Омори солонаи вилояти Суғд - 2020. Нашриёти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Хуҷанд, 2020. - С. 173.; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 339.*

Аз таҳлил маълум мегардад, ки ҳиссаи саноати коркард сол то сол рӯ ба афзоиш ниҳода истодааст. Масалан, соли 2020 нисбати соли 2017 тамоюли болоравии соҳа ба 19% расид. Тараққиёти саноати коркард дар минтақа аз бисёр омилҳо вобаста аст, ба монанди шароитҳои табиӣ-

иқтисодӣ, сатҳи рушди соҳаҳои дахлдори иқтисодӣ-иҷтимоӣ, таносуби аҳолии шаҳру деҳот, сатҳи зист ва зиндагӣ, ҷойгирии қувваҳои истеҳсол-кунанда ва воситаҳои истеҳсолӣ, хусусияти фарққунандаи базавӣ ва истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ, дараҷаи рушди инфрасохтор, воситаҳои нақлиёт ва ғайра. Баъди саноати коркард ҷои дуюмро саноати истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри фулузӣ мегирад, ки ҳиссаи он дар соли 2014 ҳамагӣ 11,4% ва дар соли 2020 ба 28,1% расидааст. Дар вилоят ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан аз 30,6% соли 2014 дар соли 2020 то 18,4% паст рафтааст. Истеҳсоли маводи кимиёвӣ бошад 1,4% дар соли 2015, аммо дар соли 2020 то 0,3% кам гардидааст. Зеро минтақа аз ҷиҳати мавҷудияти захираҳои истеҳсоли маводи кимиёвӣ ва ғайримаъданӣ аз дигар манотиқҳо фарқ мекунад. Соҳаи истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ ва об дар минтақаи Суғд соли 2020 7,2%-ро ташкил кард, ки нисбати соли 2014 (дар он сол 5,2% буд) каме бошад ҳам зиёд гардид. Сабаби нофаъолии ин соҳа дар минтақа нокифоя ба гирдгардиши саноатӣ ворид гаштани захираҳои энергетикӣ (барқӣ) ба ҳисоб меравад.

Дар вилояти Суғд байни соҳаҳои саноат истихроҷи маводи энергетикӣ ва ғайриэнергетикӣ, истеҳсоли маводи кимиёвӣ ва маҳсулоти нафтӣ, резинӣ ва пластмассӣ, металлургия, селулозаю қоғаз ба атмосфера бештар партови зараровар хориҷ менамоянд. Масалан, фаъолияти баъзе аз соҳаҳои саноат, ба монанди истеҳсоли селулозаю қоғаз, пойафзол, маҳсулоти нафт, мошинасозӣ бинобар нокифоя будани базаи ашёи хоми ватанӣ суст роҳандозӣ шудааст. Аз ин рӯ, соҳаҳои қайдгардида оид ба ихроҷи ками моддаҳои зараровар байни дигар соҳаҳои саноат афзалият доранд.

Солҳои охир, дар саноати минтақа, хусусан соҳаҳои истеҳсол ва коркард тағйироти куллӣ ба назар мерасанд. Бештари корхонаҳои калони саноатӣ ба масъалаҳои таҷдид ва аз нав ҷиҳозонидани воситаҳои техникӣ диққати аввалиндараҷа зоҳир намуда, фаъолияташонро бо

истифодаи технологияи сарфаи захираҳо ва инноватсионӣ густариш дода истодаанд. Аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҷиҳати тараққӣ додани соҳаҳои сохтории саноат ва бехатарии экологӣ-иқтисодии минтақа дастгириҳои давлатӣ ба монанд такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, молиявӣ-қарзӣ, имтиёзҳои гумрукию андозӣ, ҷалби сиёсати инноватсионию сармоягузорӣ (бо захираҳои дохилии молиявӣ) ва ғайраҳо роҳандозӣ гаштааст, ки ин иқдом минбаъд ба беҳтар шудани ҳолати соҳаҳои саноат мусоидат хоҳад кард.

Ҳолати партофтани моддаҳои зарарнокро ба атмосфера аз манбаъҳои доимӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд баррасӣ менамоем (Ҷадвали 2.5).

**Ҷадвали 2.5. - Ҳиссаи ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера аз манбаъҳои доимӣ дар вилояти Суғд (бо %)**

| Шаҳру ноҳия | СОЛҲО | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | | 2015 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | |
| В. Суғд | 5,9 | 100% | 8,8 | 100% | 10,4 | 100% | 10,88 | 100% | 11,7 | 100% | 11,6 | 100% | 15,1 | 100% |
| Хуҷанд | 0,2 | 3,38 | 0,5 | 5,68 | 0,6 | 6,12 | 0,7 | 6,42 | 0,8 | 6,83 | 1,2 | 10,34 | 3,0 | 19,73 |
| Исфара | 0,7 | 11,86 | 0,7 | 7,95 | 0,6 | 6,12 | 0,6 | 5,50 | 0,9 | 7,69 | 0,6 | 5,17 | 1,1 | 7,23 |
| Гулистон | 0,7 | 11,86 | 2,0 | 22,72 | 2,2 | 22,44 | 2,9 | 26,60 | 2,9 | 24,78 | 2,8 | 24,13 | 1,0 | 6,57 |
| Конибодом | 0,3 | 5,08 | 0,3 | 3,40 | 0,1 | 1,02 | 0,2 | 1,83 | 0,3 | 2,56 | 0,2 | 1,72 | 0,3 | 1,97 |
| Панҷакент | 0,3 | 5,08 | 2,5 | 28,40 | 3,5 | 35,71 | 2,9 | 26,60 | 2,9 | 24,78 | 2,9 | 25,0 | 3,8 | 25,0 |
| Истаравшан | 0,7 | 11,86 | 0,01 | 0,11 | 0,03 | 0,30 | 0,03 | 0,27 | 0,2 | 1,70 | 0,2 | 1,72 | 0,6 | 3,94 |
| Бӯстон | 0,2 | 3,38 | 0,01 | 0,11 | 0,03 | 0,30 | 0,05 | 0,45 | 0,06 | 0,51 | 0,1 | 0,86 | 0,4 | 2,63 |
| Айнӣ | 0,6 | 10,16 | 0,5 | 5,68 | 0,5 | 5,10 | 1,2 | 11,0 | 1,1 | 9,40 | 0,9 | 7,75 | 1,5 | 9,86 |
| Ашт | 0,4 | 6,77 | 0,05 | 0,56 | 0,05 | 0,51 | 0,2 | 1,83 | 0,2 | 1,70 | 0,2 | 1,72 | 0,2 | 1,31 |
| Деваштич | 0,3 | 5,08 | 0,07 | 0,79 | 0,07 | 0,71 | 0,2 | 1,83 | 0,2 | 1,70 | 0,2 | 1,72 | 0,4 | 2,63 |
| Зафаробод | 0,1 | 1,69 | 0,1 | 1,13 | 0,1 | 1,02 | 0,1 | 0,91 | 0,1 | 0,85 | 0,1 | 0,86 | 0,1 | 0,65 |
| Мастчоҳ | 0,1 | 1,69 | 0,2 | 2,27 | 0,2 | 2,04 | 0,2 | 1,83 | 0,3 | 2,56 | 0,2 | 1,72 | 0,8 | 5,26 |
| Спитамен | 0,2 | 3,38 | 0,2 | 2,27 | 0,2 | 2,04 | 0,2 | 1,83 | 0,2 | 1,70 | 0,3 | 2,58 | 0,2 | 1,31 |
| Ҷ. Расулов | 0,3 | 5,08 | 0,5 | 5,68 | 0,5 | 5,10 | 0,4 | 3,66 | 0,9 | 7,69 | 0,7 | 6,03 | 0,4 | 2,63 |
| Б.Ғафуров | 0,8 | 13,55 | 1,1 | 12,5 | 1,2 | 12,24 | 1,1 | 10,09 | 0,8 | 6,83 | 1,1 | 9,48 | 1,4 | 9,21 |
| Ҳисоби миёна | 0,39 | 6,66 | 0,58 | 6,61 | 0,66 | 6,71 | 0,73 | 6,71 | 0,8 | 6,75 | 0,78 | 6,72 | 1,01 | 6,66 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020 – С.114; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 117.*

***Эзоҳ:*** *I – ба ҳисоби ҳазор тонна; II – ба ҳисоби фоиз (%).*

Дар ҳақиқат, далелу рақамҳои болоӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар қаламрави вилояти Суғд, асосан он шаҳру ноҳияҳои аз ҷиҳати саноат тараққикарда оид ба ихроҷи моддаҳои зараровар ба атмосфера ҳиссаи

баланд доранд. Масалан, вазни қиёсии партови моддаҳои зараровар дар шаҳру ноҳияҳои саноатии вилоят нисбат ба дигар минтақаҳои он ба маротиб баланд аст. Алалхусус, соли 2020 нисбат ба нишондоди ҷамъбастӣ дар миқёси вилоят вазни қиёсии партофтани моддаҳои зараровар дар минтақаҳои таъиноти саноатидошта, аз ҷумла шаҳри Панҷакент - 25%; шаҳри Хуҷанд - 19,73%, ноҳияҳои Айнӣ – 9,86%, Бобоҷон Ғафуров – 9,21%-ро нишон дод, ки дар миқёси вилоят минтақаи пешрафта дар ихроҷи моддаҳои зараровар ба ҳисоб меравад.

Чунин тамоюл солҳои пешин низ дар минтақаҳо мушоҳида мешуд. Масалан, шаҳри Панҷакент таи 6 соли охир (солҳои 2015-2020) оид ба ихроҷи партов дар байни минтақаҳои вилоят ҷои аввалро мегирад. Соли 2016 бошад, ҳиссаи он ба 35,71% баробар шуд, ки шаҳри ифлостарини вилоят аз рӯи ҳамин нишондиҳанда ба ҳисоб мерафт. Шаҳри саноатии Гулистон бошад, давоми 10 соли охир (солҳои 2010-2019) ҷои дуюмро (бо ҳиссаи 26%) оид ба ҳамин масъала мустаҳкам нигоҳ медошт. Вале, бо сабабҳои объективӣ соли 2020 ҷойи 5-умро (6,57%) ишғол кард. Ғайр аз ин, соли 2020 саҳми дигар шаҳрҳои таъиноти саноатидошта ба монанди шаҳри Исфара – 7,23%; ноҳияҳои Ҷаббор Расулов – 2,63%; Мастчоҳ – 5,26% низ назаррас аст.

Мушоҳида нишон медиҳад, ки дар ҷадвали мазкур нишондиҳандаҳои ноҳияҳои Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ ва шаҳри Истиқлол дар сарчашмаҳои оморӣ дарҷ нагардидаанд. Инро чунин шарҳ додан мумкин аст, ки дар минтақаҳои мазкур соҳаҳои саноате, ки партови моддаҳои зарарнокро паҳн менамояд мавҷуд нест ё ин ки бо сабабҳои объективӣ ба маълумотҳои оморӣ ворид нашудааст. Ба андешаи мо, дар ҳақиқат дар ноҳияҳои Шаҳристон ва Кӯҳистони Мастчоҳ дар ҳаҷми тавлиди мол ва хизматрасониҳо соҳаи саноат оид ба партофтани моддаҳои зараровар ҳиссаи ночизе дорад, вале нисбати шаҳри Истиқлол ҳангоми қайди ин нуктаҳо мумкин аст ба иштибоҳ роҳ диҳем. Агар нишондиҳандаҳои мазкурро таҳлил намоем, маълум

мегардад, ки қариб дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ҳаҷми партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера сол то сол тамоюли зиёдшавӣ дорад. Минтақаҳои Конибодом, Истаравшан, Бӯстон, Ашт, Деваштич, Зафаробод, Спитамен, Ҷаббор Расулов дар соли 2020 нисбат ба ҳисоби миёнаи вилоятӣ партовро кам ихроҷ намуданд. Солҳои охир дар баъзе аз ин ноҳияҳо тағйирёбии ночиз ба миён омадааст ё ин ки баръакс, он коҳиш ёфтааст. Дар маҷмуъ, давоми 10 соли охир дар миқёси вилояти Суғд ҳаҷми партови саноатӣ қариб 2,6 маротиба зиёд шудааст.

Шароитҳои экологӣ-иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба сифати истифодаи воситаи асосии истеҳсолот, яъне дар ҳолати заминҳои кишоварзӣ инъикос мегардад. Яке аз нишондиҳандаи он харобшавии заминҳои кишоварзӣ мебошад. Мутаассифона, дар сарчашмаҳои омории ҷумҳурӣ дарёфт намудани далелу рақамҳо оид ба сатҳи харобшавии замин хеле душвор аст, яъне расман дар маводҳои шаҳру ноҳияҳои минтақаҳо чоп намегарданд. Бинобар ин, мо барои таҳлил сатҳи истифодаи заминҳои кишоварзиро дар вилояти Суғд мавриди таҳқиқ қарор додем (Ҷадвали 2.6).

**Ҷадвали 2.6. - Сатҳи истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020 (бо %)**

| Номгӯй | СОЛҲО | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | | | 2017 | | | 2018 | | | 2019 | | | 2020 | | |
| | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III |
| Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ (ҳазор га) | 1097,2 | 773,8 | 70,5 | 1098,2 | 776,9 | 70,7 | 1098,8 | 783,7 | 71,3 | 1098,8 | 784,8 | 71,4 | 1099,2 | 783,5 | 71,2 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | | | | | | | | |
| Мазраъ | 229,1 | 223,5 | 97,5 | 228,5 | 223,3 | 97,7 | 229,6 | 223,3 | 97,2 | 229,6 | 223,3 | 97,2 | 229,5 | 223,6 | 97,4 |
| Ниҳолҳои бисёрсола | 75,2 | 71,4 | 94,9 | 77,4 | 74,9 | 96,7 | 78,0 | 75,7 | 97,0 | 79,0 | 76,7 | 97,0 | 79,0 | 76,7 | 97,0 |
| Замини алафдаравӣ | 1,1 | 0,9 | 81,8 | 1,1 | 0,9 | 81,8 | 1,1 | 0,9 | 81,8 | 1,1 | 0,9 | 81,8 | 1,1 | 0,9 | 81,8 |
| Чарогоҳ | 785,1 | 471,8 | 60,0 | 784,5 | 471,8 | 60,1 | 784,1 | 478,3 | 60,9 | 784,1 | 478,2 | 60,9 | 783,5 | 478,2 | 61,0 |
| Замини партов | 6,7 | 6,0 | 89,5 | 6,7 | 6,0 | 89,5 | 6,1 | 5,6 | 91,8 | 6,1 | 4,1 | 67,2 | 6,1 | 4,1 | 67,2 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Омори солонаи вилояти Суғд - 2020. Нашриёти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Хуҷанд, 2020. - С. 182.; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. - С.359, 361.*

***Эзоҳ:*** *I - Заминҳои мавҷуда (ҳазор га);*
*II - Заминҳои истифодашуда (ҳазор га);*
*III - Сатҳи истифодаи замин (бо %).*

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, аз заминҳои мавҷудаи таъиноти кишоварзӣ ҳамагӣ 71,2% дар гирдгардиши истеҳсолоти кишоварзӣ истифода гардидааст. Ин маънои онро дорад, ки захираҳои истеҳсолии кишоварзӣ нокифоя истифода мегардад. Ҳатто майдони мазраъ соли 2020 қариб ки ба гирдгардиш ворид нагаштааст. Аз 2,6% мазраъ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 5,9 ҳазор га мазраъ аз кишт берун мондааст. Ин ҳолат дар ҳалли ҳадафи сеюми стратегии давлат, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ бетаъсир намемонад.

Ҳолати экологии заминҳо, яъне харобшавии замин аз бисёр омилҳои таъсиррасон вобаста аст, аз ҷумла риоя накардани меъёри обёрии киштзор, истифода нашудани таҷҳизоти муосири обёрӣ, риоя нагаштани қоидаҳои агротехникӣ, аз меъёр зиёд ё ин ки умуман истифода набурдани нуриҳои маъданӣ ва органикӣ, вайрон кардани ҳолати мелиоративии заминҳо ва ғайра мебошад.

Ҳолати дигаре, ки мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, ин вазъи истифодаи заминҳои партов мебошад. Соли 2020 аз ҷамъи заминҳо (6,1 ҳазор га) сатҳи истифодабарии он ба 67,2% расидааст. Яъне, ки қариб 2 ҳазор га заминҳои партов истифода нашуда, ба гирдгардиши кишоварзӣ ворид нагаштааст. Сабабҳои асосии аз истифодаи кишоварзӣ берун мондани заминҳои партов аз як қатор омилҳо вобаста аст, аз ҷумла, аз ҳад зиёд чаронидани чорво, буридани дарахтзор, истифодаи ғайримақсадноки заминҳои корам (сохтмони қитъаҳои ёрирасони хоҷагӣ, бинову иншоот ва ғайра), риояи нодурусти корҳои механиконии кишоварзӣ, таъсири шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва ғайра.

Масъалаҳои дар боло зикргардида, дар низоми идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии вилояти Суғд мубрамияти худро доранд ва дар оянда масъалаҳои таъмини шароитҳои экологӣ бояд зери назорати қатъӣ қарор дода шавад.

Боиси қайд аст, ки дар сохтори идоракунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд масъалаи рушди экологӣ-иқтисодӣ мақоми махсус дошта, сохтори махсус дар ҷараёни кору фаъолияташон ба таъмини масъалаҳои рушди экологӣ-иқтисодии минтақаҳои вилоят ҳиссагузор мебошанд. Дар ин самт, мехостем, ҳолати муосири низоми идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии вилояти Суғдро нишон дода бошем (Расми 2.1).

**Амсилаи идоракунии рушди экологӣ-иқтисодӣ дар вилояти Суғд**




**Расми 2.1. - Амсилаи идоракунии рушди экологӣ-иқтисодӣ дар вилояти Суғд**

Боиси қайд аст, ки масъалаҳои стратегии таъмини рушди экологӣ-иқтисодӣ дар Маҷлиси вакилони халқ вилоят баррасӣ ва тасдиқ мегарданд. Барномаҳои махсус, консепсия ва стратегияҳо дар самти экологӣ-иқтисодӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд амалӣ мегарданд. Чӣ тавре ки аз расми 2.1. бармеояд, дар сохтори МИҲД-ии вилояти Суғд мақомоти махсус бо номи Сарраёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд фаъолият дорад, ки дар амалӣ гаштани чорабиниҳои экологӣ-иқтисодӣ бевосита уҳдадор мебошад.

Сохтори назоратии Сарраёсати ҳифзи муҳити зист дар вилояти Суғд аз 6 шуъба иборат буда, фаъолияти функсионалии онҳо чунин зоҳир мегардад:

1. Шуъбаи назорати истифода ва ҳифзи захираҳои об - истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, ҳифзи обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ аз ифлосшавӣ ва сарфашавӣ, инчунин истифодаи мақсадноки манбаъҳои обиро назорат менамояд;

2. Шуъбаи назорати таҳлилӣ – чорабиниҳо ҷиҳати омӯзиш ва назорати таҳлили вазъи муҳити зист, ошкори пайдоиши ҷараёни ҳодисаҳои табиӣ, вайроншавии тамоюлҳои экологӣ ва ташкили мониторинги муҳити зистро дар қаламрави вилояти Суғд ба роҳ мемонад;

3. Шуъбаи экспертизаи экологӣ фаъолияти назорати давлатиро дар соҳаи экспертизаи экологӣ, санҷиши ҳолати воридот ва содироти мавод, муайян кардани ҳадди ҷоизи меъёри садо, ларзиш, майдонҳои магнитӣ ва истифодаи мақсадноки моддаҳои кимиёвӣ ва ғайраро ба танзим медарорад;

4. Шуъбаи назорати истифода ва ҳифзи атмосфера – масъалаҳои истифодаи оқилонаи ҳифзи атмосфера, таъмини риояи меъёри ҳифзи ҳаво ва партови атмосферӣ, бо низом кам кардани моддаҳои ифлоскунанда ба манбаъҳои атмосфера, инчунин татбиқи комёбиҳои

илмиву техникӣ ва таҷрибаи пешқадамро дар корхонаҳои саноатӣ дар самти истифода ва ҳифзи атмосфера ба танзим медарорад;

5. Шуъбаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин ва муомилот бо партов - бештар масъалаҳои назорати истифода ва ҳифзи оқилонаи замин, сарватҳои табиӣ, канданиҳои фоиданок ва муомилот бо партов машғул буда, иҷрои риояи меъёрҳо ва бо низом кам кардани моддаҳои ифлоскунандаи табиатро танзим менамояд;

6. Шуъбаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва захираҳои моҳӣ – ба проблемаҳои истифода ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот, захираҳои моҳӣ, хоҷагиҳои шикорӣ, ҳудудҳои табиии махсуси муҳофизатшаванда ва ҷангалзор бештар машғул буда, омӯзиш ва таҳлили вазъи имрӯзаи флора ва фауна, муайян кардани сабабу шароитҳои ҳодисаҳои хавфи экологӣ дошта, инчунин солимгардонӣ ва беҳтарсозии онҳоро дар миқёси вилоят ба роҳ мемонад ва дар таъминнамоии мувозинати экологии минтақа чораҳои зарурӣ меандешад.

Дар навбати худ, ҷиҳати таъмини рушди экологӣ-иқтисодӣ ҳамаи сохтор, яъне ҳам мақомоти функсионалӣ (саноат, кишоварзӣ ва ғайра), мақомоти соҳавӣ (хоҷагиҳои ҷангал, об, коммуналӣ ва ғайра) дар чаҳорчӯбаи фаъолияти худ ҷавобгӯ ҳастанд. Аз фаъолияти самараноки онҳо дар мавриди ҳифзи муҳити зист пешгирии ифлосшавии ҳаво, сарчашмаҳои обӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудан имконпазир аст. Бинобар ин, бо мақсади густариши фаъолияти онҳо такмили механизми идоракунии рушди экологӣ-иқтисодӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

## 2.2. АРЗЁБИИ РУШДИ ЭКОЛОГӢ – ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ СУҒД: МУАММОҲО ВА ХУСУСИЯТҲО

Иқтисодиёт ҳамчун низоми «худтараққишаванда» буда, ҷараёни он се ҷанбаро бо ҳамдигар вобаста менамояд, яъне биосфера (захираҳои табиӣ, муҳити зист, муҳити зист, олами наботот ва ҳайвонот ва ғайра), техносфера (объектҳое, ки тариқи сунъӣ бунёд гардидааст: техника, технология, бино, таҷҳизот, обанбор, кӯлҳои сунъӣ, паркҳо, боғҳо, заводу корхонаҳо, мегаполисҳо ва ғайраҳо) ва сотсиосфера (фаъолияти инсон, ҷамъият, гуруҳи одамон дар самти истифодабарӣ ва техносфера).

Меъёрҳои рушди оптималӣ ё ин ки рушди устувори иқтисодӣ бо тарзи маҷмуӣ бисёр нишондиҳандаҳоро дар фаъолияти худ инъикос менамоянд. Дар маҷмааи он иқтидори захиравии табиии минтақа, имкониятҳои минтақа барои наслҳои оянда, идоракунии самараноки ҳама гуна захираҳо бо таъмини такрористеҳсолоти васеъ, дар якҷоягӣ вайрон накардани муҳити экологӣ дар ҳар як минтақа, рушди иқтидори инсонӣ, сармояи инсонӣ ва ғайраҳо ворид мебошанд.

Дар низоми нишондиҳандаҳо мавқеи махсусро тағйир надодани (таъсири манфӣ) муҳити экологӣ, тибқи меъёр нигоҳ доштани сифати муҳити зист, пешгирии хатарҳои сатҳи партови моддаҳои зарарнок, арзёбии талафоти табиӣ ва таҳдидҳо барои саломатии инсон ишғол мекунад.

Нишондиҳандаи меъёрӣ барои таъмини рушди оптималии экологӣ-иқтисодии минтақа аҳамияти калон дошта, арзёбии хатарҳои аз меъёр гузаштан, таҳдид ба экология ва муҳити зист, саломатии инсон, хусусан нигоҳ доштани сарватҳои табиӣ барои наслҳои оянда тавсиф карда мешавад.

Ба андешаи баъзе мутахассисон бо рушди прогресси илмӣ-техникӣ торафт хавфи зиёдшавии бухрони экологӣ ба миён меояд. Вале, ин ақида бахсталаб боқӣ мемонад, зеро на рушди прогресси илмӣ-техникӣ, балки

ноуҳдаброй ё ин ки нодуруст идора намудани натиҷаҳои прогресси илмӣ-техникӣ ва муносибати ваҳшиёнаи инсон бо узвҳои таркибии табиат (биосфера) сабаби пайдошавии буҳрони экологӣ шуданаш мумкин аст. Дар минтақаҳо муаммои экологӣ бо истифодаи равияи барномавии мақсадноки идоравӣ самараи худро медиҳад, зеро коркард ва амалишавии барномаҳои махсус дар самти ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ эҳтимолияти коҳишёбии сарбории фаъолияти инсонро ба табиат таъмин хоҳад намуд.

Вақте ки сухан дар бораи идоракунии иқтисодиёти минтақа меравад, усул, равия ва механизми таъсиррасонро ба ҷараёни меҳнати ҷамъиятӣ, ҳолати экологӣ, раванди такрористеҳсолот дар минтақаи муайян фаҳмида мешавад. Дар ин радиф, идоракунии ҳолати экологии минтақа, яке аз узви ҷудонашавандаи низоми иқтисодӣ-экологии минтақа буда, аз ҳадаф, мундариҷа, фишанг ва механизмҳои он, истифодаи самараноки иқтидори захиравии табиии минтақа ва таъмини аҳолӣ бо муҳити беҳтарини экологӣ вобаста мебошад. Яке аз узви асосии сохторӣ дар иқтисодиёти минтақа ҳамчун субъекти фаъолияткунанда ин корхона мебошад. Корхона сохторест, ки дар он якҷояшавии захираҳои моддӣ, инсонӣ ва молиявӣ баҳри истеҳсоли маҳсулоти муайян амалӣ карда мешавад. Дар натиҷаи чунин амалиёт эҳтимолияти пайдошавии моддаҳои зараровар ҳамчун партови истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд. Хусусан дар шароити иқтисодиёти бозор корхона дар ҷараёни фаъолияти худ, барои ба мақсад расидан пеш аз ҳама, афзун гардонидани даромад ва гирифтани фоидаи ҳадди аксар кӯшиш ба харҷ медиҳад. Дар аксари мавридҳо иқдоми мазкур ба ҳадафҳои экологӣ ихтилоф дорад ё ин ки онҳо масъалаҳои экологиро ба инобат намегиранд. Дар натиҷа низоми муносибатҳои ҳамкории инсон ва табиат вайрон мешавад. Аз ин нуқтаи назар, тибқи намуд ва хусусияти истеҳсолот ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунандаи корхонаҳо ҳамчун сарчашмаи доимии ихроҷи

моддаҳои зараровар баромад намуда, дар натиҷаи вайроншавии муҳити зист ва табиӣ ба саломатии инсон зарар расониданаш мумкин аст. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, сараввал оид ба ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера аз манбаъҳои доимӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо вилояти Суғд баррасӣ намоем (Ҷадвали 2.7).

**Ҷадвали 2.7. – Ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера аз манбаъҳои доимӣ, ба як нафар коргар (бо кг) дар минтақаҳои Тоҷикистон (солҳои 2015-2020)**

| Солҳо | Воҳиди ченак | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | ВМКБ | Шаҳри Душанбе | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | I | 27,0 | 8,8 | 1,7 | - | 4,4 | 12,1 |
| | II | 1097,6 | 402,0 | 404,6 | 23,4 | 149,3 | 118,4 |
| | III | 24,5 | 21,8 | 4,2 | - | 29,4 | 102,1 |
| 2016 | I | 36,8 | 10,4 | 1,8 | - | 7,0 | 17,6 |
| | II | 1102,4 | 401,9 | 403,8 | 23,6 | 153,2 | 119,8 |
| | III | 33,3 | 25,8 | 4,4 | - | 45,6 | 146,9 |
| 2017 | I | 46,7 | 10,9 | 1,8 | - | 14,5 | 19,5 |
| | II | 1147,7 | 402,7 | 447,7 | 25,0 | 155,6 | 116,7 |
| | III | 40,6 | 27,0 | 4,0 | - | 93,1 | 167,0 |
| 2018 | I | 48,3 | 11,7 | 5,6 | - | 16,2 | 14,8 |
| | II | 1166,6 | 408,2 | 456,7 | 24,5 | 162,5 | 114,7 |
| | III | 41,4 | 28,6 | 12,2 | - | 99,6 | 129,0 |
| 2019 | I | 63,3 | 11,6 | 18,6 | - | 17,2 | 15,9 |
| | II | 1197,8 | 421,5 | 473,2 | 23,2 | 165,5 | 114,4 |
| | III | 52,8 | 27,5 | 39,3 | - | 103,9 | 138,9 |
| 2020 | I | 61,5 | 15,1 | 8,5 | - | 18,8 | 19,1 |
| | II | 1214,2 | 432,4 | 476,0 | 24,1 | 169,3 | 112,3 |
| | III | 50,6 | 34,9 | 17,8 | - | 111,0 | 170,0 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С.114; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 70, 117.*

***Эзоҳ:*** *I – Ҳаҷми партови моддаҳои зарарнок (ҳазор тонна);*
*II - Шумораи миёнаи кормандони кироякор (ҳазор нафар);*
*III - Ҳаҷми партови моддаҳои зарарнок ба ҳар сари аҳолӣ (кг).*

Аз додаҳои ҷадвал бармеояд, ки солҳои охир дар ҳамаи минтақаҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зиёдшавии ҳаҷми партов ба атмосфера ба назар мерасад. Чун ҳамеша доир ба ин масъала байни минтақаҳо Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҷойи аввал

қарор дошт, вале се соли охир ин тамоюлот тағйир ёфт. Ин раванд ба бештар рост омадани ҳаҷми партов ба ҳар сари аҳолӣ низ бетаъсир намемонад.

Соли 2020 дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбати соли 2018 ҳаҷми партов 30% зиёд шуд, сабаб дар он аст, ки дар ин сол фаъолияти мунтазами Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминии Тоҷик» (ТАЛКО) ва таъсиси дигар коргоҳҳои ёрирасон дар атрофи ширкат ба ҳисоб меравад. Дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ соли 2020 нисбати соли 2018 зиёд гаштани ҳаҷми партов ба атмосфера ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла вилояти Суғд – 29%, шаҳри Душанбе – 16%. Соли 2020 вилояти Хатлон дар муқоиса бо дигар минтақаҳо аз ҳама кам партов ихроҷ карда бошад ҳам, лекин нисбати соли 2018 52% зиёд мебошад.

Ҳоло дар вилояти Суғд ҳалли проблемаҳои ифлосшавии ҳаво, кам кардани партови саноатӣ, назорати экологии воситаҳои нақлиёт, истифодаи манбаъҳои алтернативии энергия, кор карда баромадани SMART-технология дар идоракунии партов ва ғайра гузаронида шуда истодааст. Лекин, бо вуҷуди амалӣ шудани ин корҳо имрӯз нишондиҳандаи вилояти Суғд аз ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ 2% баландтар мебошад.

Мутаассифона, сол то сол ба ҳар сари аҳолӣ партофтани моддаҳои зарарнок ба атмосфера дар миқёси ҷумҳурӣ зиёд шуда истодааст. Ин омил ба динамикаи ихроҷи партов ва афзоиши шумораи аҳолӣ, комёбиҳои илму техника ва технология вобастагӣ дорад. Чуноне ки дар боло зикр доштем, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ байни дигар минтақаҳо доир ба ин масъала (дар панҷ соли охир) пешсаф мебошад. Сабаб дар он аст, ки ҳаҷми партови саноатӣ аз шумораи миёнаи кормандон алоқамандӣ дорад. Соли 2020 дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зиёдшавии партов ба ҳар нафар нисбати соли 2018 41 кг, яъне ба 32% рост омад.

Дар минтақаи Суғд тағйирёбии ба ҳар сари аҳолӣ партофтани партов нишон медиҳад, ки солҳои 2015-2018 ва 2020 афзоиши бемайлони

он ба ҳар нафар мушоҳида мешуд, вале соли 2019 он ба зинаи паст фаромад. Дар минтақаи Суғд соли 2020 партов ба ҳар сари аҳолӣ ба 34,9 кг рост омад, ки дар муқоиса бо соли 2018 6,3 кг (22%) боло рафтааст (нигаред ба расми 2.2.)




**Расми 2.2. Ҳаҷми ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера аз манбаъҳои доимӣ дар вилояти Суғд (кг / коргар) (муқоиса бо ҳисоби миёнаи ҷумҳуриявӣ)**

Мутаассифона, новобаста аз амалӣ намудани бисёр чорабиниҳои беҳтар намудани вазъи муҳити табиӣ ҳаҷми партов дар ҷумҳурӣ тамоюли зиёдшавӣ дорад, ки ин ба вазнин шудани сарбории экологӣ оварда расонидааст.

Дар шароити муосир, зарурати ҳалли муаммои самараноки якҷояшавии биосфера, топосфера ва сотсиосфера дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд, ки экологикунонии сохтори иқтисодиёти минтақа таъмин карда шавад. Экологикунонии соҳа пеш аз ҳама маънои онро дорад, ки дар сохтори иқтисодиёти минтақа муҳити мусоид ва бехатари экологӣ таъмин карда шавад.

Барои арзёбии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа чӣ тавре ки дар боби аввали рисола қайд карда будем, нишондиҳандаҳои муайян муқоиса ва таҳлил карда мешаванд. Ҷиҳати муайян намудани шароити

ташаккули муҳити экологии мусоид ду гуруҳ нишондиҳандаҳо ҳисоб карда мешаванд. Ба гуруҳи якум, нишондиҳандаҳое, ки сифати муҳити зистро инъикос менамояд:

- ихроҷи моддаҳои зарарнок аз сарчашмаҳои доимӣ ба ҳар сари аҳолӣ;

- безарар (соф) намудани моддаҳои зарарноки ба муҳити зист хориҷшуда;

- ҳаҷми партовобаҳо ба ҳар сари аҳолӣ;

- ҳаҷми обҳои тоза дар фаъолияти хоҷагидорӣ ба ҳар сари аҳолӣ;

- пайдошавии партови истеҳсолот ва истеъмолот.

Ба гуруҳи дуюм, нишондиҳандаҳое ворид мешаванд, ки хароҷоти иқтисодиро оид ба эҳё намудани муҳити экологии мусоид равона менамоянд:

- маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ, ки ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ нигаронида мешавад;

- хароҷоти ҷорӣ ба ҳифзи муҳити зист.

Дар асоси арзёбӣ намудани чунин нишондиҳандаҳо ҳолати шаҳру ноҳияҳои алоҳидаро дар самти ташаккули муҳити экологии мусоид муайян кардан зарур аст. Вале, мутаассифона, дар нашрияҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти зарурӣ нисбати нишондиҳандаҳои боло мавҷуд нест, аммо нисбати баъзеи онҳо маълумоти оморӣ дарёфт кардан мумкин аст. Бинобар ин, аз маълумоти мавҷуда истифода бурда оид ба ташаккули муҳити мусоиди экологии минтақа якчанд таҳлилҳо мегузаронем.

Саравввал нишондиҳандаи ихроҷи моддаҳои зарарнокро ба атмосфера аз сарчашмаҳои доимӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Суғд таҳлил менамоем (ҷадвали 2.8).

**Ҷадвали 2.8. – Ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера аз манбаъҳои доимӣ, ба ҳар сари аҳолӣ (бо кг) дар вилояти Суғд (солҳои 2015-2020)**

| Шаҳру ноҳия | СОЛҲО | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | | 2017 | | | 2018 | | | 2019 | | | 2020 | | |
| | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III |
| Вилояти Суғд | 8,8 | 2511,1 | 3,5 | 10,9 | 2608,5 | 4,1 | 11,7 | 2657 | 4,4 | 11,6 | 2705,4 | 4,2 | 15,1 | 2753,1 | 5,4 |
| Хуҷанд | 0,5 | 175,4 | 2,8 | 0,7 | 180,0 | 3,8 | 0,8 | 181,7 | 4,4 | 1,2 | 183,7 | 6,5 | 3,0 | 185,5 | 16,1 |
| Исфара | 0,7 | 256,3 | 2,7 | 0,6 | 265,1 | 2,2 | 0,9 | 269,6 | 3,3 | 0,6 | 274,0 | 2,1 | 1,1 | 278,0 | 3,9 |
| Гулистон | 2,0 | 45,1 | 44,3 | 2,9 | 47,1 | 61,5 | 2,9 | 47,7 | 60,7 | 2,8 | 48,4 | 57,8 | 1,0 | 50,0 | 20,0 |
| Конибодом | 0,3 | 199,5 | 1,5 | 0,2 | 205,5 | 0,9 | 0,3 | 208,4 | 1,4 | 0,2 | 211,2 | 0,9 | 0,3 | 213,6 | 1,4 |
| Панҷакент | 2,5 | 278,4 | 8,9 | 2,9 | 290,3 | 9,9 | 2,9 | 297,0 | 9,7 | 2,9 | 303,2 | 9,5 | 3,8 | 309,1 | 12,2 |
| Истаравшан | 0,01 | 251,4 | 0,03 | 0,03 | 262,5 | 0,1 | 0,2 | 267,9 | 0,7 | 0,2 | 273,5 | 0,7 | 0,6 | 278,5 | 2,1 |
| Бӯстон | 0,01 | 33,5 | 0,2 | 0,05 | 35,1 | 1,4 | 0,06 | 35,7 | 1,6 | 0,1 | 36,4 | 2,7 | 0,4 | 37,2 | 10,7 |
| К. Мастчоҳ | - | 23,1 | - | - | 24,2 | - | - | 24,6 | - | - | 25,1 | - | - | 25,8 | - |
| Айнӣ | 0,5 | 78,2 | 6,3 | 1,2 | 81,0 | 14,8 | 1,1 | 82,1 | 13,3 | 0,9 | 83,4 | 10,7 | 1,5 | 84,8 | 17,6 |
| Ашт | 0,05 | 155,2 | 0,3 | 0,2 | 161,6 | 1,2 | 0,2 | 165,0 | 1,2 | 0,2 | 168,4 | 1,1 | 0,2 | 171,2 | 1,1 |
| Деваштич | 0,07 | 158,3 | 0,4 | 0,2 | 165,7 | 1,2 | 0,2 | 169,6 | 1,1 | 0,2 | 173,4 | 1,1 | 0,4 | 177,3 | 2,2 |
| Зафаробод | 0,1 | 69,2 | 1,4 | 0,1 | 72,4 | 1,3 | 0,1 | 74,1 | 1,3 | 0,1 | 75,7 | 1,3 | 0,1 | 77,5 | 1,2 |
| Шаҳристон | - | 39,5 | - | - | 41,5 | - | - | 42,6 | - | - | 43,9 | - | - | 44,8 | - |
| Мастчоҳ | 0,2 | 117,0 | 1,7 | 0,2 | 122,6 | 1,6 | 0,3 | 125,4 | 2,3 | 0,2 | 128,5 | 1,5 | 0,8 | 131,3 | 6,0 |
| Спитамен | 0,2 | 131,7 | 1,5 | 0,2 | 136,7 | 1,4 | 0,2 | 139,1 | 1,4 | 0,3 | 141,5 | 2,1 | 0,2 | 144,0 | 1,3 |
| Ҷ. Расулов | 0,5 | 127,9 | 3,9 | 0,4 | 132,7 | 3,0 | 0,9 | 135,3 | 6,6 | 0,7 | 137,7 | 5,0 | 0,4 | 140,1 | 2,8 |
| Истиқлол | - | 16,4 | - | - | 16,9 | - | - | 17,2 | - | - | 17,6 | - | - | 18,0 | - |
| Б.Ғафуров | 1,1 | 355,0 | 3,0 | 1,1 | 367,6 | 2,9 | 0,8 | 374,0 | 2,1 | 1,1 | 380,1 | 2,8 | 1,4 | 386,2 | 3,6 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С.114; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 117; Омори солонаи вилояти Суғд / Маҷмуаи оморӣ. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. – С. 25; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 33.*

***Эзоҳ:*** *I – Ҳаҷми партови моддаҳои зарарнок (ҳазор тонна);*
*II - Шумораи аҳолии доимӣ (ҳазор нафар);*
*III - Ҳаҷми партови моддаҳои зарарнок ба ҳар сари аҳолӣ (кг).*

Чуноне ки дар ҷадвал қайд кардем, дар миқёси шаҳру ноҳияҳои Суғд оид ба партофтани партов ба атмосфера солҳои 2015-2018 ва 2020 афзоиши босуръати он ба назар расида, танҳо соли 2019 дар ҳолати пастравӣ қарор дошт. Таҳлили тағйирёбии ихроҷи партов дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои вилоят нишон дод, ки солҳои 2015-2020 ҷойи аввалро шаҳри Гулистон ишғол мекард. Ҷои дувум шаҳри Панҷакент нисбати ин масъала фаъолтар буд. Дар ноҳияҳои Мастчоҳ, Спитамен, Деваштич, Зафаробод суръати миёнаи (ночизи) афзоиши ҳаҷми ихроҷи партови атмосфера ба назар мерасад. Дигар минтақаҳо ҷиҳати кам партофтани

партов аҳамияти хоса медиҳанд. Масалан, ноҳияи Ашт - 0,05 ҳазор тонна (2015), шаҳрҳои Истаравшан – 0,03 ҳазор тонна (2017), Бӯстон - 0,06 ва 0,1 ҳазор тонна (2018, 2019), ноҳияи Зафаробод – 0,1 ҳазор тонна (2020). Зеро ки ноҳияҳои Ашт ва Зафаробод бо хусусиятҳои хоси минтақа, яъне доштани масоҳати васеъ, инкишофи сусти инфрасохтори хоҷагии халқ ва теъдоди ками корхонаҳои саноатии паҳнкунандаи партов афзалият доранд. Дар минтақаҳои Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Исфара, Конибодом, Айнӣ нисбати солҳои гузашта ҳаҷми партови саноатӣ тағйирёбанда боқӣ мемонад. Ин ҳолат дар шаҳри Хуҷанд низ ба чашм мерасад, зеро соли 2020 ҳаҷми партов нисбати соли 2018 3,7 маротиба афзудааст. Соли 2020 ҳисоби миёнаи вилоятӣ ба 1,1 ҳазор тонна партов рост омад ва ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Панҷакент, Айнӣ аз ин нишондод зиёдтар партов ихроҷ карданд. Таҳлил нишон дод, ки дар миқёси вилоят соли 2020 ихроҷи ҳаҷми партов ба атмосфера нисбати соли 2018 қариб 29% зиёд шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят сол то сол ба ҳар нафар аҳолӣ партофтани моддаҳои зарарнок ба атмосфера афзуда истодааст. Чуноне ки дар боло ироа карда шуд, шаҳри Гулистон байни дигар минтақаҳои вилоят оид ба ин масъала (дар 5 соли охир) хеле пешсаф мебошад. Ин ба хусусияти хоси минтақа, зиёд будани ихроҷи партов ва шумораи камтари аҳолӣ вобаста аст. Масалан, шаҳри Истаравшан (солҳои 2015-2019) аз дигар минтақаҳо бо ихроҷи ками партов ба ҳар нафар фарқ намуд. Лекин соли 2020 бошад назар ба соли 2018 ҳаҷми партов ба ҳар сари аҳолӣ 3 маротиба афзудааст.

Зимни таҳлили боло дар ноҳияҳои Конибодом, Ашт, Спитамен, Деваштич, Зафаробод суръати миёнаи (ночизи) афзоиши ба ҳар нафар рост омадани ҳаҷми партови атмосфера мувофиқ мебошад. Ҳисоби миёнаи вилоятӣ соли 2020 ба 6,81 кг партов баробар шуд ва шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон, Панҷакент, Бӯстон, ноҳияи Айнӣ аз ин нишондод

зиёдтар ихроҷи партов ба ҳар нафар рост омадааст. Дар маҷмуъ, дар миқёси вилоят соли 2020 рост омадани партов ба ҳар сари аҳолӣ нисбати 2018 23% зиёд шуд, ки ба ин омилҳои рушди саноат ва афзоиши аҳолӣ таъсир расонидааст.

Ҳоло сатҳи безарар кардани моддаҳои зараровари партови манбаъҳои доимии ифлоскунандаи атмосфера мувофиқи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд баррасӣ карда мешавад (Ҷадвали 2.9.)

**Ҷадвали 2.9. - Соф (безарар) кардани моддаҳои зараровари партови манбаъҳои доимии ифлоскунандаи атмосфера, ба ҳар сари аҳолӣ (бо кг)**

| Шаҳру ноҳия | СОЛҲО | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | | 2017 | | | 2018 | | | 2019 | | | 2020 | | |
| | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III |
| В. Суғд | 13,0 | 2511,1 | 5,17 | 30,9 | 2608,5 | 11,84 | 24,6 | 2657 | 9,25 | 25,3 | 2705,4 | 9,35 | 15,3 | 2753,1 | 5,55 |
| Хуҷанд | 0,4 | 175,4 | 2,28 | 0,5 | 180,0 | 2,77 | 0,6 | 181,7 | 3,30 | 0,9 | 183,7 | 4,89 | 0,9 | 185,5 | 4,85 |
| Исфара | - | 256,3 | - | - | 265,1 | - | - | 269,6 | - | - | 274,0 | - | - | 278,0 | - |
| Гулистон | 7,5 | 45,1 | 166,2 | 19,3 | 47,1 | 409,7 | 19,3 | 47,7 | 404,6 | 21,1 | 48,4 | 435,9 | 2,6 | 50,0 | 52,0 |
| Конибодом | 0,3 | 199,5 | 1,50 | 0,04 | 205,5 | 0,19 | 0,04 | 208,4 | 0,19 | 0,02 | 211,2 | 0,09 | 0,01 | 213,6 | 0,04 |
| Панҷакент | 0,03 | 278,4 | 0,10 | 0,03 | 290,3 | 0,10 | 0,02 | 297,0 | 0,06 | 0,04 | 303,2 | 0,13 | 0,01 | 309,1 | 0,03 |
| Истаравшан | 0,08 | 251,4 | 0,31 | 0,03 | 262,5 | 0,11 | 0,06 | 267,9 | 0,22 | 0,1 | 273,5 | 0,36 | 0,1 | 278,5 | 0,35 |
| Бӯстон | - | 33,5 | - | - | 35,1 | - | - | 35,7 | - | - | 36,4 | - | - | 37,2 | - |
| К. Мастчоҳ | - | 23,1 | - | - | 24,2 | - | - | 24,6 | - | - | 25,1 | - | - | 25,8 | - |
| Айнӣ | - | 78,2 | - | - | 81,0 | - | - | 82,1 | - | - | 83,4 | - | - | 84,8 | - |
| Ашт | 0,07 | 155,2 | 0,45 | 0,1 | 161,6 | 0,61 | 0,06 | 165,0 | 0,36 | 0,1 | 168,4 | 0,59 | 0,1 | 171,2 | 0,58 |
| Деваштич | - | 158,3 | - | - | 165,7 | - | - | 169,6 | - | - | 173,4 | - | - | 177,3 | - |
| Зафаробод | 0,2 | 69,2 | 2,89 | 0,2 | 72,4 | 2,76 | 0,2 | 74,1 | 2,69 | 0,2 | 75,7 | 2,64 | 0,2 | 77,5 | 2,58 |
| Шаҳристон | - | 39,5 | - | - | 41,5 | - | - | 42,6 | - | - | 43,9 | - | - | 44,8 | - |
| Мастчоҳ | 0,5 | 117,0 | 4,27 | 0,7 | 122,6 | 5,70 | 0,6 | 125,4 | 4,78 | 0,8 | 128,5 | 6,22 | 8,8 | 131,3 | 67,02 |
| Спитамен | 0,4 | 131,7 | 3,03 | 0,2 | 136,7 | 1,46 | 0,09 | 139,1 | 0,64 | 0,2 | 141,5 | 1,41 | 0,2 | 144,0 | 1,38 |
| Ҷ. Расулов | 0,02 | 127,9 | 0,15 | 0,04 | 132,7 | 0,30 | 0,06 | 135,3 | 0,44 | 0,06 | 137,7 | 0,43 | 0,03 | 140,1 | 0,21 |
| Истиқлол | - | 16,4 | - | - | 16,9 | - | - | 17,2 | - | - | 17,6 | - | - | 18,0 | - |
| Б.Ғафуров | 1,1 | 355,0 | 3,09 | 0,6 | 367,6 | 1,63 | 1,5 | 374,0 | 4,01 | 1,1 | 380,1 | 2,89 | 1,3 | 386,2 | 3,36 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С. 115; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 118; Омори солонаи вилояти Суғд / Маҷмуаи оморӣ. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. – С. 25; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 33.*

***Эзоҳ:*** *I – Ҳаҷми соф (безарар) кардани моддаҳои зараровари партов (ҳазор тонна);*
*II - Шумораи аҳолии доимӣ (ҳазор нафар);*
*III - Ҳаҷми безараркунии партов ба ҳар сари аҳолӣ (кг).*

Чуноне ки аз ҷадвал бармеояд, сатҳи безарар кардани моддаҳои зараровари партов ба атмосфера дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд (барои солҳои 2015-2020) тағйирёбанда аст. Аз рӯи таҳлили ҷадвал қайд кардан мумкин аст, ки дар минтақаҳои Суғд (солҳои 2015-2018 ва 2020)

афзоиши босуръати ихроҷи ҳаҷми партов ба назар расида, танҳо соли 2019 он хусусияти камшавӣ дошт. Таҳлили тағйирёбиҳо дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо нишон дод, ки дар 5 соли охир ҷойи аввалро оид ба партофтани партов шаҳри саноатии Панҷакент ишғол кард. Лекин, ҳолати безараркунии партов дар шаҳр дар сатҳи ночиз қарор дорад. Ҷои дувумро муддати ин солҳо дар ихроҷи партов шаҳри саноатии Гулистон гирифта, корҳои безараркунӣ мунтазам ба чашм мерасанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар корхонаҳои саноатии Гулистон таҷҳизоту дастгоҳҳои замонавии безараркунии партови атмосферӣ насб шуда, фаъолият дар ин самт пурзӯр мегардад. Дар ноҳияҳои Ашт, Зафаробод ва шаҳри Истаравшан дараҷаи безарар кардани моддаҳои зараровари партов нокифоя боқӣ мемонад. Ҳамчунин, дар ноҳияҳои Конибодом, Ҷаббор Расулов, Спитамен сатҳи безараркунии партови атмосферӣ хеле суст ба роҳ монда шудааст. Тағйирот оид ба ин масъала дар шаҳри Хуҷанд низ назаррас мебошад, зеро соли 2020 ҳаҷми партов нисбати соли 2018 3,7 маротиба зиёд гашта бошад ҳам, мутаассифона сатҳи софкунии онҳо 1,5 маротиба афзудаасту халос. Сатҳи софкунӣ дар минтақаҳои Хуҷанд ва Бобоҷон Ғафуров дар соли муқоисавӣ мутаносибан 1,8 маротиба ва 13% кам шудааст.

Аз рӯи маълумоти расмии Агентии омории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Исфара, Истиқлол, Бӯстон, ноҳияҳои Деваштич, Шаҳристон, Куҳистони Мастчоҳ ва Айнӣ давоми ин солҳо корҳои саривақтии безараргардонии партови атмосферӣ тамоман ба роҳ монда нашудааст ё ин ки натиҷаҳои кори онҳо дар маълумоти оморӣ расман дарҷ нагаштааст. Зеро дар ноҳияҳои мазкур новобаста аз гузашти солҳо суръати сусти афзоиш ва тағйирёбии ҳаҷми партови саноатӣ хос буд. Умуман, дар миқёси вилоят соли 2020 сатҳи безараркунии партов нисбати соли 2018 1,6 маротиба кам гузаронида шудааст, ки ба андешаи мо дар оянда ба пайдоиши проблемаҳои муҳими экологӣ замина гузошта метавонад.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят сол то сол партофтани моддаҳои зарарнок ба атмосфера афзуда истодааст. Чуноне ки дар боло зикр доштем, шаҳри Гулистон байни минтақаҳои вилоят оид ба партофтан ва безарар кардани партов (дар панҷ соли охир) хеле фаъол мебошад. Такя ба таҳлили ҷадвалҳои боло, дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Спитамен, Ашт суръати миёнаи (ноаёни) афзоиши миқдори безараркунии партов ба мушоҳида мерасад. Ин ҳолат ба ҳисоби миёнаи вилоятӣ дар соли 2020 ба 12 кг/нафар безараркунӣ баробар шуд ва минтақаҳои Гулистон, Мастчоҳ аз ин нишондод зиёдтар дараҷаи софкунӣ гузаронианд. Дар маҷмуъ, дар миқёси вилоят дар соли 2020 безараркунии партов нисбати соли 2018 1,6 маротиба кам шудааст, ки ин аз рушди босуботи соҳаҳои саноат ва суст роҳандозӣ намудани корҳои безараргардонӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин радиф вазъи ихроҷи моддаҳои зарровар аз манбаъҳои доимӣ ба атмосфера дар шаҳрҳои алоҳидаи Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад (Ҷадвали 2.10.)

**Ҷадвали 2.10. - Ба атмосфера сар додани моддаҳои зарровар аз манбаъҳои доимӣ дар шаҳрҳои алоҳидаи Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020 (ҳазор тонна)**

| Номгӯй / солҳо | ш. Душанбе | | | | ш. Хуҷанд | | | | ш. Бохтар | | | | ш. Турсунзода | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2017 | 2019 | 2020 | 2015 | 2017 | 2019 | 2020 | 2015 | 2017 | 2019 | 2020 | 2015 | 2017 | 2019 | 2020 |
| Ҳамагӣ, | 4,3 | 14,5 | 16,2 | 18,8 | 0,6 | 0,7 | 0,8 | 2,9 | 1,6 | 0,2 | 0,21 | 0,3 | 11,8 | 14,2 | 14,7 | 17,5 |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | | | | | | | | | | |
| моддаҳои сахт | 1,9 | 3,5 | 3,8 | 4,5 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,4 | 1,2 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 2,5 | 4,6 | 3,4 | 8,0 |
| Газмонанд ва моеъ, | 2,4 | 11,0 | 12,4 | 14,3 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 2,5 | 0,4 | 0,1 | 0,1 | 0,3 | 9,3 | 9,6 | 11,3 | 9,5 |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | | | | | | | | | | |
| кислотаи сулфити ангидрид | 0,8 | 7,8 | 8,0 | 9,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,05 | 0,04 | 0,04 | 0,05 | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,7 |
| оксиди нитроген | 0,2 | 0,4 | 0,5 | 4,5 | 0,03 | 0,01 | 0,03 | 0,9 | 0,03 | 0,03 | 0,02 | 0,1 | 0,05 | 0,02 | 0,01 | 0,06 |
| туршии карбон | 1,4 | 2,7 | 3,7 | 0,6 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 1,1 | 0,2 | 0,03 | 0,01 | 0,01 | 8,6 | 8,9 | 10,9 | 8,7 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019 – С. 193-194; Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 – С. 327.*

Чуноне ки мебинем дар ҷадвали 2.10 ба атмосфера сар додани моддаҳои зарровар дар шаҳрҳои калони таъиноти саноатидоштаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2015-2020 (ба ҳисоби ҳазор тонна) нишон дода

шудааст. Асосан, ба атмосфера аз тарафи корхонаҳои саноатӣ партови зараровар, яъне моддаҳои сахт, газмонанд ва моеъ паҳн мешаванд. Давоми 5 соли охир ба атмосфера бештар моддаҳои газмонанд ва моеъ паҳн шуда, танҳо соли 2015 дар шаҳри Бохтар мавқеи онро моддаҳои сахт гирифтааст. Ҳиссаи асосиро дар партови газмонанд ва моеъ, кислотаи сулфити ангидрид ташкил медиҳад. Байни минтақаҳо суръати баланди хориҷшавии оксиди нитроген ба шаҳри Душанбе рост меояд. Дар ҳамаи шаҳрҳои номбурда соли 2020 хориҷшавии кислотаи мазкур нисбати 2019 хеле афзудааст, аз ҷумла дар шаҳрҳои Душанбе – 14%, Хуҷанд – 1 баробар, Бохтар - 25%, Турсунзода – 40%.

Зиёдшавии партови моддаҳои сахт бошад, нисбати ҳамин давра дар шаҳрҳои Душанбе – 18%, Хуҷанд – 33%, Бохтар – 1 баробар, Турсунзода – 2,3 баробар боло рафтааст. Хориҷ шудани туршии карбон низ дар шаҳрҳои Душанбе ва Турсунзода солҳои 2015-2019 тамоюли зиёдшавиро дорад. Лекин соли 2020 нисбати соли 2019 мутаносибан камшавии он ба 6 ва 1,2 маротиба расидааст. Дар шаҳри Хуҷанд бошад, нисбати дигар минтақаҳои таҳқиқшаванда ҳар сол зиёдшавии моддаҳои зараровар ба назар мерасад, зеро соли 2020 нисбати соли 2019 моддаҳои сахт – 33%, газмонанд ва моеъ то 5 маротиба боло рафтааст. Дар умум, дар шаҳри Хуҷанд дар соли мавриди таҳқиқ то 3,6 маротиба зиёдтар моддаҳои зараровар ба атмосфера сар дода шудааст, ки ин муаммои экологии нигаронкунанда мебошад.

Чӣ тавре ки дар қисми назариявӣ-методии рисола қайд кардем баҳри арзёбии ҳолати экологӣ-иқтисодии минтақа аз он методикае, ки дар илми иқтисодиёт маъмул аст ва ҳисоб намудани он дар шароити муосири кишвар имконпазир мебошад, корбарӣ намудан мувофиқи мақсад аст.

Бо мақсади таҳлили вазъи экологӣ-иқтисодии минтақа методика бо номи арзёбии «самараи декаплинг» дар байни кишварҳои ҷаҳон бештар паҳн гаштааст. Дар боби аввали кори диссертатсионӣ тартиби ҳисоби

методикаи «индекси декаплинг» пурра зикр шудааст. Дар асоси арзёбии «самараи декаплинг» минтақаҳои кишвар аз рӯи меъёри рушди экологӣ-иқтисодӣ гуруҳбандӣ карда шуда, самаранокии сиёсати экологӣ-иқтисодии ҳар як минтақаро мавриди баррасӣ қарор додан мумкин аст. Дар асоси далелу рақамҳои омории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд самараи «индекси декаплинг»-ро аз рӯи формулаи ба мо маълум, яъне:

$$«\boldsymbol{DI = T_{R} / T_{Y}} \qquad (2.1)$$

дар ин ҷо

**DI** – «индекси декаплинг», ки бо воҳиди нисбӣ ифода ёфтааст;

**$T_R$ -** суръати афзоиши захираҳои истеъмолшуда ё ифлосшавии муҳит дар давраи муайян;

**$T_Y$** - суръати афзоиши нишондиҳандаи натиҷавӣ (маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ) дар ҳамон давра»[39] ҳисоб намудан бомаврид аст.

Чӣ тавре ки аз назария маълум аст, «индекси декаплинг» аз рӯи 3 мавқеъ баҳогузорӣ карда мешавад, яъне:

- агар DI>1,0 бошад, ҳолати рушди экологӣ – иқтисодӣ ташвишовар аст, ифлосшавии муҳит назар ба рушди иқтисодӣ суръати баланди афзоиш дорад;

- агар DI<1,0 бошад, ҳолат на он қадар муташанниҷ, яъне муътадил буда, рушди иқтисодӣ аз ифлосшавӣ бештар аст;

- агар DI=1,0 бошад, рушди иқтисодӣ ва сатҳи ифлосшавӣ тамоюли якхела дорад.

Бо ёрии формулаи мазкур «индекси декаплинг»-ро байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарзи миқдорӣ ҳисоб менамоем (натиҷаи он дар ҷадвали 2.11 омадааст).

---

**39** Яковлева Е.Ю. Экономическая оценка межотраслевых потоков природных ресурсов и загрязнений / Е.Ю. Яковлева // Дисс. на соиск. уч. степ. к.э.н: 08.00.05. - М., 2016. – С. 114.

**Ҷадвали 2.11. - Тағйирёбии партови моддаҳои зарарнок ва сатҳи рушди МММ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2011-2020) (нисбат ба соли гузашта) бо шохис**

| Минтақаҳо | Во-ҳид | СОЛҲО | | | | | | | | | | Ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Ҷумҳурии Тоҷикис-тон | I | 1,12 | 0,76 | 0,98 | 1,10 | 0,78 | 1,36 | 1,26 | 1,03 | 1,31 | 0,97 | 1,07 |
| | II | 1,07 | 1,07 | 1,07 | 1,06 | 1,06 | 1,06 | 1,07 | 1,07 | 1,07 | 1,04 | 1,06 |
| | III | 1,05 | 0,71 | 0,91 | 1,03 | 0,74 | 1,27 | 1,18 | 0,96 | 1,22 | 0,92 | 1,00 |
| Шаҳри Душанбе | I | 0,21 | 2,66 | 0,87 | 3,64 | 0,84 | 1,62 | 2,07 | 1,11 | 1,06 | 1,09 | 1,52 |
| | II | 1,30 | 1,19 | 1,17 | 1,08 | 1,03 | 1,03 | 1,08 | 1,16 | 1,09 | 1,02 | 1,11 |
| | III | 0,16 | 2,23 | 0,74 | 3,36 | 0,81 | 1,57 | 1,91 | 0,95 | 0,96 | 1,06 | 1,35 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | I | 1,20 | 0,72 | 0,89 | 0,86 | 0,73 | 1,44 | 1,11 | 0,75 | 1,07 | 1,20 | 1,00 |
| | II | 1,04 | 1,20 | 1,09 | 1,07 | 1,14 | 1,17 | 1,09 | 1,13 | 1,10 | 1,10 | 1,11 |
| | III | 1,14 | 0,60 | 0,81 | 0,81 | 0,64 | 1,22 | 1,02 | 0,65 | 0,96 | 1,09 | 0,89 |
| Вилояти Суғд | I | 1,05 | 0,94 | 1,51 | 1,25 | 0,82 | 1,18 | 1,03 | 1,08 | 0,99 | 1,30 | 1,11 |
| | II | 1,25 | 1,24 | 1,16 | 1,10 | 1,04 | 1,21 | 1,19 | 1,04 | 1,11 | 1,05 | 1,14 |
| | III | 0,83 | 0,76 | 1,30 | 1,13 | 0,78 | 0,97 | 0,86 | 1,03 | 0,88 | 1,23 | 0,97 |
| Вилояти Хатлон | I | 1,35 | 0,6 | 0,73 | 0,95 | 0,80 | 1,05 | 0,94 | 3,29 | 3,32 | 0,45 | 1,35 |
| | II | 1,23 | 1,19 | 1,03 | 1,19 | 1,09 | 1,13 | 1,09 | 1,06 | 1,14 | 1,12 | 1,13 |
| | III | 1,09 | 0,50 | 0,71 | 0,80 | 0,74 | 0,93 | 0,86 | 3,08 | 2,89 | 0,40 | 1,19 |
| ВМКБ | I | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| | II | 0,84 | 1,49 | 1,20 | 1,13 | 0,99 | 1,17 | 1,13 | 1,08 | 1,02 | 1,00 | 1,10 |
| | III | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С.10-13; Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021. – С. 323, 335.*

***Эзоҳ:*** *I - Суръати афзоиши партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера, (нисбати соли гузашта) (бо шохис);*
*II - Сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа (МММ), (нисбати соли гузашта), бо шохис.*
*III – Сатҳи «индекси декаплинг».*

Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд, дар байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қимати «индекси декаплинг» аз ҳама зиёд ба шаҳри Душанбе рост меояд, ки ба ҳисоби миёна дар солҳои мавриди таҳқиқ, яъне 10 соли охир DI = 1,35 мебошад. Аз ин бармеояд, ки сатҳи ифлосшавии муҳити зист аз нишондиҳандаи рушди иқтисодиёти шаҳри Душанбе зиёд аст ва минбаъд дар беҳтар намудани рушди экологӣ-иқтисодии шаҳр таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан зарур мебошад. Дар вилояти Хатлон раванди вайроншавии муҳити зист аз сатҳи рушди иқтисодӣ баландтар аст. Қимати он ба 1,19 баробар мебошад.

Нишондиҳандаи самараи декаплинг дар вилояти Суғд ба ҳисоби миёна дар 10 соли охир ба 0,97 баробар аст. Ба иборои дигар, ҳарчанд

ифлосшавии муҳити зист ба иқтисодиёти вилояти Суғд нисбат ба шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон кам аст, он ташвишовар арзёбӣ мешавад, зеро қимати он аз тамоюли қариб якхелаи ҳолати рушди иқтисодӣ ва сатҳи ифлосшавӣ шаҳодат медиҳад. Бо ибораи дигар, сатҳи ифлосшавӣ ба рушди иқтисодӣ баробар аст (нигаред ба расми 2.3.).




**Расми 2.3. Тағйирёбии партови моддаҳои зараровар дар минтақаҳои Тоҷикистон аз рӯи ҳисоби «индекси декаплинг»**

Дар шароити муосир масъалаҳои таъмини рушди экологӣ-иқтисодии минтақа таваҷҷуҳи мухсусро талаб менамояд. Дар ин самт як нуктаро алоҳида бояд таъкид намуд. Чӣ тавре ки мегӯянд, иқтисодиёт доимо дар ҳаракат аст, бинобар ин қимати декаплинг дар давоми солҳо дар минтақаҳо гуногун мебошад. Масалан, дар солҳои 2013, 2014, 2018 ва 2020 сатҳи ифлосшавии муҳити зист аз сатҳи рушди иқтисодиёти минтақа афзудааст.

Дар солҳои дигар бошад, баръакси чунин ҳолат буд. Вале, ба ин нигоҳ накарда, дар иқтисодиёти вилояти Суғд таъмини рушди экологӣ-иқтисодии минтақа ҳамчун масъалаи мубрам ва мавриди таҳқиқ боқӣ

мемонад. Зеро, чӣ тавре ки аз додаҳои ҷадвал бармеояд дар ин солҳо низ «индекси декаплинг» ба сатҳи баробарии тамоюли рушди иқтисодӣ ва ифлосшавӣ наздик аст. Аз рӯи нишондоди мазкур дар байни минтақаҳои Тоҷикистон Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон ва Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳолати хуб қарор доранд. Яъне дар минтақаҳо ифлосшавии муҳити зист аз сатҳи рушди иқтисодиёти минтақавӣ пасттар меистад.

«Индекси декаплинг» дар асоси партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера ва тамоюли сатҳи рушди истеҳсоли маҳсулот дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ҳисоб ва мавриди таҳқиқ қарор дода шуд, ки натиҷаи он дар ҷадвали 2.12 зикр шудааст.

**Ҷадвали 2.12. - Тағйирёбии партови моддаҳои зарарнок (ба атмосфера) ба сатҳи рушди МММ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар солҳои 2015-2020 (нисбати соли гузашта) бо шохис**

| Шаҳру ноҳия | СОЛҲО | | | | | | | | | | | | | | | Ҳисоби миёнаи индекси декаплинг |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | | 2017 | | | 2018 | | | 2019 | | | 2020 | | | |
| | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | |
| Хуҷанд | 0,83 | 1,29 | 0,64 | 1,16 | 1,22 | 0,95 | 1,14 | 1,11 | 1,03 | 1,5 | 1,15 | 1,30 | 2,5 | 1,15 | 2,17 | 1,16 |
| Исфара | 0,87 | 1,18 | 0,74 | 1 | 1,06 | 0,94 | 1,5 | 1,12 | 1,34 | 0,66 | 0,98 | 0,67 | 1,83 | 1,02 | 1,79 | 1,05 |
| Гулистон | 0,95 | 1,2 | 0,79 | 1,31 | 1,14 | 1,15 | 1 | 0,91 | 1,10 | 0,96 | 1,01 | 0,95 | 0,35 | 0,67 | 0,52 | 0,88 |
| Конибодом | 1,5 | 1,05 | 1,43 | 2 | 1,5 | 1,33 | 1,5 | 1,28 | 1,17 | 0,66 | 1,14 | 0,58 | 1,5 | 1,03 | 1,46 | 1,05 |
| Панҷакент | 0,56 | 1,41 | 0,40 | 0,82 | 1,21 | 0,68 | 1 | 1,17 | 0,85 | 1 | 1,22 | 0,82 | 1,31 | 1,11 | 1,18 | 0,87 |
| Истаравшан | 0,33 | 1,06 | 0,31 | 1 | 1,16 | 0,86 | 6,66 | 1,08 | 6,17 | 1 | 1,21 | 0,83 | 3 | 1,06 | 2,83 | 2,28 |
| Бӯстон | 1 | 1,3 | 0,77 | 1,66 | 2,1 | 0,79 | 1,2 | 1,37 | 0,88 | 1,66 | 1,6 | 1,04 | 4 | 1,27 | 3,15 | 1,52 |
| Айнӣ | 0,83 | 1,16 | 0,72 | 2,4 | 1,18 | 2,03 | 0,91 | 1,18 | 0,77 | 0,81 | 1,07 | 0,76 | 1,66 | 1,22 | 1,36 | 1,03 |
| Ашт | 1 | 1,09 | 0,92 | 4 | 1,12 | 3,57 | 1 | 1 | 1,00 | 1 | 1,11 | 0,90 | 1 | 1,02 | 0,98 | 1,37 |
| Деваштич | 0,87 | 1,29 | 0,67 | 2,85 | 1,07 | 2,66 | 1 | 1,7 | 0,59 | 1 | 1,03 | 0,97 | 2 | 1,16 | 1,72 | 1,26 |
| Зафаробод | 1 | 1,06 | 0,94 | 1 | 1,24 | 0,81 | 1 | 1,16 | 0,86 | 1 | 1,01 | 0,99 | 1 | 1,07 | 0,93 | 0,88 |
| Мастчоҳ | 1 | 1,09 | 0,92 | 1 | 1,13 | 0,88 | 1,5 | 0,93 | 1,61 | 0,66 | 1,19 | 0,55 | 4 | 0,96 | 4,17 | 1,50 |
| Спитамен | 1 | 1,19 | 0,84 | 1 | 1,39 | 0,72 | 1 | 1,26 | 0,79 | 1,5 | 1,2 | 1,25 | 0,66 | 1,36 | 0,49 | 0,80 |
| Ҷ. Расулов | 1,25 | 1,17 | 1,07 | 0,8 | 1,4 | 0,57 | 2,25 | 1,1 | 2,05 | 0,77 | 1,16 | 0,66 | 0,57 | 1,37 | 0,42 | 0,93 |
| Б.Ғафуров | 1,22 | 1,08 | 1,13 | 0,91 | 1,6 | 0,57 | 0,72 | 1,09 | 0,66 | 1,37 | 1,2 | 1,14 | 1,27 | 1,9 | 0,67 | 0,80 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 117; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2017 / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. - С. 114; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С.342;*

**Эзоҳ:** I - Суръати афзоиши партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера, (нисбат ба соли гузашта) (бо шохис);

II - Сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа (МММ), (нисбат ба соли гузашта), бо шохис.

III – Сатҳи «индекси декаплинг».

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, дар як қатор шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд сатҳи баланди муаммои экологии зиёд ба назар мерасад: ҷои якумро шаҳри Истаравшан («индекси декаплинг» – 2,28) ишғол менамояд; дар ҷои дувум шаҳри Бӯстон (1,52) қарор дорад; дар ноҳияҳои Мастчоҳ (1,50); Деваштич (1,26); шаҳрҳои Хуҷанд (1,16); Исфара (1,05); ноҳияҳои Ашт (1,37); Айнӣ (1,03) ва Конибодом (1,05) суръати афзоиши ифлосшавӣ аз сатҳи рушди иқтисодӣ зиёд аст. Дар шаҳру ноҳияҳои дигари вилояти Суғд бошад, ҳолати рушди экологӣ-иқтисодӣ ба нишондоди DI < 1,0 мутобиқ аст, яъне сатҳи рушди иқтисодӣ аз суръати ифлосшавии муҳити зист зиёд мебошад.

Дар ин самт як нуктаро қайд кардан ҷоиз аст, ки «индекси декаплинг» дар давоми солҳои мавриди таҳқиқ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд хусусияти ноустувор дорад, яъне баъзе солҳо партофтани партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера тамоюли зиёдшавӣ дорад, солҳои дигар бошад ба пастшавӣ тамоюл мекунад. Умуман, ҳисобу китоби ба анҷомрасонида аз рӯи мушоҳидаҳо ба ҳақиқати ҳол наздик аст, зеро солҳои охир кушода шудани як қатор корхонаҳои саноатӣ, зиёдшавии воситаи нақлиёти мусофиркаш дар шаҳрҳои Истаравшан, Хуҷанд, Бӯстон, ноҳияҳои Мастчоҳ, Ашт ба ҳолати экологӣ-иқтисодии ин минтақаҳо таъсири худро расониданд. Ба ҳамин хотир, минбаъд дар коркарди сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои мазкур ба масъалаҳои экологӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад, айни муддао мебошад.

## 2.3. ТАЪСИРИ ОМИЛҲО БА РУШДИ ЭКОЛОГӢ - ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА ВА ИДОРАКУНИИ ОНҲО

Дар шароити муосир арзёбии таъсири иқтисодиёт ба ҳолати экологии ҳар як минтақа дар ташаккули муҳити беҳтарини экологӣ хеле муҳим аст. Вале, коркарди нишондиҳандаҳое, ки таъсири иқтисодиёт ва ҳолати экологиро дар миқёси давлатҳо инъикос менамоянд, кори душвор буда, алҳол пурра амалӣ нагаштааст.

Мафҳуми «душвор» маънои онро дорад, ки ҳар нишондиҳандаҳое, ки имрӯз барои рушди ҳамкориҳои муносибатҳои «иқтисодиёт, табиат ва инсон» истифода мегардад, тарафҳои мусбӣ ва манфӣ дорад. Масалан, чунин нишондиҳандаҳо барои тавсифи ҳолати иқтисодиёт ва некӯаҳволии мардум ба сифати нишондоди натиҷавӣ истифода мегардад, яъне дар миқёси минтақа маҷмуи маҳсулоти минтақа ва ҳаҷми он ба ҳар сари аҳолӣ, дар бисёр маврид зери танқид қарор гирифтанаш мумкин аст. Яъне нишондиҳандаҳои мазкур фаъолияти иқтисодиётро пурра инъикос намоянд ҳам, ҳифзи ҳаёт ва саломатии ҳар як нафарро, аз ҳама муҳимаш ҳолати вайроншавии муҳити табиӣ ё ки беҳтаршавии онро фаро гирифта наметавонанд.

Дар илми иқтисодиёт ва амалияи он ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии онро нисбати дигар нишондиҳандаҳо низ муайян кардан мумкин аст, вале ба ин нигоҳ накарда, кӯшишҳои зиёд оид ба таъсири иқтисодиёт ба ҳолати экологӣ исбот карда шуда, ақидаҳо ва равияҳои гуногун пешниҳод шудааст. Оид ба ин масъала мо дар боби аввали рисола андешаҳои худро баён карда будем.[40]

Дар илми иқтисодиёт барои муайян намудани сатҳи таъсири иқтисодиёт ба ҳолати муҳити зист ду гурӯҳ нишондиҳандаҳо истифода бурда мешаванд:

---

[40] Белик И.С. Теоретико-методологические основы управления эколого-экономическим развитием региона / И.С. Белик // Дисс. на соиск. уч. степ. д.э.н: 08.00.05. - Екатеринбург, 2009. – С. 236с.

1) Нишондиҳандаи табиатғунҷоиш ба истеҳсолоти маҷмуи маҳсулоти минтақа. Ба ин гуруҳ чунин нишондиҳандаҳо ворид мегарданд:

- «миқдори ихроҷи моддаҳои зараровар ба атмосфера аз сарчашмаҳои доимӣ ба як воҳиди маҷмуи маҳсулоти минтақа;

- ҳаҷми партовобаҳои канализатсионӣ дар давоми сол ба як воҳиди маҷмуи маҳсулоти минтақа;

- партови истеҳсолот ва истеъмолот ба як воҳиди маҷмуи маҳсулоти минтақа».[41]

2) Гуруҳи нишондиҳандаҳое шомил мебошанд, ки сатҳи экологикунонии раванди истеҳсолотро дар бар мегиранд:

- «безарар намудани моддаҳои зарарноки ба муҳити зист хориҷшуда ба як воҳиди маҷмуи маҳсулоти минтақа;

- маблағгузорӣ ба сармояи асосии ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба як воҳиди маҷмуи маҳсулоти минтақа;

- хароҷоти ҷорӣ ба ҳифзи муҳити зист ба як воҳиди маҷмуи маҳсулоти минтақа».[42]

Мутаассифона, барои ҳисоб кардани ҳар як нишондиҳандаҳо дар ҳисоботи омории ҷумҳурӣ, минтақаҳо, ахбороти муфассали оморӣ дарёфт кардан хеле кори душвор ва дар бисёр ҳолатҳо ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, баъзе нишондиҳандаҳое, ки додаҳои мақомоти оморӣ барои ҳисоб кардан имкон фароҳам меоварад, истифода менамоем.

Аз ҷониби олимон барои муайян намудани табиатғунҷоиш дар маҷмуи маҳсулоти минтақа (партови моддаҳои зарарнок нисбат ба МММ) як қатор меъёрҳо ва формулаҳои гуногун таҳия карда шудааст.

---

[41] Сыромятникова О.П. Оценка эколого-экономического развития региона [Текст] / О.П. Сыромятникова, Т.В. Задорова // Региональная экономика: теория и практика. - Чебоксары, 2016. - №8.– С.179.

[42] Сыромятникова О.П. Оценка эколого-экономического развития региона [Текст] / О.П. Сыромятникова, Т.В. Задорова // Региональная экономика: теория и практика. - Чебоксары, 2016. - №8. – С.180.

Лекин методикаи ҳисоби олимони рус Э.В.Гирусов, С.Н.Бобылев, А.Л.Новоседов ва Н.В.Чепурных ба шароити иқтисодиёти ҷумҳурӣ мувофиқ мебошад.[43]

$$\text{Табиатғунҷоиш} = \frac{\text{Партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера (ченаки вазн)}}{\text{Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (ченаки пулӣ)}} \qquad (2.2)$$

Аз ҳамин лиҳоз, методикаи мазкурро ҳаматарафа омӯхта, барои муайян намудани омилҳои таъсиррасони рушди экологӣ-иқтисодӣ онро истифода мебарем.

Чуноне, ки дар боло қайд намудем, барои ёфтани қимати табиатғунҷоиш нишондиҳандаҳои партови моддаҳои зарарнокро ба маҷмуи маҳсулоти минтақа тақсим намудан зарур аст.

Ҳоло нишондодиҳандаҳои табиатғунҷоиш, яъне ҳаҷми ихроҷи моддаҳои зараровар ба атмосфера чӣ қадар аст, ба ҳар 10 ҳазор сомонии МММ муайян намуда, барои ҳисоб кардани он формулаи зеринро истифода мебарем:

$$\text{Тғ} = \frac{\text{Пз} * 10 \text{ ҳазор сомонӣ}}{\text{МММ}} \qquad (2.3)$$

дар ин ҷо

Тғ – табиатғунҷоиш дар МММ (бо воҳиди кг 10000 сомонӣ);

Пз – партови зарарнок (бо ҳазор кг);

МММ - маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (бо ҳазор сомонӣ).

Сараввал, ҳаҷми ихроҷи моддаҳои зараровар ба атмосфера аз сарчашмаҳои доимӣ дар вилояти Суғд бо муқоисаи минтақаҳои дигари кишвар мавриди таҳқиқ қарор медиҳем (ҷадвали 2.13).

---

[43] Гирусов Э.В. Экология и экономика природопользования: Учебник для вузов [Текст] / Э.В. Гирусов, С.Н. Бобылев, А.Л. Новоседов, Н.В. Чепурных. Под ред. проф. Э.В. Гирусова. – М, Закон и право, ЮНИТИ, 1998. – С.179-182.

**Ҷадвали 2.13. - Табиатғунҷоиш дар маҷмуи маҳсулоти минтақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020**

| Минта-қаҳо | СОЛҲО | | | | | | | | | | | | | | | Ҳ/М дар ҷум-ҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | | 2017 | | | 2018 | | | 2019 | | | 2020 | | | |
| | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | |
| ҶТ | 27000 | 43745,9 | 6,17 | 46700 | 56001,8 | 8,34 | 48300 | 61368,4 | 7,87 | 63300 | 68691,3 | 9,22 | 61500 | 73870,5 | 8,33 | 7,88 |
| шаҳри Душанбе | 4400 | 10546,4 | 4,17 | 14500 | 11811 | 12,28 | 16200 | 13808 | 11,73 | 17200 | 15139,2 | 11,36 | 18800 | 15570,5 | 12,07 | 9,67 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 12100 | 7590,6 | 15,94 | 19500 | 9719,8 | 20,06 | 14800 | 11073,5 | 13,37 | 15900 | 12287,6 | 12,94 | 19100 | 13532,6 | 14,11 | 16,03 |
| Вилояти Суғд | 8800 | 12036,9 | 7,31 | 10900 | 17510,7 | 6,22 | 11700 | 18343,8 | 6,38 | 11600 | 20537,1 | 5,65 | 15100 | 21621,9 | 6,98 | 6,61 |
| Вилояти Хатлон | 1700 | 12855,2 | 1,32 | 1800 | 16003,5 | 1,12 | 5600 | 17107,5 | 3,27 | 18600 | 19664 | 9,46 | 8500 | 22080,5 | 3,85 | 3,38 |
| ВМКБ | 0 | 716,8 | 0,00 | 0 | 956,5 | 0,00 | 0 | 1035,6 | 0,00 | 0 | 1063,4 | 0,00 | 0 | 1065 | 0,00 | 0,00 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019 – С. 199; Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 – С. 323, 335.*

***Эзоҳ:*** *I – Партови зарарнок (ҳазор кг);*
*II – Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (млн. сомонӣ);*
*III - Табиатғунҷоиш (кг ба 10 ҳазор сомонӣ)*

Дар асоси нишондиҳандаи табиатғунҷоиш сатҳи шароити мусоиди экологиро, ки дар зери таъсири ҳолати муосири иқтисодиёт ба миён омадааст, баҳогузорӣ кардан мумкин аст. Бо ибораи дигар, ба муҳити зист сатҳи таъсири соҳаҳои иқтисодиёт бо воситаи муаммои экологӣ инъикос меёбад. Дар ҷадвал таъсири иқтисодиёт ба муҳити зист бо воситаи нишондиҳандаи ҳаҷми ихроҷи моддаҳои зараровар ба атмосфера аз сарчашмаҳои доимӣ ба 10 ҳазор сомонии маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ нишон дода шудааст. Ҷадвали нишон медиҳад, ки дар давраи мавриди таҳқиқ байни минтақаҳо нақши пешворо Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нишондоди 16,03 кг партови ихроҷ, ки ба 10 ҳазор сомонии маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ рост меояд, ҷои аввалро ишғол кардааст. Баъдан шаҳри Душанбе (9,68 кг), вилояти Суғд дар ҷои сеюм (6,61 кг) қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки қимати коэффитсиенти табиатғунҷоиш дар солҳои мавриди таҳқиқ дар минтақаҳо гуногун бошад ҳам, вале фарқи

зиёд надошта тамоюли якранга доранд. Масалан, нишондиҳандаи табиатғунҷоиш таи панҷ соли охир маълум менамояд, ки аз ҳама нишондиҳандаи паст дар соли 2019 (12,94) ва аз ҳама зиёд соли 2017 (20,06 кг)-ро ташкил додааст. Дар солҳои мазкур нишондиҳандаи табиатғунҷоиш дар атрофи 5,65-7,31 кг/10 ҳазор сомонии МММ тағйир ёфтааст. Тағйироти ҷиддӣ дар шаҳри Душанбе мушоҳида карда мешавад. Яъне аз 4,17кг (соли 2015) ба 12,07 кг (соли 2020) расидааст, ки тамоюли рушд ба таври ҷиддӣ афзоиш ёфтааст.

Таҳлили гузаронидашуда ба ҳақиқат рост меояд, зеро танҳо аз як корхонаи Тоҷикистон, ки дар қаламрави Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойгир аст, яъне Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминии тоҷик» партови моддаҳои зарарнокро нисбат ба дигар минтақаҳо зиёдтар ихроҷ менамояд. Чунин ҳолати корро нисбати шаҳри Душанбе гуфтан мумкин аст, ки солҳои охир дар минтақа корхонаҳои зиёди саноатӣ ифтитоҳ ёфта, ғайр аз ин зичии аҳолӣ ва шумораи воситаҳои нақлиёт тамоюли зиёдшавӣ дорад. Бинобар ин, дар байни минтақаҳо аз рӯи табиатғунҷоиш ҷои якумро Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дувумро шаҳри Душанбе ва сеюмро вилояти Суғд ишғол мекунад.

Ҳолати табиатғунҷоишро дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд баррасӣ мекунем, ки ҳадафи таҳқиқоти мо мебошад. Бо мақсади арзёбии коэффитсиенти табиатғунҷоиш аз сарчашмаҳои омории минтақавӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ истифода бурда, натиҷаҳоро дар ҷадвали 2.14 инъикос менамоем.

**Ҷадвали 2.14. - Табиатғунҷоиш дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар солҳои 2015-2020**

| Шаҳру ноҳия | СОЛҲО | | | | | | | | | | | | | | | | | | Ҳ/м дар ҷум-ҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | | 2016 | | | 2017 | | | 2018 | | | 2019 | | | 2020 | | | |
| | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | |
| Хуҷанд | 500 | 570,1 | 8,77 | 600 | 818,7 | 7,33 | 700 | 1003,8 | 6,97 | 800 | 1123,3 | 7,12 | 1200 | 1296,2 | 9,26 | 3000 | 1494, 6 | 20,07 | 9,92 |
| Исфара | 700 | 291,3 | 24,03 | 600 | 305,8 | 19,62 | 600 | 326,0 | 18,40 | 900 | 367,4 | 24,49 | 600 | 362,6 | 16,54 | 1100 | 372, 1 | 29,56 | 22,11 |
| Гулистон | 2000 | 2358,9 | 8,48 | 2200 | 3356,7 | 6,55 | 2900 | 3853,5 | 7,53 | 2900 | 3510,5 | 8,26 | 2800 | 3545,7 | 7,90 | 1000 | 2400,4 | 4,17 | 7,15 |
| Конибодом | 300 | 126,6 | 23,68 | 100 | 135,9 | 7,36 | 200 | 210,6 | 9,49 | 300 | 270,1 | 11,11 | 200 | 310,0 | 6,45 | 300 | 320,6 | 9,36 | 11,24 |
| Панҷакент | 2500 | 2014,0 | 12,41 | 3500 | 2177,1 | 16,08 | 2900 | 2640,8 | 10,98 | 2900 | 3108,3 | 9,33 | 2900 | 3817,0 | 7,60 | 3800 | 4255,9 | 8,93 | 10,89 |
| Истаравшан | 10 | 299,2 | 0,33 | 30 | 338,1 | 0,89 | 30 | 394,2 | 0,76 | 200 | 429,3 | 4,66 | 200 | 523,3 | 3,82 | 600 | 555,7 | 10,80 | 3,54 |
| Бӯстон | 10 | 71,95 | 1,39 | 30 | 86,34 | 3,47 | 50 | 182,1 | 2,74 | 60 | 249,5 | 2,40 | 100 | 406,5 | 2,46 | 400 | 516,7 | 7,74 | 3,37 |
| Айнӣ | 500 | 347,8 | 14,37 | 500 | 627,9 | 7,96 | 1200 | 744,7 | 16,11 | 1100 | 878,7 | 12,52 | 900 | 943,7 | 9,54 | 1500 | 1158,9 | 12,94 | 12,24 |

*Идомаи ҷадвали 2.14.*

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ашт | 50 | 146,9 | 3,40 | 50 | 178,5 | 2,80 | 200 | 201,4 | 9,93 | 200 | 202,0 | 9,90 | 200 | 224,8 | 8,89 | 200 | 230,7 | 8,67 | 7,27 |
| Деваштич | 70 | 29,80 | 23,49 | 70 | 31,20 | 22,43 | 200 | 33,48 | 59,74 | 200 | 59,26 | 33,75 | 200 | 61,45 | 32,54 | 400 | 71,71 | 55,78 | 37,95 |
| Зафаробод | 100 | 106,7 | 9,37 | 100 | 143,0 | 6,99 | 100 | 177,4 | 5,64 | 100 | 207,3 | 4,82 | 100 | 210,4 | 4,75 | 100 | 226,2 | 4,42 | 6,00 |
| Мастчоҳ | 200 | 157,7 | 12,68 | 200 | 184,5 | 10,83 | 200 | 209,3 | 9,55 | 300 | 194,6 | 15,41 | 200 | 232,8 | 8,59 | 800 | 223,7 | 35,75 | 15,47 |
| Спитамен | 200 | 160,8 | 12,43 | 200 | 231,0 | 8,66 | 200 | 321,5 | 6,22 | 200 | 405,8 | 4,93 | 300 | 490,2 | 6,12 | 200 | 668,6 | 2,99 | 6,89 |
| Ҷ. Расулов | 500 | 103,0 | 48,51 | 500 | 128,1 | 39,02 | 400 | 179,6 | 22,27 | 900 | 198,4 | 45,34 | 700 | 231,2 | 30,27 | 400 | 317,7 | 12,59 | 33,00 |
| Б.Ғафуров | 1100 | 341,8 | 32,18 | 1200 | 622,8 | 19,27 | 1100 | 1033,9 | 10,64 | 800 | 1126,9 | 7,10 | 1100 | 1358,0 | 8,10 | 1400 | 2535,4 | 5,52 | 13,80 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С.114; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 117; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 345.*

***Эзоҳ:*** *I – Ҳаҷми партови моддаҳои зарарнок (ҳазор кг);*
*II – Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (млн. сомонӣ);*
*III – Табиатғунҷоиш (кг/ба ҳар 10 ҳазор сомонии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ).*

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳолати нисбатан беҳтар дар шаҳрҳои Бӯстон, Истаравшан, ноҳияҳои Зафаробод, Ашт, Спитамен, шаҳрҳои Гулистон ва Хуҷанд мушоҳида карда мешавад. Бо ибораи дигар, дар шаҳру ноҳияҳои мазкур коэффитсиенти табиатғунҷоиш нисбат ба дигар минтақаҳо камтар аст. Яъне дар ин шаҳру ноҳияҳо ҳаҷми партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера ба 10 ҳазор сомонии ба истеҳсоли молҳои саноатӣ масраф гардида камтар рост меояд. Масалан, дар шаҳри Истаравшан ба 10 ҳазор сомонии ба истеҳсоли молҳои саноатӣ масраф шуда ихроҷи 3,54 кг партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера рост меояд. Бо ибораи дигар, ба ҳисоби миёна ҳар 10 ҳазор сомонии ба истеҳсоли молҳои саноатӣ масраф шуда дар шаҳри Истаравшан - 3,54 кг бошад, шаҳри Хуҷанд 9,92 кг-ро ташкил мекунад. Шароити шаҳру ноҳияҳои мазкур аз он нуқтаи назар нисбатан беҳтар ба шумор меравад, ки ҳаҷми ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера ба ҳар 10 ҳазор сомонии ба истеҳсоли молҳои саноатӣ масраф шуда аз 10 кг камтар аст.

Аз ин лиҳоз, ҳолат дар ноҳияҳои Деваштич, Ҷаббор Расулов ва шаҳри Исфара на он қадар арзёбӣ мегардад. Зеро дар минтақаҳои мазкур ҳаҷми партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера, дар чорчӯбаи ҳар 10 ҳазор сомонии ба истеҳсоли молҳои саноатӣ масраф шуда аз 20 кг зиёд аст. Масалан, дар ноҳияи Деваштич оқибати истеҳсоли ҳар 10 ҳазор сомонии истеҳсоли молҳои саноатӣ ба муҳити зист 37,95 кг партови

моддаҳои зарарнок ба атмосфера мебошад. Дар ноҳияи Ҷаббор Расулов бошад, ин нишондиҳанда ба 33 кг баробар аст. Ҳолати дигар минтақаҳо, ба монанди шаҳрҳои Панҷакент, Конибодом, ноҳияҳои Айнӣ, Мастчоҳ ва Бобоҷон Ғафуровро гуфтан мумкин аст, ки дар сатҳи миёна қарор дорад ва дар шаҳру ноҳияҳои мазкур оқибати истеҳсоли ҳар 10 ҳазор сомонии ба молҳои саноатӣ масраф шуда дар чорчубаи аз 10 то 20 кг мебошад. Агар истода гузарем, ин нишондиҳанда дар шаҳрҳои Панҷакент (10,89 кг), Конибодом (11,24 кг) ва ноҳияи Мастчоҳ (15,47 кг) мебошад. Чунин ҳолати арзёбии коэффитсиентҳои табиатғунҷоиш, пеш аз ҳама аз махсусгардонии соҳавии минтақаҳо вобаста аст. Яъне баъзе шаҳру ноҳияҳо аз мавқеи саноатикунонӣ дар дараҷаи паст қарор доранд ва дар онҳо баъзе корхонаҳои саноатие, ки партови зиёди зарарнок дорад, ҷойгир шудааст, ки ин албатта нишондоди коэффитсиенти табиатғунҷоишро тағйир медиҳад. Масалан, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо корхонаҳои зиёди саноатӣ мавҷуд аст, вале ихроҷи партови саноатии кам дорад. Дар баъзе минтақаҳо як ё ду корхонаҳои калони саноатӣ вуҷуд дораду лекин партови зиёд мебарорад. Ба андешаи мо, минбаъд дар вақти идоракунии минтақаҳо таъмини шароити беҳтарини экологӣ ҳатман ба инобат гирифта шавад, мувофиқи мақсад мебуд.

Дар самти баланд бардоштани сатҳи экологикунонии иқтисодиёт бе кӯмаки фишангҳои танзими давлатӣ самараи интизорӣ намедиҳад. Аз ин рӯ, дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад аст, агар сатҳи таъсири иқтисодиёт ба муҳити зист доимо дар ҷараёни танзим ва назорат бошад. Қимати нишондиҳандаи табиатғунҷоиш, ки дар ҷадвал зикр шудааст, агар тавонем то андозаи муайян онро паст намоем, ҳамон қадар рушди экологии минтақа мазмуни беҳтар шуданро мефаҳмонад. Бо ибораи дигар гуфтан мумкин аст, ки афзоиши коэффитсиентҳои табиатғунҷоиш бонги хатар мезанад ва дар натиҷа ҷараёни пайдоиши муаммои экологӣ тезу тунд шуда истодааст. Ба ақидаи мо, хуб мешуд

дар ҳар минтақаи алоҳида маҷмуи чорабиниҳои паст намудани сатҳи нишондиҳандаи табиатғунҷоиш коркард ва амалӣ карда шавад. Дар ин ҷода маҷмуи чорабиниҳо барои дастрасии ду мақсади асосӣ бояд равона карда шавад:

Якум, чораҳои мусоидаткунанда барои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, сарфаи захираҳо ва кам намудани сатҳи ифлоскунандаи табиат нигаронида мешавад;

Дувум, андешидани чораҳои татбиқи SMART-технология, наномаводҳо ва дигар технологияҳои пешқадам, ки ба истеҳсолоти бепартов такя мекунанд. Равияҳои қайдгардида дар идоракунии минтақаҳо консепсияи экологикунонии иқтисодиётро таъмин менамояд.

Чӣ тавре ки дар боби якуми рисола қайд кардем, сатҳи экологикунонии раванди истеҳсолот нишондиҳандаи босуботии рушди экологии минтақа ё ин ки сатҳи экологикунонии иқтисодиёти минтақаро тавсиф мекунад. Бинобар ин, дар арзёбӣ якчанд нишондиҳандаҳоро ба ҳисоби ҳар як воҳиди маҷмуи маҳсулоти минтақа пешниҳод намудан мувофиқи мақсад аст:

- «ҳаҷми безарар кардани моддаҳои зараровари партови манбаъҳои доимии ифлоскунандаи атмосфера;

- ҳаҷми обҳои тозашуда, ки такроран дар фаъолияти хоҷагидорӣ истифода мегардад;

- сармоягузорӣ ба фондҳои асосие, ки ба ҳифзи муҳити зист равона шудааст;

- хароҷоти ҷорӣ ба ҳифзи муҳити зист».[44]

Боиси қайд аст, ки дар маводи нашргардидаи мақомоти омории ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо дарёфт намудани маълумот оид ба се нишондиҳандаи охир хеле кори душвор ва дар аксари ҳолатҳо имконнопазир низ мебошад. Бинобар ин, аз рӯи нишондиҳандаи аввал,

---

[44] Сыромятникова О.П. Оценка эколого-экономического развития региона [Текст] / О.П. Сыромятникова, Т.В. Задорова // Региональная экономика: теория и практика. - Чебоксары, 2016. - №8.– С. 180.

ки фарогири маълумот аст, тасмим гирифтем, ки сатҳи экологикунонии минтақаҳоро арзёбӣ карда бошем. Сараввал, сатҳи экологикунониро дар миқёси ҷумҳурӣ ва баъд дар байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд баррасӣ менамоем (Ҷадвали 2.15).

**Ҷадвали 2.15. - Экологикунонӣ дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020**

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | | | | | | | | | Ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | | 2017 | | | 2019 | | | 2020 | | | |
| | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 21300 | 43745,9 | 4,87 | 174100 | 56001,8 | 31,09 | 519400 | 68691,3 | 75,61 | 221300 | 73870,5 | 29,96 | 35,44 |
| Шаҳри Душанбе | 200 | 10546,4 | 0,19 | 136700 | 11811 | 115,74 | 484500 | 15139,2 | 320,03 | 195100 | 15570,5 | 125,30 | 139,64 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 8000 | 7590,6 | 10,54 | 6500 | 9719,8 | 6,69 | 10800 | 12287,6 | 8,79 | 5000 | 13532,6 | 3,69 | 6,90 |
| Вилояти Суғд | 13000 | 12036,9 | 10,80 | 30900 | 17510,7 | 17,65 | 23700 | 20537,1 | 11,54 | 15300 | 21621,9 | 7,08 | 11,61 |
| Вилояти Хатлон | 100 | 12855,2 | 0,08 | - | 16003,5 | - | 400 | 19664 | 0,20 | 5900 | 22080,5 | 2,67 | 0,82 |
| ВМКБ | - | 716,8 | - | - | 956,5 | - | - | 1063,4 | - | - | 1065 | - | - |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019 – С. 199; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С.115; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 118; Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 – С. 335.*

***Эзоҳ:*** *I – Безараркунии партов (ҳазор кг);*
*II – Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (млн. сомонӣ);*
*III - экологикунонӣ (кг / ба ҳар 10 ҳазор сомонии ММM).*

Чӣ тавре ки аз додаҳои ҷадвал бармеояд, дар байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе дар ин самт пешрав ба ҳисоб меравад, ки ҳаҷми безарар кардани моддаҳои зараровари партови манбаъҳои доимии ифлоскунандаи атмосфера ба 10 ҳазор сомонии маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ 139,64 кг-ро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки барои беҳтар намудани ҳолати экологии шаҳри Душанбе ҷудо намудани маблағи зиёд ба нақша гирифта мешавад ва дар натиҷа ҳиссаи партови безараргардида нисбат ба партови ҳосилшуда бештар ба назар мерасад. Инчунин, дар самти безарар кардани моддаҳои зараровари партов вилояти Суғд (11,61 кг) дар ҷои дуюм меистад. Дар чунин ҳолат, тағйироти шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд хеле калон аст.

Дигар минтақаҳо бошад, аз ин ҳам ташвишовар боқӣ мемонад. Масалан, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (6,9 кг) ва вилояти Хатлон (0,82 кг) аст. Сабаб он, ки дар ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои он сол то сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ зиёд гардида истодааст, минбаъд зарур аст, ки ба безараркунии партов таваҷҷуҳи махсус бояд равона карда шавад.

Чӣ тавре ки ҷадвал нишон медиҳад, тамоюли коэффитсиенти экологикунонӣ дар минтақаҳои кишвар хусусияти гуногун дорад. Вале, дар умум, то соли 2019 нишондиҳандаи мазкур қариб дар кулли минтақаҳо зиёд гашта, соли 2020 дар ҳолати пастшавӣ қарор дорад. Бинобар ин, ҳаҷми маблағе, ки барои безарар кардани партов равона мегарданд, бояд сол то сол тамоюли афзоишёбӣ дошта бошад. Зеро экология ва тоза нигоҳ доштани муҳити зист вазифаи ҳар як шаҳрванд мебошад.

Ҳолати мазкурро дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд баррасӣ мекунем, ки додаҳо ва натиҷаҳои ҳисоб дар ҷадвали 2.16 зикр шудааст.

**Ҷадвали 2.16. - Экологикунонӣ дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар солҳои 2015-2020**

| Шаҳру ноҳия | солҳо | | | | | | | | | | | | | | | | | | Ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | | 2016 | | | 2017 | | | 2018 | | | 2019 | | | 2020 | | | |
| | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | |
| Хуҷанд | 400 | 570,1 | 7,02 | 500 | 818,7 | 6,11 | 500 | 1003,8 | 4,98 | 600 | 1123,3 | 5,34 | 900 | 1296,2 | 6,94 | 900 | 1494,6 | 6,02 | 6,07 |
| Гулистон | 7500 | 2358,9 | 31,79 | 9000 | 3356,3 | 26,81 | 19300 | 3853,5 | 50,08 | 19300 | 3510,5 | 54,98 | 21100 | 3545,7 | 59,51 | 2600 | 2400,4 | 10,83 | 39,00 |
| Конибодом | 300 | 126,6 | 23,68 | 200 | 135,9 | 14,71 | 40 | 210,6 | 1,90 | 40 | 270,1 | 1,48 | 20 | 310,0 | 0,64 | 10 | 320,6 | 0,31 | 7,12 |
| Панҷакент | 30 | 2014,0 | 0,15 | 40 | 2177,1 | 0,18 | 30 | 2640,8 | 0,11 | 20 | 3108,3 | 0,06 | 40 | 3817,0 | 0,10 | 10 | 4255,9 | 0,02 | 0,11 |
| Истаравшан | 80 | 299,2 | 2,67 | 30 | 338,1 | 0,89 | 30 | 394,2 | 0,76 | 60 | 429,3 | 1,40 | 100 | 523,3 | 1,91 | 100 | 555,7 | 1,80 | 1,57 |
| Ашт | 70 | 146,9 | 4,76 | 80 | 178,5 | 4,48 | 100 | 201429 | 4,96 | 60 | 202,0 | 2,97 | 100 | 224,8 | 4,45 | 100 | 230,7 | 4,33 | 4,33 |
| Зафаробод | 200 | 106,7 | 18,73 | 200 | 143,0 | 13,98 | 200 | 177,4 | 11,27 | 200 | 207,3 | 9,64 | 200 | 210,4 | 9,50 | 200 | 226,2 | 8,84 | 11,99 |
| Мастчоҳ | 500 | 157,7 | 31,69 | 500 | 184,5 | 27,09 | 700 | 209,3 | 33,44 | 600 | 194,6 | 30,82 | 800 | 232,8 | 34,36 | 8800 | 223,7 | 39,32 | 91,78 |
| Спитамен | 400 | 160,8 | 24,86 | 400 | 231,0 | 17,31 | 200 | 321,5 | 6,22 | 90 | 405,8 | 2,22 | 200 | 490,2 | 4,08 | 200 | 668,6 | 2,99 | 9,61 |
| Ҷ. Расулов | 20 | 103,0 | 1,94 | 30 | 128,1 | 2,34 | 40 | 179,6 | 2,23 | 60 | 198,4 | 3,02 | 60 | 231,2 | 2,59 | 30 | 317,7 | 0,94 | 2,18 |
| Б.Ғафуров | 1100 | 341,8 | 32,18 | 1200 | 622,8 | 19,27 | 600 | 1033,9 | 5,80 | 1500 | 1126,9 | 13,31 | 1100 | 1358,0 | 8,10 | 1300 | 2535,4 | 5,13 | 13,96 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 118; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 345.*

***Эзоҳ:*** *I – Безараркунии партов (ҳазор кг);*
*II – Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (млн. сомонӣ);*
*III – Экологикунонӣ (кг/ба ҳар 10 ҳазор сомонии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ).*

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, ба ҳисоби миёна сатҳи экологикунонӣ, яъне ҳаҷми безарар кардани моддаҳои зараровар ба 10 ҳазор сомонии ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ масраф гашта арзёбӣ карда шудааст. Дар ин раванд, мо бар ивази истеҳсоли молҳои таъиноти умум дар шаҳру ноҳияҳо, истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба асос гирифтем. Зеро дар сарчашмаҳои оморӣ расман нишондиҳандаҳои истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо пурра дарҷ намегарданд. Ахборот оид ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мавҷуд мебошад.

Умуман, ба ҳисоб гирифтани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз рӯи мантиқ дуруст аст, зеро асосан, корхонаҳои саноатӣ сабабгори асосии ифлосшавии муҳити зист мегарданд. Нишондиҳандаи сатҳи экологикунонӣ гувоҳи онанд, ки дар шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров, Зафаробод вазъият нисбатан хуб аст. Масалан, дар ноҳияи Мастчоҳ сатҳи безараргардонии моддаҳои зараровари партови манбаъҳои доимии ифлоскунандаи атмосфера 91,78 кг ба 10 ҳазор сомонии ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар шаҳри Гулистон 36 кг, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 13,96 кг, Зафаробод 11,99 мебошад, ки дар муқоиса бо дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят нисбатан хуб аст. Нишондиҳандаи дигар дар шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла Панҷакент (0,11 кг), Ҷаббор Расулов (2,18 кг), Ашт (4,33 кг), Хуҷанд (6,07 кг), Истаравшан (1,57 кг) тақозо мекунад, ки дар ин самт тадбирҳои таъҷилӣ андешида шаванд.

Баланд бардоштани сатҳи экологикунонии иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳо бе таъсири мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо имконнопазир аст. Яъне бо дахолати фишангҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ҳар минтақа агар ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ зиёд шуда бошад, таъсири онро ба муҳити зист пасттар таъмин кардан мумкин аст. Дар навбати аввал, дар кулли соҳаҳои истеҳсолот бояд экологикунонии ҷараёнҳои технологӣ таъмин гардида, ихроҷи

партов ба муҳити зист ҳаддал имкон аз байн бардошта шавад. Дар ин самт, идоракунии оптималии равандҳои экологӣ нақши муассир дорад. Вобаста ба ин, бояд принсипҳои ташкили идоракунии раванди истеҳсолот, тақвияти идеологияи он дар асоси ҳифзи омилҳои экологӣ амалӣ карда шавад.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки ин ду нишондиҳандаҳои асосие, ки (табиатғунҷоиш ва сатҳи экологикунонӣ) арзёбии рушди экологӣ-иқтисодии минтақаро ташкил медиҳанд, бо фаъолияти якдигар муқобил мебошанд, яъне вақте сухан дар бораи табиатғунҷоиш меравад, афзоиши коэффитсиенти он ҳолати ногувор, номусоид ва умуман манфӣ дорад. Зеро он зиёдшавии партовро нисбат ба объекти таҳқиқот, яъне дар ҳар 10 ҳазор сомонии маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ё ин ки дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ инъикос менамояд.

Нишондиҳандаи дувум, коэффитсиенти экологикунонӣ буда, агар қимати он кам бошад, ҳолати на он қадар хубро мефаҳмонад, яъне ҳаҷми безарар кардани моддаҳои зараровари партови манбаъҳои доимии ифлоскунандаи атмосфера нисбат ба объекти таҳқиқот ҳолати пастшавӣ дорад, ки дар ин маврид ба масъалаи безараргардонӣ аҳамияти зарурӣ дода нашудааст.

Дар асоси ҳисобу китоби мазкур, рейтинги шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро тибқи ин ду нишондиҳанда, яъне нишондиҳандаи табиатғунҷоиш ва экологикунонӣ муайян мекунем, ки дар ҷадвали 2.17 зикр шудааст.

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, рейтинги шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи беҳтаршавии коэффитсиенти табиатғунҷоиш ва экологикунонӣ (аз рӯи натиҷагирии солҳои 2015-2020, ба ҳисоби миёна) муайян карда шудааст. Тибқи натиҷаҳои табиатғунҷоиш ҷои аввалро шаҳри Бӯстон бо нишондиҳандаи 3,37 кг ба ҳар 10 ҳазор сомонии ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ масраф шуда ишғол кардааст.

**Ҷадвали 2.17. - Рейтинги шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи беҳтаршавии коэффитсиенти табиатғунҷоиш ва экологикунонӣ (солҳои 2015-2020)**

| Коэффитсиенти табиатғунҷоиш | | | Коэффитсиенти экологикунонӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳру ноҳия | Табиатғунҷоиш (кг, ба ҳар 10 ҳазор сомонии ба ИМС масраф шуда) | Мавқеи рейтинг | Шаҳру ноҳия | Экологикунонӣ (кг, ба ҳар 10 ҳазор сомонии ба ИМС масраф шуда) | Мавқеи рейтинг |
| Бӯстон | 3,37 | 1 | Мастчоҳ | 91,78 | 1 |
| Истаравшан | 3,54 | 2 | Гулистон | 39,00 | 2 |
| Зафаробод | 6,00 | 3 | Б.Ғафуров | 13,96 | 3 |
| Спитамен | 6,89 | 4 | Зафаробод | 11,99 | 4 |
| Гулистон | 7,15 | 5 | Спитамен | 9,61 | 5 |
| Ашт | 7,27 | 6 | Конибодом | 7,12 | 6 |
| Хуҷанд | 9,92 | 7 | Хуҷанд | 6,07 | 7 |
| Панҷакент | 10,89 | 8 | Ашт | 4,33 | 8 |
| Конибодом | 11,24 | 9 | Ҷ. Расулов | 2,18 | 9 |
| Айнӣ | 12,24 | 10 | Истаравшан | 1,57 | 10 |
| Б.Ғафуров | 13,80 | 11 | Панҷакент | 0,11 | 11 |
| Мастчоҳ | 15,47 | 12 | | | |
| Исфара | 22,11 | 13 | | | |
| Ҷ. Расулов | 33,00 | 14 | | | |
| Деваштич | 37,95 | 15 | | | |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С.114, 115, 118; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 117, 118; Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 – С. 335; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 345.*

Вале, дар ҷадвали экологикунонӣ шаҳри Бӯстон зикр нашуда, дар нашрияҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ расман оид соф кардани моддаҳои зараровари ин минтақа маълумот дарҷ нагардидааст, яъне ҳолати экологикунонии минтақа номуаяйн боқӣ мемонад. Аз рӯи табиатғунҷоиш ҷойи дувумро шаҳри Истаравшан бо 3,54 кг ишғол кардааст, лекин тибқи коэффитсиенти экологикунонӣ дар ҷои 10 қарор дорад. Ин маънои онро дорад, ки шаҳри Истаравшан ба муҳити зист партовро кам паҳн карда аст, вале, дар самти экологикунонӣ, яъне безарар кардани партов фаъолияти хеле суст дорад, ҳиссаи партови безараркарда дар ҳаҷми умумии ихроҷи партов кам аст. Дар ноҳияи Мастчоҳ бошад, вазъияти баръакс мушоҳида мешавад: корҳои экологикунонӣ назар ба партофтани партови зараровар дар

сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст, ки дар ин бобат дар қисми дувуми ҷадвал ҷои якумро ишғол кардани ноҳия шаҳодат медиҳад.

Аз рӯи беҳтаршавии коэффитсиенти табиатғунҷоиш шаҳрҳои Исфара, Бӯстон, ноҳияҳои Айнӣ ва Деваштич дар қатори охирон ҷой дорад, яъне сол то сол зиёд шудани ҳаҷми партов ба ҳисоб гирифта шуда, мутаассифона, оид ба натиҷаҳои безараркунии партов маълумоти муфассал дар нашрияҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд нест. Дар ноҳияҳои дигар, масалан Бобоҷон Ғафуров ва Мастчоҳ, аз рӯи коэффитсиенти табиатғунҷоиш мутаносибан дар ҷои 11 ва 12 қарор дошта бошанд, лекин аз рӯи экологикунонии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мувофиқан дар қатори 3 ва 1 мебошад.

Муқоисаи беҳтаршавии коэффитсиенти табиатғунҷоиш бо экологикунонӣ нишон дод, ки шаҳри Хуҷанд бо рейтинги мутаносибӣ (10 ва 10), ноҳияҳои Зафаробод (3 ва 4), Спитамен (4 ва 5), Ашт (6 ва 8), шаҳри Панҷакент (8 ва 11) кам фарқ мекунанд (нигаред ба расми 2.4.)




**Расми 2.4. - Рейтинги шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи беҳтаршавии коэффитсиенти табиатғунҷоиш ва экологикунонӣ**

Ин ҳолат раванди баробар афзоиш ёфтани сатҳи коэффитсиенти табиатғунҷоиш ва экологикунонии истеҳсолоти маҳсулоти саноатиро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои арзёбии рейтинги рушди экологӣ-иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар шаҳру ноҳияҳо фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ, асосан аз муносибати анъанавӣ, ки ба истифодаи захираҳои табиӣ асос ёфтааст, иборат аст. Дар аксари ҳолатҳо ташкили раванди истеҳсолот бе назардошти омилҳои экологӣ ба амал оварда мешаванд. Ғайр аз ин, алҳол саҳми кишоварзӣ дар иқтисодиёти кишвар, алалхусус, дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон калон аст, ки он ба ҳолати экологии имрӯза таъсири сахти манфӣ намерасонад.

Дар панҷсолаи минбаъда бо дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат» эълон карда шудааст ва боварии комил дорем, ки баҳри татбиқи ҳадафи мазкур корхонаҳои нави саноатӣ дар минтақаи вилояти Суғд сохта ба истифода дода мешаванд. Иҷрои ин ҳадаф хеле муҳим аст, зеро баланд бардоштани некӯаҳволӣ, қафо намондан аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, таъмини рушди саноатикунонии инноватсионии минтақаҳо мавқеи кишварро дар арсаи байналмилалӣ баланд менамояд. Ҳамзамон, барои амалӣ сохтани принсипҳои рушди устувори иқтисодӣ бояд ҳатмӣ ба инобат гирифтани омили экологӣ ва механизмҳои он зарур аст. Аз ин лиҳоз, чун ҳамрадифи саноатикунонӣ бояд экологикунонии иқтисодиёт низ якҷоя мавриди амал қарор гирад. Вобаста ба ин, дар ҳар минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи саноатикунонӣ ҳалли масъалаҳои экологӣ низ ҳамрадиф бошад ва дар ин самт иҷроиши корҳои зерин ба мақсад мувофиқ дониста мешавад:

- коркард намудани стратегияи рушди минтақа, ки ба ҳифзи экология нигаронидашудааст;

- сармоягузории лоиҳаҳои инвеститсионии экологӣ;

- ҷалби сармоя ё ин ки ҳавасмандкунии соҳибкороне, ки ба коркарди партов ва умуман тоза намудани муҳити зист кӯшиш менамоянд;

- дар корхонаи бунёдшаванда татбиқи технологияҳое, ки бо усули интенсивии коркарди захираҳо нигаронида шудааст;

- аз байн бардоштани технологияҳое, ки ба таври экстенсивӣ захираҳоро коркард менамоянд ва табиатғунҷоишашон хеле баланд буда, барориши маҳсулот кам мебошад;

- сармоягузорӣ барои экологикунонии иқтисодиёт, яъне саривақт безарар кардани моддаҳои зараровари партови манбаъҳои доимии ифлоскунандаи атмосфера ва ғайра.

Ба ақидаи мо, бо мақсади ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегӣ амалишавии равияҳои дар боло номбаршуда хеле иқдоми саривақтӣ ва зарур мебошад.

## БОБИ 3. АФЗАЛИЯТҲО ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ РУШДИ ЭКОЛОГӢ – ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

### 3.1. АМСИЛАСОЗИИ ТАЪСИРИ ВАЗЪИ ЭКОЛОГӢ БА НИШОНДИҲАНДАИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

Дар шароити муосир дар асоси тағйироти куллие, ки дар ҷаҳон ба вуқуъ омадааст, муносибат низ ба таъмини рушди иқтисодӣ дигаргун шуда истодааст. Ин дар он инъикос меёбад, ки кулли кишварҳои ҷаҳон маҷбур шуда истодаанд, ки ба масъалаи нигоҳ доштани муҳити табиӣ аҳамияти хоса диҳанд. Зарурияти ба даст овардани рушди иқтисодӣ дар радифи таъмини шароитҳои экологӣ ва кам намудани истеҳсолот ба муҳити зист ба миён омад.

Бо ибораи дигар гӯем, ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк карда истодааст, ки маҳдудияти захираҳои табиӣ ва муносибати ваҳшиёна ба табиат масъалаи минбаъд фаъолият доштани инсониятро ба миён гузошта истодааст. Бинобар ин, дар ҳар як минтақаи давлатҳои мустақил, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти ба ҳисоб гирифтани ҳолати экологӣ дар радифи ташкили такрористеҳсолот ба масъалаҳои мубрам табдил ёфтааст. Сабаб дар он аст, ки дар ҳар минтақа зарурати таҳқиқи комплексӣ, коркарди стратегияҳои рушди минтақаҳо дар асоси баҳодиҳии воқеии ҳолати экологӣ-иқтисодии минтақа масъалаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

Яке аз муаммои асосии илмӣ арзёбии миқдории таъсири рушди иқтисодӣ ба муҳити зист ва муайян намудани сабабу оқибатҳои он мебошад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати илман асоснок намудани масъалаи мувозинати байни рушди иқтисодӣ ва муҳити зист пайдо гардидааст. Яке аз равияҳои имконпазир дар ҳалли масъалаҳои мазкур истифодаи усулҳои иқтисодии математикӣ, пеш аз ҳама амсилаҳои иқтисодии математикӣ мебошад. Доир ба ин амсилаҳо якчанд андешаҳои хешро баён мекунем.

Дар шароити муосир дар мамлакатҳои мухталиф амсилаҳои гуногуни пешгирии вайроншавии муҳити зист аз ҷумла, амсилаҳои мувозинати байнисоҳавии В.Леонтев ва ғайра истифода мешаванд.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки дар илми иқтисодиёт амсилаҳои хеле зиёд оид ба ҳаракат байни низоми иқтисодӣ ва муҳити зист мавҷуд аст. мебошад. Чӣ тавре ки маълум аст, «Мувозинати байнисоҳавӣ маҷмуи ҷараёни мол ва хизматрасониҳо дар ҷадвали «хароҷот-барориш» инъикос мегардад ва тағйироти сохтории муҳимми бахши алоҳидаи иқтисодиётро тавсиф менамояд».[45]

Дар илми иқтисодиёти ҷаҳон аз давраи пайдо шудани амсилаи мазкур таҷрибаи васеъ ҷамъ оварда шуда, он дар амалияи иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ васеъ истифода шудааст ва амсилаҳои нави дигар низ коркард гардидааст. Баҳри оптимизатсия намудани муносибатҳои экологӣ-иқтисодӣ охири солҳои 70-уми асри гузашта амсилаи динамикаи низомии Д. Форрестер коркард карда шудааст. Ӯ барои тавсиф додани тағйироти ҳолати экологӣ якчанд амсилаҳои раванди ғайрихаттии динамикиро ба илм пешниҳод кардааст.[46]

Дар корҳои М.Месарович ва Е.Пестел бошад, чор варианти рушди ҷаҳон барои 50 соли минбаъда пешниҳод шудааст. Ба ақидаи онҳо, сабаби асосии тағйирёбии ҷараёнҳои экологӣ, ин вайроншавии муносибатҳои иқтисодӣ байни кишварҳои мутараққӣ ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад.[47]

Дар аксари ҳолатҳо дар амсилаҳои мутақобилаи байни низоми иқтисодӣ ва муҳити зист ба ҷараёнҳои моддӣ байни низоми иқтисодӣ ва муҳити зист аҳамияти махсус дода мешавад. Масалан, дар амсилае, ки аз

---

[45] Леонтьев В. Межотраслевой анализ воздействия структуры экономики на окружающую среду [Текст] / В. Леонтьев, Д. Форд // Экономика и математические методы. - 1972. Том VIII, выпуск 3. - С. 389.
[46] Форрестер Дж. Мировая динамика [Текст] / Дж. Форрестер. Перевод с анг. – СПБ, Terra fantastica, 2003. - С. 251.
[47] Месарович М. Человечество на повороте. Второй доклад для Римского клуба. [Текст] / М. Месарович, Е. Пестель. - С-Пб.: Нева-ПРЕСС. 1994. – С. 7.

ҷониби олимони рус В.А. Батурин, С.Н. Васильев, А.В. Лакеев ва А.И. Москаленко пешниҳод карда шудааст, бо муодилаи мувозинати моддӣ ҳисоб карда мешавад:

$$\mathbf{R}_p + \mathbf{R}_c = \boldsymbol{Q} + \sum \mathbf{W}_i - \sum \mathbf{r}_i \qquad (3.1)$$

дар ин ҷо

$\mathbf{R}_p$ - ҳаҷми захираҳои истеҳсолӣ (захираҳои ашёи хоми маъданӣ, об, замин, захираҳои рекреатсионӣ ва ғайра);

$\mathbf{R}_c$ - ҳаҷми захираҳои дар истеъмолот истифодашаванда (обанбор ва ҷангалзор барои мақсадҳои рекреатсионӣ, захираҳои моҳӣ, ҳамчун объекти сайёҳӣ, варзишӣ ва ғайра);

$\boldsymbol{Q}$ – истеҳсоли маҳсулот (ба ҳисоби натуралӣ);

$\mathbf{W}_i$ – партови аввалиндараҷаи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт;

$\mathbf{r}_i$ - ҷамъи партови такрорӣ.

Яке аз муҳимтарин талаботи замони муосир кам кардани ҳаҷми боқимондаи партови саноатӣ мебошад. Яъне ($\sum \mathbf{W}_i - \sum \mathbf{r}_i$)⇒min. Барои ин бояд дар навбати аввал шарти ($\mathbf{R}_p + \mathbf{R}_c$ )⇒min-ро риоя намудан зарур аст. Дар амалишавии чунин шарт ду роҳ вуҷуд дорад:

1) $\boldsymbol{Q} + \sum \mathbf{W}_i - \sum \mathbf{r}_i$ ⇒min

2) Q/($\mathbf{R}_p + \mathbf{R}_c$ )⇒max

Шарти аввал барои кишварҳое хос мебошад, ки дараҷаи ночизи экологикунонии истеҳсолотро соҳиб мебошанд, аз ҷумла ба ин вазъият Федератсияи Россияро номбар намудан мумкин аст.

Моҳияти шарти дуюм аз он иборат аст, ки сатҳи ба дастомадаи истеҳсолот танҳо дар сурати маҳдуд шудани ҳаҷми истифодаи самараноки захираҳои аввалиндараҷа нигоҳ дошта мешавад».[48]

---

[48] Батурин В.А. Математические модели и методы исследования устойчивого развития региона [Текст] / В.А. Батурин, С.Н. Васильев, А.В. Лакеев, А.И. Москаленко // Закономерности

Дар бисёр ҳолатҳо ҳангоми таҳияи амсилаҳои экологӣ-иқтисодӣ «минтақа ҳамчун низоми кушоде, ки аз се зерсохтори мутақобила ҳаракаткунанда, яъне: иқтисодиёт, табиат ва ҷомеа иборат аст»,[49] фаҳмида мешавад.

Дар илми иқтисодиёт ғайр аз амсилаҳои қайдгардида дигар амсилаҳои мазмунан ба якдигар монанд ё ин ки куллан аз ҳамдигар фарққунанда вуҷуд доранд. Баъзеи онҳоро ҳамчун далел номбар мекунем. Масалан, амсилаи экологӣ-иқтисодии «Минтақа» байни самаранокии иқтисодӣ ва ҳолати муҳити табииро инъикос мекунад.[50]

Амсилаи ченкунии иқтисодиёти истеҳсолӣ ва табиӣ дар асоси захираҳои энергетикӣ, ки техноғунҷоиши ҳудудҳои сарбории техногениро дар асоси муқоиса ба меъёрҳои он дар қаламрави муайян таҳқиқ мекунад,[51] мебошад.

Умуман, амсилаҳое, ки барои инъикоси муносибатҳои байни иқтисодиёт ва экология коркард карда шудааст, хеле зиёд мебошанд. Вале, худи ҷараёни амсиласозӣ кори душвор ва заҳматталаб аст. Масалан, барои расидан ба ҳадафи мазкур марҳилаҳои муайянро бояд паси сар кард:

- интихоби нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва омилии ҳолати экологии минтақа;
- муайян намудани параметрҳои ҳаммодел;
- коркарди сенарияҳои рушд;
- таҳлили муқоисавии сенарияҳо;
- ҷараёни арзёбии таъсири омилҳо;

---

социального развития: ориентиры и критерии моделей будущего. Часть II. Новосибирск: СО РАН, 1994. – С. 96-97.

[49] Гурман В.И. Опыт социо-эколого-экономического моделирования развития региона [Текст] / В.И. Гурман, Н.Э. Кульбака, Е.В. Рюмина // Экономика и математические методы.-1999. - №3.- С. 72-74.

[50] Моделирование социо-эколого-экономической системы региона [Текст] / Под ред. В.И. Гурмана, Е.В. Рюмина. – М, Наука, 2001. – С. 113-114.

[51] Акимова Т.А. Макроэкология и основы экоразвития. Учебное пособие [Текст] / Т.А. Акимова, В.В. Хаскин, С.Н. Сидоренко, В.Н. Зыков. Редактор Ж.В. Медведева. Российский университет дружбы народов. – М, изд-во РУДН, 2005. - С. 238-240.

- муайян намудани қонуниятҳо ва коркарди хулоса.

Барои таҳияи амсилаҳо усулҳои гуногун истифода мегарданд. Яъне муодилаҳои бисёромилаи регрессионӣ, муодилаҳои оптимизатсионӣ ва ғайраҳо. Боиси қайд аст, ки кулли амсилаҳое, ки дар боло қайд гардид, сатҳи истифодабарии ниҳоят душвор доранд, аз ҳад зиёд ҳаҷми маълумоти миқдорӣ ва сифатиро талаб мекунанд. Аз ин рӯ қайд менамоем, ки бо тарзи оперативӣ арзёбӣ намудани таъсири рушди иқтисодиёт ба муҳити зист раванди душвор ва ғайриимкон низ мебошад. Аз ин лиҳоз, қобили қабул аст, ки барои ин гуна мақсадҳо амсилаҳои содатарро, ки ҳаҷми зиёди иттилоотро талаб намекунанд, вале фавран барои арзёбӣ имкон медиҳанд, истифода барем. Дар робита ба ин, мавриди қабул аст, ҳар амалиёти иқтисодӣ, ки аз тарафи сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ё зинаҳои дигар баргузор карда мешавад, таъсири он ба муҳити зист ва умуман экология муайян карда шавад.

Вобаста ба ин, истифодаи услуби иқтисодии математикӣ онро воситаи беҳтарин меҳисобем, дар асоси он амсилаҳои таъсиррасони тамоюлҳои иқтисодӣ ва ҷараёнҳои экологиро таҳия кардан мумкин аст. Дар асоси истифодаи чунин амсилаҳои экологӣ-иқтисодӣ имконияти пешгӯии роҳҳои тараққиёти минтақа бо назардошти муайян намудани омилҳои таъсиррасон имконпазир мегардад. Зеро иҷрои сценарияҳои рушди иқтисодиёт ба муҳити табиӣ оқибатҳои гуногуни экологӣ меоварад. Ин амалиётҳо пешакӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо баррасӣ карда шуда, дар асоси он қарорҳои дахлдори идоракунӣ бояд қабул карда шаванд. Барои ин, дар навбати аввал, дар миқёси ҳар як минтақа таҳқиқ намудани сатҳи таъсири иқтисодиёт ба муҳити зист муайян гардида, ҳолати таъсиррасонӣ арзёбӣ карда шавад.

Чӣ тавре ки маълум аст, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бештар дар сатҳи иқтисодиёти давлатӣ ҳолати вайроншавии атмосфера ба инобат гирифта мешавад. Дар миқёси минтақаҳои алоҳидаи кишварҳо бошад, намудҳои гуногуни ифлосшавӣ таҳқиқ карда мешавад. Барои пешгӯи намудани ҳолати муҳити зист ва коркарди сиёсати зарурии ҳифзи экологӣ, пеш аз ҳама сатҳи рушди иқтисодии минтақа бо таҳлили истеҳсолот, зарари ба табиат расонидашуда, ҷойгиршавии онҳо ва дигар масъалаҳо арзёбӣ карда мешавад. Барои арзёбии нишондиҳандаҳои муносибатҳои экологӣ ва иқтисодӣ дар минтақа пеш аз ҳама ҳолати табиат таҳқиқ карда мешавад. Масалан, муносибати мазкур агар вобастагии роста дошта бошад – бо муодилаҳои хаттӣ; муносибатҳои баръакс дошта бошад - дигар намуди вазифаҳое, ки ба он мутобиқ аст, бояд ба асос гирифта шавад. Мантиқан қайд намудан мумкин аст, ки ба тағйироти ифлосшавӣ омилҳои зиёд эҳтимолияти таъсиррасонӣ доранд. Дар мисоли зиёдшавии аҳолӣ, тағйирот дар ҳаҷми истеҳсолот, рушди корхонаҳои саноатӣ, ғаҷиши сохтории технологӣ, афзоиши воситаҳои нақлиёт, коркарди канданиҳои фоиданок ва ғайра.

Дар илми иқтисодиёт барои таҳқиқи таъсири омилҳои гуногун ба сатҳи ифлосшавии муҳити зист, ҳамчунин амсилаҳои математикӣ пешниҳод карда шудаанд. Вале, дар аксари ҳолатҳо амсилаи зерин бо номи STIRPAT (Stochastic impacts by regression on population, affluence and technology) истифода мегарданд. «Аз рӯи ин амсила барои муайян намудани сатҳи таъсиррасонии омилҳои алоҳида ба сатҳи ифлосшавӣ аз рӯи формулаи зерин истифода бурда мешавад.

$$Z(t) = A * N^{\alpha}(t) * Y^{\beta}(t) * T^{\gamma}(t), \qquad (3.2)$$

дар ин ҷо

Z (t) - нишондиҳандаи экологии мавриди таҳқиқ (партови моддаҳои ифлоскунанда ба атмосфера, аз рӯи намудҳо, партови газҳои гулхонаӣ,

партофтани партовобаҳо, пайдошавии партови заҳролудкунанда ва ғайра; Y (t) - нишондиҳандаҳои сатҳи рушди иқтисодиёт; N (t) – шумораи аҳолӣ; T (t) – дараҷаи технологӣ; $\alpha, \beta, \gamma$ - константаҳо (дар асоси маълумоти воқеӣ ҳисоб карда мешаванд); t - сол.

Ба сифати нишондиҳандаҳои сатҳи рушди иқтисодиёт бештар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ истифода мегарданд».[52]

Нисбат ба иқтисодиёти минтақа, мо метавонем ба ҷои нишондиҳандаи сатҳи технологӣ нишондиҳандае, ки мавқеи соҳаи саноатро пурра тавсиф медиҳад, истифода намоем. Бо ёрии услуби мазкур барои муайян кардани таъсири рушди иқтисодиёт мо индикаторҳои экологиро ҳисобу китоб намудем. Далелу рақамҳои оморӣ оид ба таҳияи амсилаи мазкур дар ҷадвали 3.1 зикр шудааст.

**Ҷадвали 3.1. - Нишондиҳандаи натиҷавии таҳқиқ ва тағйирёбандаҳои омилӣ дар солҳои 2010-2020 (бо %)**

| Солҳо | Партови зараровар ба муҳити зист (У), (ҳазор тонна) | МММ ба ҳар сари аҳолӣ (X1), (сомонӣ) | Сатҳи афзоиши аҳолӣ, (X2), (бо %) | Ҳиссаи саноат дар МММ (X3) (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| 2010 | 4,5 | 2543,25 | 102,3 | 57,72 |
| 2011 | 5,9 | 3123,06 | 102,3 | 54,46 |
| 2012 | 7,3 | 3814,9 | 102,2 | 51,27 |
| 2013 | 8,5 | 4348,87 | 102,2 | 47,57 |
| 2014 | 10,7 | 4695,78 | 102,3 | 46,78 |
| 2015 | 8,8 | 4793,48 | 102,3 | 53,19 |
| 2016 | 10,4 | 5722,74 | 102,0 | 59,11 |
| 2017 | 10,9 | 6712,94 | 101,9 | 65,05 |
| 2018 | 11,7 | 6900,32 | 101,9 | 65,76 |
| 2019 | 11,6 | 7585,82 | 101,8 | 65,31 |
| 2020 | 15,1 | 7853,66 | 101,7 | 72,03 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 117. Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 9-13; 35-36.*

Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки ҳисоби миёнаи вилоятӣ таи 10 соли охир оид ба натиҷаи тағйирёбандаҳои омилӣ, яъне партови моддаҳои зараровар ба муҳити зист – 9,58 ҳазор тонна, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ – 5281,35 сомонӣ, зиёдшавии аҳолӣ –

[52] Дружинин П.В. Модели эколого - экономических процессов - оптимизационный подход [Текст] / П.В. Дружинин, М.В. Морошкина, Г.Т. Шкиперова // Вестник Пермского университета. - 2014. - №2 (21). - С. 20-21.

102,08% ва ҳиссаи истеҳсолоти саноат дар маҷмуи маҳсулоти минтақа ба 58,02% баробар шуд.

Нишондиҳандаҳои таҳқиқшавандаи натиҷавӣ, яъне ихроҷи партови зараровар ба муҳити зист, ки дар ҷадвал зикр шудаанд дар тавсифи ҳолати экологии ҳар як минтақа асос шуда метавонанд. Дар ҳақиқат, дар раванди рушди ҷомеа зиёдшавии шумораи аҳолӣ, ҷорӣ кардани техника ва технологияҳои ҷадид, васеъ намудани истеҳсолот, сатҳи рушди иқтисодиёт дар умум ба ҳолати экологии иқтисодиёт таъсири бевосита доранд. Методи STIRPAT, ки дар он муайян намудани таъсири омилҳои тағйирёбанда ба ҳолати экологӣ қайд карда шуд, аз рӯи шакл ба усули Кобба Дуглас монандӣ дорад. STIRPAT барномаи мувофиқакардаи таҳқиқотии омӯзиши муносибатҳои низоми инсон ва табиат мебошад. Асосҳои назариявии он дар ҳамоҳангсозии илмҳои иҷтимоӣ-экологӣ ва ҷомеа бунёд гардидааст. Методи мазкур алоқамандии сабабу оқибати байни ду низоми мураккаб, яъне таъсири инсон ба экологияро ва дар навбати худ, таъсири экология ба фаъолияти минбаъдаи инсонро дар якҷоягӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ин усул аз ҷониби таҳқиқотчиёни ҷаҳон ҳамчун механизми таҳлили стратегӣ қабул карда шуда, ҳаллу фасли иртиботи байниҳамдигарии чор ҷузъиёти алоҳида истифода мегардад.

Мақсади асосӣ муайян намудани омилҳои тағйирёбанда, ки ба муҳити зист таъсири ҷиддӣ мерасонанд ва дарёфти фишангҳо барои танзими он мебошад. Худи калимаи STIRPAT истилоҳи англисии кӯтоҳшудаи (Stochastic impacts by regression on population, affluence and technology) мебошад, ки маънояш таъсири стохастикии регрессия ба аҳолӣ, некӯаҳволӣ ва технология аст. Умуман, усули STIRPAT барои омӯзиши тамоюлҳои иртиботи байниҳамдигарии низоми табиат ва инсоният, ки натиҷаи онҳо бояд дар асоси қабули қарорҳои оптималӣ ба даст оварда шавад, нигаронида шудааст.

Барои таҳлил маълумоту додаҳо аз соли 2010 то ҳоло оварда шудааст, зеро дар ин давра ҳам иқтисодиёти Тоҷикистон ва ҳам иқтисодиёти минтақаҳо ба сифати нави рушд гузаштааст. Ҳолати мазкур ба туфайли амалӣ намудани чор ҳадафи стратегии давлат дар ҳамаи минтақаҳо, аз ҷумла дар вилояти Суғд имконпазир гардид. Ин ҳадафҳо - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар мебошанд.

Сарчашмаи нишондиҳандаи оморӣ маводи чопгардидаи Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, аз ҷумла маводҳои илмии дар воситаҳои ахбори омма нашргардида, алалхусус, асарҳои олимони ватанӣ, ки оид ба масъалаҳои мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

Дар асоси истифодаи барномаҳои махсуси компютерӣ, хусусан пакети «таҳлили додаҳо» ва «регрессия» дар он нишондиҳандаҳои омилҳои тағйирёбанда гузошта, натиҷаҳои зарурӣ ба даст оварда шуд, ки онро дар ҷадвали 3.2 инъикос менамоем:

**Ҷадвали 3.2. - Натиҷаҳои оморӣ оид ба омили регрессионӣ ва таҳлили додаҳо**

| **ОМОРИ РЕГРЕССИОНӢ** | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Омили бисёрка-ратаи - R | 0,975075 | | | | | | | |
| R- мураббаъ | 0,950771 | | | | | | | |
| Муваффақияти R - мураббаъ | 0,929673 | | | | | | | |
| Иштибоҳи стандартӣ | 0,091603 | | | | | | | |
| Мушоҳида | 11 | | | | | | | |
| Таҳлили дисперсионӣ | | | | | | | | |
| | **df** | **SS** | **MS** | **F** | **Аҳамияти F** | | | |
| Регрессия | 3 | 1,134429 | 0,378143 | 45,06425 | 6,04E-05 | | | |
| Бақия | 7 | 0,058738 | 0,008391 | | | | | |
| Ҳамагӣ | 10 | 1,193168 | | | | | | |
| | Коэффит-сиентҳо | | Омори t | Қимати P | Қимати поёнӣ- 95% | Қимати болой-95% | Қимати по-ёнӣ-95,0% | Қимати бо-лой-95,0% |
| Y- буриш | 32,48844 | 226,3427 | 0,143537 | 0,889911 | -502,727 | 567,7039 | -502,727 | 567,7039 |
| Тағйирёбандаи X1 | 1,009538 | 0,188119 | 5,366479 | 0,001045 | 0,564706 | 1,454369 | 0,564706 | 1,454369 |
| Тағйирёбандаи X2 | -7,8537 | 48,29376 | -0,16262 | 0,87541 | -122,05 | 106,3429 | -122,05 | 106,3429 |
| Тағйирёбандаи X3 | -0,62785 | 0,475455 | -1,32052 | 0,228197 | -1,75212 | 0,496426 | -1,75212 | 0,496426 |

Лозим ба таъкид аст, ки барои ҳалли ин масъала аввал аз усули логарифмӣ истифода бурда, нишондиҳандаҳоро ба шакли муодилаи регрессионӣ даровардем ва баъдан мундариҷаи амсилаи таъсиррасониро ҳисоб кардем, ки он сатҳи таъсири ҳар як омили тағйирёбандаро ба натиҷаи таҳқиқшаванда нишон медиҳад.

Ҳамин тавр маълум гардид, ки қиматҳои $\alpha, \beta, \gamma$ – константаҳо ба чанд баробар аст. Онҳо ҳамчун коэффитсиентҳои чандирнокӣ дараҷаи тағйирёбии нишондиҳандаи мавриди таҳқиқро (агар омилҳои тағйирёбанда ба як воҳид дигар шавад) инъикос менамоянд. Қимати коэффитсиентҳои чандирнокӣ дар ҷадвали 3.3 зикр шудааст:

**Ҷадвали 3.3. - Омилҳои тағйирёбанда дар қимати коэффитсиенти чандирнокӣ**

| Номгӯи омили тағйирёбанда | Қимати коэффитсиенти чандирнокӣ |
|---|---|
| МММ ба ҳар сари аҳолӣ (бо сомонӣ) (X1) | 2,7443 |
| Сатҳи афзоиши аҳолӣ (бо %) (X2) | 0,00038 |
| Ҳиссаи саноат дар МММ (бо %) (X3) | 0,5337 |

Нишондиҳандаи мавриди таҳқиқ, яъне ихроҷи партови моддаҳои ифлоскунанда ба атмосфера дар байни омилҳо бештар тағйирёбии маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ ҳассосияти баланд дорад. Аз ин рӯ, афзоиши ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ баландтар буда, муодилаи регрессионӣ ва формулаи таҳқиқро бо чунин тарз навиштан мумкин аст:

$$Ln^{z}{}_{t}=32,48+2,7443\ lnX_1+0,00038\ lnX_2+0,5337\ lnX_2 \quad (3.3)$$

$$Z_{(t)}=32,48 * X_1^{2,7443} * X_2^{0,00038} * X_3^{0,5337} \quad (3.4)$$

Зимни таҳлили гузаронидашуда зичии пайвастагиро байни нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва тағйирёбандаи омилӣ муайян намудем. Чӣ тавре ки маълум гардид, пайвастагии нишондиҳандаи мавриди таҳқиқ ва маҷмуи тағйирёбандаи омилӣ, ки ба амсила ҳамроҳ карда

шудааст, зичии сатҳи баланд дорад. Зеро қимати коэффитсиенти коррелятсионӣ ба 0,9750 баробар шуд. Аз рӯи нишондиҳандаи мазкур вобастагии афзоиши ҳаҷми ихроҷи партов ба атмосфера аз омилҳое, ки ба инобат гирифта шудаанд, ба ҳисоби миёна 95,07% вобаста аст. Зеро, чӣ тавре ки маълум гардид, коэффитсиенти детерминатсия 0,9507-ро ташкил кард. Эътимоднокии амсилаи мавриди ҳисоб ба натиҷаҳои бадастомада мутобиқ аст. Аз ин лиҳоз, ба амсилаи ҳисобкарда қимати омилҳои тағйирёбандаро гузошта, нишондодҳои натиҷавиро барои солҳои минбаъда пешгӯи ва қимати омилҳои тағйирёбандаро бо усули экстраполятсионӣ муайян кардан мумкин аст.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки дар шароити муосири ҷумҳурӣ тамоюл ба афзоиши ифлосшавӣ, яъне зиёдшавии ҳаҷми партов ба муҳити зист пеш аз ҳама, аз сатҳи рушди иқтисодиёт ва ҷараёни саноатикунонӣ вобаста аст. Ин ҳолат, дар ҳақиқат дуруст аст ва табиист, зеро сатҳи рушд талаб мекунад, ки торафт захираҳои табиӣ бештар ба раванди истеҳсолот ворид шаванд. Рушди соҳаҳои саноат бошад, миқдори партови моддаҳои сахт, газ ва обҳои ифлосшударо зиёд менамояд.

Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коркарди сиёсати иқтисодии минтақавӣ масъалаҳои безараргардонии партов, ҳифзи захираҳои табиӣ, гузаштан ба принсипҳои «иқтисодиёти сабз»-ро яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷа шуморида, муносибатҳои ҳамрадифи сиёсати иқтисодӣ бо сиёсати экологӣ ва барои рушди экологӣ-иқтисодии минтақавӣ тамоми шароит ва имкониятҳоро сафарбар менамояд.

## 3.2. Равияҳои самаранок идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа дар оянда

Тамоюлҳои манфӣ дар ҳолати муҳити зист сол то сол афзоиш ёфта, зиёдшавии бемориҳои гуногун, таназзули ҳолати экологӣ, идоракунии самараноки ҷанбаҳои экологӣ-иқтисодии ҳар як минтақаро ба масъалаи мубрамият табдил дода истодааст. Дар ҳақиқат, аз рӯи ҳар як стратегияи ҷумҳурӣ ё ин ки минтақа аз нуктаи назари иқтисодӣ таъмин намудани рушди иқтисодиёт дар назар дошта мешавад. Боиси қайд аст, ки ҳар намуди рушди иқтисодӣ бо таъсироти худ ба муҳити зист ҳамрадиф мебошад. Масалан, инкишоф додани корхонаҳои истеҳсолӣ ё ки васеъ намудани иқтидорҳои мавҷуда, татбиқи дастовардҳо дар соҳаи илму технология, эҳтимолияти расонидани таъсири манфиро ба ҳолати муҳити зист дорад. Аз ин лиҳоз, дар таҳияи стратегия, барнома ва консепсияҳои рушди минтақа ба инобат гирифтани таъсири ҳар як лоиҳаи банақшагирифта нисбат ба ҳолати муҳити зист зарур аст. Дар ин асос, ҳаргуна сенарияҳои рушди иқтисодиёти минтақаро таҳия намудан зарур аст, зеро фаъолияти онҳо сатҳи гуногуни оқибатҳои экологӣ доштанаш мумкин аст ва зимни таҳқиқ аҳамияти иқтисодӣ ва вазъи экологиро ба эътибор гирифта, қарорҳои дахлдор қабул кардан ҷоиз мебошад.

Аз оғози ислоҳоти иқтисодии бозорӣ ба ҳамагон маълум аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, дар минтақаҳои он стратегияи нави идоракунии иқтисодиёти минтақаҳо ба миён омад, ки ин низом маҳсули таҷрибаи кишварҳои мутараққии ҷаҳон мебошад. Вале, дар низоми идоракунии иқтисодиёти минтақаҳо усулҳои идоракуние, ки ба иқтисодиёти фармонфармоӣ хос аст, бештар боқӣ мондааст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар истифодаи усулҳои идоракунии маъмурӣ муносибат бо кормандон ва дигар субъектҳои иқтисодӣ аз иқтисодиёти фармонфармоӣ ҳамчун мерос боқӣ мондааст. Вале он, дар чаҳорчӯбаи

муайян ба шароити муосири иқтисодиёти бозорӣ мувофиқ гардонида шудааст. Аз ин лиҳоз, бахри идоракунии самараноки рушди экологӣ-иқтисодии минтақа дар ҳар як зинаи идоракунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо зарур аст, ки таъсири оқибатҳои қарорҳои қабулшаванда ба эътибор гирифта шаванд.

Дар ин самт, лозим меояд, дар ҳар минтақа қонунҳои дахлдор, санадҳои меъёрии пешгирии ифлосшавии муҳити зист ва таъсири он ба аҳолӣ, инчунин ҳифзи захираҳои табиӣ барои наслҳои минбаъда низ аз нав мавриди баррасӣ ва коркард қарор дода шавад. Дар минтақаҳо олатҳои гуногуни сиёсати давлатии таъмини муҳити мусоиди зист ва сабук гардонидани оқибатҳои экологӣ, амалинамоии лоиҳаҳои истеҳсолӣ, паст намудани таъсири бохти экологӣ ба ҳаёт ва саломатии инсонро ба роҳ мондан талаби замон мебошад.

Дар амалишавии сиёсати экологӣ дар ҳар минтақа нисбат ба иҷрои масъалаҳои назариявӣ ба анҷом расонидани корҳои амалӣ тақозо карда мешавад. Бо ибораи дигар, дар ин ҷода назар ба амалинамоии стратегия истифодаи муносибати тактикӣ беҳтар ҳисобида мешавад. Зеро татбиқи сиёсати экологӣ бевосита бо сифати ҳаёт ва саломатии инсон вобастагӣ дорад. Дар ҷумлаи олатҳои сиёсати давлатӣ дар беҳтар намудани сифати муҳити зист чунинҳоро номбар менамоем:

- бо қарори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо саривақт тоза ва бетаъсиргардонии партов;

- ташкили куттиҳои ба партов мувофиқ ва ҷавобгӯи талаботи санитарӣ;

- таъмин ва ташкили гуруҳбандии партов ва ҷамъоварии онҳо;

- маблағгузорӣ ва ҳавасмандкунӣ барои сохтмони иншоотҳои тозакунии партов ва корхонаҳои коркарди он дар шаҳру ноҳияҳо;

- ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва ҳам ватанӣ барои ташкили корхонаҳои коркарди партов ва мусоидати ҳамаҷониба ҷиҳати рушди он;

- коркарди фишангҳо ё ин ки механизмҳои ҳавасмандкунӣ барои паст кардани сатҳи таъсири воситаҳои нақлиёт дар шаҳру ноҳияҳо (инчунин ба саломатии инсон, тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, иқдомҳои гузариш ба велосипедронӣ ва пиёдагардӣ);

- таҳияи барномаҳои комплексӣ нисбати безараркунии партов дар нуқтаҳои аҳолинишине, ки сатҳи баланди ифлосшавии муҳити зист доранд;

- ташкил намудани низоми мониторинги муҳити зист ва ҳолати атмосфера, мавҷудияти моддаҳои зараровар дар ҳар маҳал ва минтақаи истеҳсолӣ.

Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт тағйироти технологӣ ва ғаҷишҳои сохторӣ бо тарзи объективӣ ба ҳолати экологии минтақа таъсир мерасонад. Бо ибораи дигар, рушди иқтисодиёт бидуни хоҳишҳои ҷомеа бо роҳи амалӣ намудани лоиҳаҳои зиёд, ташкили истеҳсолоти нав, зиёдшавии аҳолӣ объективона сарбориро ба муҳити зист афзоиш медиҳад. Ҳамзамон, ҳолати мазкур талаб менамояд, ки дар ҷараёни ташаккули истеҳсолот ё ин ки такмили истеҳсолотҳои мавҷуда ба масъалаҳои таҷдиди технологӣ, истифодаи технологияи сарфаи захираҳо, технологияи бепартов, лоиҳаҳои инноватсионӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шавад, зеро ин раванд ба муҳити зист таъсири мусбӣ расонида, имконияти коҳиш додани вазнинии сарбориро ба экология фароҳам меоварад.

Дар ин самт, барои арзёбӣ намудани таъсири рушди иқтисодиёт ба ҳолати экологӣ бо тарзи миқдорӣ аз функсияҳои регрессионии дуомила мехостем истифода барем. Дар ин ҷо барои муайян намудани омилҳои натиҷавӣ ва таъсиррасонӣ душвориҳо ба назар мерасад. Зеро муаммоҳои асосие, ки бо рушди экологӣ-иқтисодӣ вобаста аст, хеле гуногун буда,

истифодаи методикаҳои гуногуни ҳисобро тақозо менамояд. Масалан, чун нишондиҳандаи натиҷавӣ метавонем, ихроҷи моддаҳои зараровар ба атмосфера аз манбаъҳои доимӣ бо нишондиҳандаи натуралӣ (кг, тонна), партови гази карбон ба атмосфера, моддаҳои майдаи зараровар дар атмосфера, партофтани обҳои ифлос ба объектҳои обӣ, харобшавии заминҳои кишоварзӣ, тағйирот дар майдони ҷангалзор, обшавии пиряххо ва ғайраҳоро номбар намоем.

Дар қатори нишондиҳандаҳои омилӣ бошад, сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа, сатҳи рушди корхонаҳои саноатӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ, афзоиши аҳолӣ ва ғайраҳоро зикр карда метавонем.

Таҳлили рушди иқтисодиёти вилояти Суғд дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳамаи омилҳои дар боло зикргардидаро барои арзёбии таъсири рушди иқтисодиёт ба муҳити зист истифода бурдан мумкин аст. Вале, дарёфти баъзе нишондиҳандаҳои омилӣ дар маҷмӯаи Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд кори душвор ва имконнопазир низ мебошад, зеро онҳо расман интишор намеёбанд.

Бо баробари ин, якчанд нишондиҳандаҳоро дарёфт намудан мумкин аст ва онро дар кори диссертатсионӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва омилӣ қабул кардем, аз ҷумла: омили натиҷавӣ – ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера аз манбаъҳои доимӣ (бо ҳолати натуралӣ); ҳамчун қимати омилӣ - сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа. Зеро солҳои охир, фаъолнокии иқтисодӣ, амалишавии раванди сармоягузорӣ ва зиёдшавии корхонаҳо ба ҳолати маҷмуи маҳсулоти минтақа таъсири бевосита расонида истодаанд. Дар ҳақиқат, ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера бошад, аз тағйироти маҷмуи маҳсулоти минтақа вобаста буда, байни онҳо муносибати роста вуҷуд дорад. Барои муайян намудани таъсири онҳо муодилаи регриссионии ростаи дуомиларо истифода мебарем, яъне шакли математикии он чунин мебошад:

$$Y=a+bx \qquad (3.5)$$

Нахуст, пеш аз инъикоси қимати нишондодҳои таҳқиқотӣ ва омилӣ гуфтан ҷоиз аст, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд дар солҳои истиқлолӣ таназзулёбии иқтисодиёт то солҳои 1997 давом ёфта, ба муҳити зист таъсири ночизи манфӣ расонидааст. Вале рушди иқтисодӣ, ки аз соли 1997 оғоз гардидааст, алалхусус, аз соли 2000 ба марҳилаи нави рушд гузаштааст, дар кулли минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Суғд қадам ба қадам таъсири манфии рушд ба ҳолати экологӣ афзоиш меёбад. Масалан, алҳол дар қаламрави вилояти Суғд сарборӣ ба ҳолати экологӣ корхонаҳои зерини соҳаҳои саноат таъсир мерасонад. Ба монанди ҶДММ КМ «Хуаксин Ғаюр Суғдсемент» аз соли 2016, иқтидори солонааш 1 млн. 200 ҳазор тонна семент; ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой» аз соли 2007, иқтидораш 3,0 млн. тонна маъдан; ҶСК «Комбинати маъдантозакунии Адрасмон» аз соли 1970, иқтидораш 500 ҳазор тонна консентрати сурб; ҶДММ КМ «Зарафшон» аз соли 1992, иқтидораш 5,5 млн. тонна хокаи тилло, нуқра ва мис; ҶММ ТК «Апрелевка» аз соли 1995, иқтидораш 180 тонна хокаи маъдан ва металлҳои қиматбаҳо; ҶСК «Кони намак» аз соли 1926, иқтидораш 8 млн. тонна намаки ошӣ; ҶДММ «Сахо ва К» аз соли 2009, истеҳсоли спирти этилӣ ва зарфҳои шишагӣ; ҶДММ КМ «Силкоат Бойя» аз соли 2011, истеҳсоли хока ва рангҳои молиданӣ; ҶДММ «Стар пласт» аз соли 2010, истеҳсоли зарфҳо ва қубурҳои пластикӣ ва полиэтиленӣ; ҶСП «Норд-Азия металл» аз соли 2016, иқтидораш 60 ҳазор тонна қубурҳо ва профилҳои металӣ; ҶДММ «Суғд-саноат-парранда» аз соли 2019, иқтидораш 1200 тонна гӯшти парранда; ҶДММ «Паррандапарвар-2017» аз соли 2017, иқтидораш 126 млн. дона тухми мурғ; ҶДММ «Файзи саҳар», иқтидораш 600 млн. дона тухми мурғ ва ғайраҳо.

Фаъолияти корхонаҳои истеҳсолии мазкур бо технологияи пешсаф ба роҳ монда шуда бошад ҳам, лекин солҳои охир ба шароитҳои экологӣ-иқтисодӣ ва муҳити зисти аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, ба тағйирёбии иқлим ва ба вуҷуд омадани ҳаргуна бемориҳои сироятӣ сабаб шуда истодааст. Хусусан, корхонаҳои истеҳсоли семент, тавлид ва коркарди металл ба атмосфера аэрозолҳо, дудҳо ва газҳои намуди CO, $SO_2$, NO, $NO_2$-ро хеле зиёд паҳн менамоянд. Партовобаҳо, ки аз онҳо боқӣ мемонад дарёҳо ва обанборҳои дар наздик ҷойгиршударо ифлос мекунанд. Аз корхонаҳои истеҳсоли спирт ва маҳсулоти спитрӣ маҷмуи партови моеъ (бо бӯи ногувор) боқӣ мемонад, ки ҳавои муҳити зистро ғализ мегардонад ва ба нафаскашии озодонаи олами зинда монеъ мешавад.

Истеҳсоли зарфҳо ва қубурҳои пластикӣ низ ба муҳити зист давоми садсолаҳо бетаъсир намемонад. Аз истеҳсоли маводи пластикӣ сар карда, то партови он ба муҳити зист зарари ҷиддӣ мерасонад. Истеҳсолоти мазкур ҳаҷми зиёди газҳои карбондорро ба атмосфера паҳн мекунанд. Баъзе намуди олами ҳайвонот дар натиҷаи истеъмоли маводи пластикӣ ва заҳролудшавӣ зери хатари нобудшавӣ қарор доранд.

Фаъолияти фермаҳои чорводорӣ ва паррандапарварӣ (хусусан мурғпарварӣ) метавонад ба муҳити зисти нуқтаҳои аҳолинишин таъсири манфӣ бо оқибатҳои ногувор, аз ҷумла барои аҳолии минтақа марги флораю фауна оварда расонад. Имрӯз баъзе фермаҳо ба вазъияти душвори экологӣ, ифлосшавии муҳити зисти минтақавӣ дучор гардидаанд. Масъалаҳои экологӣ дар соҳа ба зиёдшавии моддаҳои ифлоскунанда оварда мерасонад, аз ҷумла партови ғизоӣ, партови боқимондаи ҳайвонот, оби партов, партови ҳаво (бӯи ғализ) ва ғайра. Ҳамин тавр, қайд кардан зарур аст, ки фаъолияти ғайримақсадноки чунин корхонаҳои истеҳсолӣ ба омилҳои рушди экологӣ-иқтисодии минтақа монеа эҷод карданашон мумкин аст.

Барои муайян намудани қимати миқдории нишондодҳо ва вобастагии партови зараровар аз сатҳи рушди иқтисодиёти минтақа баъзе далелу рақамҳоро дар ҷадвали 3.4 овардем, ки ҳамчун давраи мавриди таҳқиқ солҳои 2000-2020 интихоб шудааст. Зеро дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар иқтисодиёти кишвар ва ҳамзамон дар кулли минтақаҳо давраи созандагӣ ва афзоиши фаъолнокии иқтисодӣ мушоҳида карда мешавад. Сарчашмаҳои далелу рақамҳои оморӣ, маҷмӯаи омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, аз ҷумла, интишороти илмии олимони ватанӣ ва дигар маводе, ки дар васоити ахбори омма нашр гардидааст, ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 3.4. - Нишондоди оморӣ оид ба омили таҳқиқотӣ ва таъсиррасонӣ**

| Солҳо | Партови зараровар, бо ҳазор тонна (Y) | Сатҳи рушди маҷмӯи маҳсулоти минтақа, бо % ($x_1$) |
|---|---|---|
| 2000 | 4,9 | 111,5 |
| 2001 | 3,8 | 109,3 |
| 2002 | 3,6 | 114,7 |
| 2003 | 3,2 | 113,2 |
| 2004 | 4,0 | 119,7 |
| 2005 | 3,9 | 100,0 |
| 2006 | 3,4 | 118,3 |
| 2007 | 3,5 | 105,4 |
| 2008 | 3,1 | 118,8 |
| 2009 | 3,2 | 117,6 |
| 2010 | 4,5 | 107,1 |
| 2011 | 5,9 | 108,1 |
| 2012 | 7,3 | 108,1 |
| 2013 | 8,5 | 107,9 |
| 2014 | 10,7 | 106,6 |
| 2015 | 8,8 | 106,0 |
| 2016 | 10,4 | 106,9 |
| 2017 | 10,9 | 107,1 |
| 2018 | 11,7 | 106,9 |
| 2019 | 11,6 | 107,3 |
| 2020 | 15,1 | 105,0 |
| **Ҳисоби миёна** | **6,76** | **109,8** |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 225-226; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С. 114-117.*

Дар асоси таҳлилҳо бо истифодаи барномаҳои махсуси компютерӣ сатҳи таъсири нишондиҳандаи омилӣ ба натиҷаи таҳқиқотӣ муайян карда шуд. Чӣ тавре ки қайд карда гузаштем, нишондиҳандаи омилӣ ин сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа мебошад. Дар ҷадвали 3.5 сатҳи чандирнокии натиҷаи таҳқиқотӣ аз тағйирёбии нишондиҳандаи омилӣ ба як воҳид зикр шудааст.

**Ҷадвали 3.5. - Сатҳи чандирнокии натиҷаи таҳқиқотӣ (аз тағйирёбии нишондиҳандаи омилӣ)**

| Нишондоди омилӣ | Сатҳи тағйирёбии натиҷаи таҳқиқотӣ |
|---|---|
| Сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа | 0,372 |

Ҳисоби муаллиф бо ёрии барномаи махсуси компютерӣ.

Чӣ тавре ки аз қимати нишондиҳанда маълум мегардад, дар шароити муосир натиҷаи таҳқиқотӣ (партови заpаровар ба муҳити зист) аз тағйирёбии нишондиҳандаи омилӣ вобаста бошад ҳам, вале қиматаш на он қадар бузург аст. Дар асоси ахбороти мазкур муодилаи регрессиониро дар тарзи стандартӣ чунин ҳал кардан мумкин аст:

$$Y=47,606+0,372x_1 \qquad (3.6)$$

Дар ин ҷо, коэффитсиенти нишондоди омилӣ сатҳи таъсири онро ба нишондоди таҳқиқотӣ бо тарзи миқдорӣ ифода мекунад. Адади озод бошад, таъсири он омилҳое, ки дар муодилаи регрессионии мазкур ба инобат гирифта нашудааст, инъикос менамояд, зеро дар ин ҷо мо танҳо як омилро баррасӣ намудем, дигар омилҳо ҳамчун бо усули шарти баробаркарда шуда ҳисоб шудааст.

Байни натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва нишондоди омилӣ, ки ба амсилаи регрессионӣ ҳамроҳ карда шуда, робита дар сатҳи миёна арзёбӣ карда мешавад, ки ин аз қимати коэффитсиенти коррелятсионӣ (R) бармеояд, яъне он баробари 0,5311 мебошад. Аз рӯи ҳисоби нишондиҳандаҳои таҳқиқотӣ (партови заpаровар ба муҳити зист) бо ҳисоби миёна аз

нишондоди омилӣ 28,2% вобаста аст, ки бо қимати коэффитсиенти детерминатсия баробар аст:

(D=0,2820)

Дар асоси ба муодила гузоштани сатҳи тағйирёбии нишондиҳандаҳои омилӣ метавон барои солҳои минбаъда низ қимати натиҷаҳои таҳқиқотро пешгӯи намоем. Қимати нишондодҳои омилиро бо усули экстракоррелятсионӣ низ муайян кардан мумкин аст.

Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сабабҳои асоси ифлосшавии атмосфера воситаи нақлиёт ба ҳисоб меравад. Чӣ тавре ки маълум аст, солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи воситаҳои нақлиётии ҳам шахсӣ ва ҳам корпоративӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Масалан, дар ҷадвали 3.6 афзоиши воситаҳои нақлиёти шахсӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3.6. - Афзоиши воситаҳои нақлиёти шахсидошта дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд (ба ҳисоби ҳазор нафар аҳолӣ, адад)**

| Шаҳру ноҳия | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | |
| Воҳиди ченак | I | II | I | II | I | II | I | II | I | II |
| Айнӣ | 31 | 0,57 | 31 | 0,55 | 30 | 0,54 | 30 | 0,54 | 31 | 0,56 |
| Ашт | 86 | 1,59 | 84 | 1,50 | 76 | 1,37 | 75 | 1,37 | 61 | 1,11 |
| Б. Ғафуров | 60 | 1,11 | 73 | 1,31 | 75 | 1,35 | 79 | 1,44 | 81 | 1,48 |
| Бӯстон | 84 | 1,55 | 82 | 1,47 | 93 | 1,68 | 92 | 1,68 | 92 | 1,68 |
| Гулистон | 62 | 1,14 | 61 | 1,09 | 61 | 1,10 | 60 | 1,09 | 63 | 1,15 |
| Деваштич | 33 | 0,61 | 32 | 0,57 | 35 | 0,63 | 32 | 0,58 | 32 | 0,58 |
| Зафаробод | 49 | 0,90 | 48 | 0,86 | 47 | 0,85 | 46 | 0,84 | 46 | 0,84 |
| Истиқлол | 84 | 1,55 | 84 | 1,50 | 82 | 1,48 | 81 | 1,48 | 80 | 1,46 |
| Истаравшан | 56 | 1,03 | 55 | 0,98 | 57 | 1,03 | 59 | 1,08 | 59 | 1,07 |
| Исфара | 58 | 1,07 | 59 | 1,05 | 58 | 1,05 | 58 | 1,06 | 58 | 1,06 |
| Конибодом | 72 | 1,33 | 72 | 1,29 | 67 | 1,21 | 64 | 1,17 | 63 | 1,15 |
| К. Мастчоҳ | 21 | 0,38 | 21 | 0,37 | 20 | 0,36 | 20 | 0,36 | 20 | 0,36 |
| Мастчоҳ | 32 | 0,59 | 31 | 0,55 | 30 | 0,54 | 32 | 0,58 | 32 | 0,58 |
| Панҷакент | 30 | 0,55 | 29 | 0,52 | 29 | 0,52 | 28 | 0,51 | 28 | 0,51 |
| Спитамен | 39 | 0,72 | 45 | 0,80 | 44 | 0,79 | 34 | 0,62 | 35 | 0,63 |
| Хуҷанд | 88 | 1,62 | 95 | 1,70 | 97 | 1,75 | 97 | 1,77 | 105 | 1,91 |
| Ҷ. Расулов | 49 | 0,90 | 65 | 1,16 | 57 | 1,03 | 59 | 1,08 | 60 | 1,09 |
| Шаҳристон | 38 | 0,70 | 37 | 0,66 | 37 | 0,67 | 37 | 0,67 | 39 | 0,71 |
| Ҳисоби миёна | 54,0 | 1,0 | 55,7 | 1,0 | 55,2 | 1,0 | 54,6 | 1,0 | 54,7 | 1,0 |

***Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳо:*** *Омори солонаи вилояти Суғд / Маҷмуаи оморӣ. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. – С. 228; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. – С. 490.*

***Эзоҳ:*** *I – адад; II - Индекси муқоисавӣ (нисбат ба ҳисоби миёнаи соли алоҳида).*

Чуноне ки аз таҳлили ҷадвал бармеояд, дар минтақаҳои вилояти Суғд соли 2020 нисбати соли 2016 воситаҳои нақлиёти шахсӣ ҳамагӣ 1,2% зиёд гашта бошад ҳам, лекин байни солҳои 2016-2020 аз ҳама зиёд дар соли 2017 ба ҳар ҳазор нафар аҳолӣ 55,7 адад рост омад. Давоми солҳои мавриди таҳқиқ дар ноҳияҳои Ашт, Конибодом, Зафаробод, шаҳрҳои Истиқлол, Панҷакент, ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ баръакс камшавии шумораи воситаҳои нақлиёт ба мушоҳида мерасад. Яке аз сабабҳои он гарон будани нархи сӯзишворӣ ва таъмини ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт ба ҳисоб меравад.

Ҳолати тағйирёбии ночизи воситаҳои нақлиёт дар панҷ соли охир асосан дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Гулистон, Мастчоҳ, Спитамен, Деваштич ва Шаҳристон хос мебошад, зеро дар минтақаҳо суръати афзоиши аҳолӣ бо вазъи таъминоти нақлиёти шахсӣ баробар мебошад.

Баъзе минтақаҳо бошад, баръакси ин ҳолат, бо баланд будани суръати рушди воситаҳои нақлиёт аз ҳамдигар тафовут доранд. Масалан, дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, шаҳрҳои Бӯстон, Истаравшан тамоюли мунтазам афзудани воситаҳои нақлиёти шахсӣ ба назар мерасад. Аз ҳама зиёд гаштани воситаҳои нақлиёт ба шаҳри саноатии Хуҷанд рост меояд, ки дар ин ҷо соли 2020 назар ба соли 2016 қариб 20% шумораи воситаҳои нақлиёт афзудааст. Инчунин дар шаҳри Хуҷанд таи 5 соли охир афзоиш ёфтани ҳамаи намуди воситаҳои нақлиёт ба мушоҳида мерасад. Ин вазъият барои паҳн кардани моддаҳои зараровар ба атмосфера сабаб мешавад. Чунки нақлиёти автомобилӣ аз рӯи ҳисса нисбати дигар манбаъҳои ихроҷ дар ифлосшавии атмосфера ҷои аввалро ишғол мекунад. Мунтазам хориҷ шудани гази сӯхташудаи автомобил ба зиёд шудани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ оварда мерасонад.

Умуман, имрӯз истифодаи тамоми намудҳои нақлиёти дорои муҳаррикҳои дарунсӯз ба муҳити зист зарарӣ ҷиддӣ расонида истодааст.

Минбаъд барои бартараф намудани ин оқибатҳо бояд истифодаи мошинаҳои каммасраф ва аз ҷиҳати экологӣ бехатарро ба монанди автомобили барқӣ ба роҳ монем, зеро ин тадбирҳо ҳаддалимкон таъсири гармшавии глобалии тағйирёбии иқлимро пешгирӣ менамояд.

Вале нисбати таъсири воситаҳои нақлиёт сабаби дувуми вазнинии сарборӣ ба экология асосан корхонаҳои калони саноатӣ, нерӯгоҳҳои барқии аловӣ ё ин ки таҷҳизоти энергетикие, ки дар минтақаҳои муайян ҷойгир шудааст ба атмосфера таъсири зиёди манфӣ дорад. Асосан дар шаҳру ноҳияҳое, ки корхонаҳои саноатӣ ҷойгир шудаанд ё ин ки аҳолии зиёд доранд, андешидани масъалаҳои паст намудани таъсири омилҳои манфӣ ба ҳолати экологӣ хеле зарур аст. Яке аз самтҳои раҳоӣ ёфтан аз ин ҳолат ба амалинамоии технологияҳои навтарин, чӣ тавре мегӯянд, SMART-технология, ки таъсири минимуми экологӣ дорад, ба ҳисоб меравад.

Умуман, чораҳои таъсиррасонӣ ба истифодаи захираҳои табиӣ роҳҳои гуногун дорад. Дар поён таснифи усулҳои идоракунии рушди экологӣ-иқтисодӣ пешниҳод мешавад (Расми 3.1).

Дар зери мафҳуми усулҳои идоракунии истифодаи табиат роҳу воситаҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ бо мақсади таъмини босифати идоракунии оқилонаи табиат ва ҳифзи муҳити зист фаҳмида мешавад. Доир ба ин масъала, асосан таснифи усулҳои маъмули идоракунии рушди экологӣ-иқтисодӣ, ба монанди танзими меъёрии ҳуқуқӣ, танзими маъмурии идоракунии экологӣ ва танзими иқтисодии идоракунии экологӣ мавриди таҳқиқот қарор дода мешавад. Моҳияти мафҳуми танзими меъёрии ҳуқуқӣ (усули якум) - маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки фаъолияти ҷамъиятро муносибатҳои мутақобилаи ҷомеа ва табиат назорат менамояд.




**Расми 3.1. - Таснифи усулҳои идоракунии рушди экологӣ-иқтисодӣ**

Дар ҷумҳурӣ барои ташкили фаъолияти пурсамар ҷиҳати таъмини вазъи солими муҳити зист, яъне идоракунии устувор, таъмини амнияти экологӣ, татбиқи муқаррароти конвенсия ва созишномаҳои байналмилалии экологӣ, барнома, консепсия, стратегия, дурнамои давлатии рушди экологӣ, ки истифодаи устувору оқилона ва

барқарорсозии захираҳои табиӣ, солимгардонии муҳити зистро барои ояндаи дарозмуҳлат пешбинӣ мекунад, таҳия гардидааст.

Ба ғайр аз истифодаи усули мазкур роҳандозӣ шудани якчанд санадҳо, ба монанди таҳияи қонунгузорӣ дар соҳаи экология, коркарди милок, меъёр ва стандартҳо тибқи қонун, таҳкурсии қонунии маҳдудиятҳо ва иҷозатномадиҳӣ ва дигар аснодро ба миён мегузорад. Аз ҷумла додани иҷозатнома барои ҳуқуқи ҷамъоварӣ кардан, аз сарҳад гузаронидан ва гӯронидани партови истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, ихроҷ ва ҷойгиронии моддаҳои ифлоскунандаи атмосфера, истифодаи мақсадноки захираҳои табиӣ пешбинӣ карда мешавад.

Усули дигаре, ки мо истифода намудем, танзими маъмурии идоракунии экологӣ мебошад. Вай раванди муқаррар кардани лимити партовро барои ҳар як манбаъи ифлоскунанда ба назар гирифта, аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти маҳаллӣ назорат ва танзим карда мешавад. Амалишавии ин низом аз шароитҳои мониторинги экологӣ вобастагӣ дорад. Мониторинги экологии давлатӣ ва баҳисобгирии ҳолати муҳити зист бо мақсади мушоҳидаи вазъияти экологӣ, аз ҷумла ҳолати муҳити зисти минтақаҳои ҷойгиршавии манбаъҳои таъсири антропогенӣ ва таъсири ин манбаъҳо ба муҳити зисти обод, инчунин ҷиҳати таъмини талаботи давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо маълумоти дақиқ ва саривақтӣ оид ба нақша гирифтани чорабиниҳои пешгирӣ, рафъ ва ё сабук кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим анҷом дода мешавад.

Роҳандозӣ намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бе дастгирӣ ва кӯмаки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ғайриимкон аст. Дастгирии давлатӣ барои иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ, таҳқиқот ва кашфиётҳои илмӣ дар самти экологӣ (таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи муҳофизат ва барқароркунии табиат, солимгардонии муҳити зист, омӯзиши минтақаҳои хусусияти антропогенидошта ва ғайра) барои

таъмини рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии ба низом даровардашуда, ба фаъолияти устувори системаҳои экологии табиӣ нигаронида мешавад.

Барои санҷиши меъёрҳои сифати муҳити зист экспертиза ва санҷиши экологӣ мавқеи хоса дорад. Экспертизаи экологӣ ва аудит бо мақсади санҷиши асоснок ва мутобиқати фаъолияти хоҷагидорӣ ба талаботи меъёрҳои сифати муҳити зисти табиӣ, қонунгузориҳои ҳифзи муҳити зист ва амнияти экологии ҷомеа гузаронида мешавад.

Имрӯзҳо дар кишварамон корхонаву муассисаҳо нобовоста аз шакли фаъолияташон чорабиниҳоро дар заминаи меъёрҳои муқарраршудаи сифати муҳити зист (иншооти партовтозакунӣ, таҷҳизот ва воситаҳои назорат, бетаъсиргардонии партов, гузаштан ба технологияи аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва ғайра) баргузор менамоянд. Инчунин оид ба ҳифз ва барқароркунии маҳсулнокии системаҳои экологии табиӣ, ҳифзи замин, хок, об, атмосфера, олами набототу ҳайвонот ва барқарорсозии захираҳои табиӣ тадбирҳои судманд андешида мешаванд.

Саҳми ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи экологии кишвар назаррас арзёбӣ мегардад. Чунки ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, бехатарии экологӣ, омӯзиш, ҷамъбаст ва интишори таҷрибаи байналмилалӣ, таъмини иҷрои уҳдадориҳои кишвар тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист эътироф намудааст, анҷом дода мешавад.

Механизми дигаре, ки мо онро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем, ин танзими иқтисодии идоракунии экологӣ (усули сеюм) ба ҳисоб меравад. Танзими мазкур рушди ҳавасмандгардонии моддиву маънавии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, шаҳрак ва деҳот, корхонаҳои истеҳсолӣ оид ба таҳия, банақшагирӣ ва амалӣ сохтани чорабиниҳои амнияти экологӣ, арзёбии иқтисодии иншоотҳои

табиӣ ва табиӣ-антропогенӣ, инчунин истифодаи оқилона, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии захираҳои табиӣ ба низом медарорад.

Роҳандозӣ шудани механизми мазкур аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

- таҳияи барнома, консепсия, стратегияи давлатии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар асоси дурнамои экологӣ;

- муқарраркунии пардохти маблағ, гузориши пардохти иҷоравӣ, ҷаримаҳо ё дигар пардохтҳои экологӣ, баргузории чорабиниҳои экологӣ бо мақсади пешгирӣ ва рафъи зарар, ҷуброн намудани зарарҳое, ки барои таъсири манфӣ ба муҳити зист расонида шудааст;

- муқарраркунии лимитҳо, квотаҳо ва тартиби ситонидани пардохти маблағ барои истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла партов ба атмосфера, ҷойгиронии партов ва дигар намудҳои таъсири манфӣ ба муҳит зист.

Иҷозатдиҳӣ ба фаъолияти хоҷагидории аз ҷиҳати экологӣ мусоид дар кишвар густариш меёбад. Раванди литсензиякунонӣ дар соҳаи экология бо мақсади таъмини фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. Барои ба ин ҳадаф ноил гаштан муқаррар намудани пардохт ва андозҳои экологӣ аз аҳамият холӣ намебошад. Пардохти экологӣ барои истифодаи захираҳои табиӣ (замин, об, сарватҳои зеризаминӣ, ҷангал, олами набототу ҳайвонот, захираҳои рекреатсионӣ ва дигар захираҳо) барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ дар доираи лимиту квотаҳои муқарраршуда ва ҳангоми истифодаи аз меъёр зиёди захираҳои табиӣ ситонида мешавад.

Бидуни дастгирии давлатӣ амалӣ намудани механизми идоракунии ҳифзи муҳити зист дар ҳамҷоягӣ бо иқтисодиёт ғайриимкон мебошад. Зеро дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, инноватсионӣ, аз ҷумла суғуртаи ҳатмии экологӣ, андозҳои экологӣ, ки дар маҷмуъ ба ҷорӣ

кардани технология ва истеҳсолоти пешқадами бепартов, истифода ва коркарди партов ва ғайра замина мегузорад, ба рушди экологӣ-иқтисодии минтақа таъсири мусбӣ мерасонад.

Аз ин лиҳоз, дар коркард ва амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ, ҳамзамон зарур аст, ки чораҳои беҳтар намудани ҳолати муҳити зист коркард ва татбиқ карда шавад. Дар фаъолияти минбаъда ҳар як ғаҷишҳои сохторӣ ва таҷдиди истеҳсолот бояд коҳиш додани сарборӣ ба муҳити экологӣ пешбинӣ кунад. Дар амалишавии сиёсати инвеститсионии минтақа, соҳаҳои саноате, ки партовро коркард менамоянд ба технологияҳои нави пешқадам такя мекунанд.

## ХУЛОСА

Омӯзиши ҷанбаҳои идоракунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа, хоссатан вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо имконият дод, ки муқаррароти ҷамъбастии зеринро таҳия намоем:

**1.** Рушди бемайлони тамаддуни инсоният объективона нишон медиҳад, ки алоқаи мутақобилаи табиат ва инсон алҳол дар сатҳи баланд қарор дорад ва минбаъд боз ҳам шадидтар мегардад. Бинобар ин, дар шароити муосир рушди ҷамъият бояд дар асоси танзими оқилонаи муносибатҳои байни инсон ва табиат ба роҳ монда шавад. Зеро масоили экологӣ дар ҳар минтақа пайдо шуда, ба ҷамъият ва ҳаёти инсон зери таҳдид мегузаронанд. Бинобар ин, на танҳо ислоҳ кардани ҳодисаҳои манфие, ки дар раванди рушди муносибатҳои ҷамъият ва табиат ба миён меоянд, балки минбаъд гирифтани пеши роҳи онҳо ба мақсад мувофиқ аст [8-М];

**2.** Моҳиятан идоракунии экологӣ-иқтисодии минтақа мафҳуми маҷмуӣ ва низомманд буда, дар худ мафҳуми алоқамандии «экология ва иқтисодиёт»-ро дар бар мегирад ва иртиботи ҷудонопазири онҳоро инъикос менамояд. Аз ҳамин нуқтаи назар, мафҳуми мазкур хусусияти мураккаб дорад. Дар ҷамъияти имрӯза, зарурати ташаккул додани идоракунии оптималии низоми экологӣ-иқтисодӣ дар ҳар як минтақа ҳодисаи объективӣ буда, дар ҳамин радиф предмети омӯзиши илмҳои гуногун, яъне ҳам илмҳои ҷамъиятшиносию гуманитарӣ ва ҳам дақиқу табиатшиносӣ қарор мегирад. Категорияҳои иқтисодиёт ва экология дар бисёр мавридҳо ҳамдигарро бурида мегузаранд ва хусусиятҳои хоси идоракунии экологӣ-иқтисодии минтақаҳо зоҳир мегардад, ки дар он низоми муносибатҳои «Инсон – ҷамъият – табиат» ифода меёбад [4-М];

**3.** Дар солҳои охир, дар сарчашмаҳои илмӣ мафҳуми рушди экологӣ-иқтисодӣ бештар паҳн шуда истода, дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун низоми табиӣ-иқтисодӣ ё ин ки низоми биоиқтисодӣ низ номида мешавад. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки низоми экологӣ-

иқтисодӣ аз рӯи нуқтаи назари қаламравӣ, яъне макони ҷойгиршавӣ ва шакли фаъолнокии иқтисодӣ дар сатҳҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтанаш дар адабиёти илмии иқтисодӣ таъкид шудааст: а) дар сатҳи глобалӣ; б) дар сатҳи минтақавӣ [5-М];

**4.** Дар иқтисодиёти бозор эҳтиёҷ ба мудохилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ҳамчун ниҳодҳои танзимкунандаи муносибатҳо дар низоми «Инсон-ҷамъият-табиат» хеле баланд аст, зеро бахши хусусӣ бо мақсади ҳар чӣ бештар афзоиш додани фоида ба масъалаи ҳифзи захираҳои табиӣ аҳамият намедиҳад. Бинобар ин, масъулияти танзими ҳифзи захираҳои табиӣ ба дӯши мақомоти мазкур аст. Ғайр аз ин, мақомоти минтақавии идоракунии давлатӣ дар маҳалҳо субъектҳои асосие мебошанд, ки ҳадафҳои стратегии давлатро дар амал татбиқ менамоянд [4-М];

**5.** Барои муайян намудани ҳолати экологӣ-иқтисодӣ индикаторҳои маҷмуӣ истифода мегарданд. Аз ҷумла: сатҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, ҳолати иқтидори захиравии табиӣ, вазъи саломатии аҳолӣ, таҳлили нишондиҳандаи демографии аҳолӣ, партови моддаҳои зараровар ба муҳити зист, ҳаҷми он ва сатҳи зараровари, таҳлили хусусиятҳои техникӣ-технологии истеҳсолот, арзиши пулии зарарҳое, ки ба муҳити табиии зист мебошанд. Арзёбӣ намудани ҳолати экологии минтақа барои муайян намудани контурҳои минбаъдаи рушд хеле зарур аст. Зеро, бе гузаронидани арзёбӣ танзими истифодаи захираҳои табиӣ, банақшагирӣ ва пешгӯйкунии рушди экологӣ-иқтисодии минтақа имконнопазир аст [4-М];

**6.** Дар илми иқтисодиёт барои муайян намудани ҳолати экологии ҳар як минтақа низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳоро истифода мебаранд. Низоми экологӣ-иқтисодӣ ҳамчун низоми мураккаб ҳисобида шуда, барои арзёбӣ талаб карда мешавад, ки равиши маҷмуӣ (комплексӣ) ва низомманд (системавӣ) бояд истифода гардад. Аз ин

лиҳоз, дар баҳогузорӣ равишҳои гуногуни методӣ истифода бурда мешаванд. Яке аз равияи методӣ ин ҳисоби индекси маҷмуавии ифлосшавии атмосфера, барои объектҳои обӣ - индекси ифлосшавии об, нисбати замин - индекси ифлосшавии кимиёвии хок мебошад. Равиши методии дигар барои арзёбии экологӣ-иқтисодии рушди минтақаҳо аз ҷониби Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд пешниҳод гардидааст, ки он равиши индикативии индексӣ номгузорӣ шудааст. Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид баҳри арзёбии рушди экологӣ-иқтисодӣ чунин нишондиҳандаҳо пешниҳод гардидааст: индекси рушди иқтидори инсонӣ; индекси пасандозҳои ҷамъшуда боислоҳот; индекси бахту саодат; пайравии экологӣ; индекси «Сайёраи зинда» [3-М];

**7.** Дар илм ва амалияи иқтисодиёт нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои зиёд оид ба ҳолати низоми экологӣ-иқтисодии минтақа мавҷуд аст. Арзёбии сатҳи рушди экологӣ-иқтисодии минтақа барои кулли субъектҳои иқтисодӣ зарур мебошад. Барои сармоягузорон, соҳибкорон ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, ки фаъолият доранд зарур аст, то кадом андоза кори онҳо сарбории экологиро дар минтақа тағйир медиҳад, барои наслҳои оянда аҳамият дорад. Барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ дар муайян намудани роҳҳои самараноку рушди минтақа, таҳияи «иқтисодиёти сабз», коҳиш додани таъсири партови зараровари раванди истеҳсолот ба муҳити зист зарур аст [5-М];

**8.** Дар шароити муосир истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист муаммои мубрами глобалии ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ ба ҳисоб меравад. Дар миқёси ҷомеаи ҷаҳонӣ ин масъала рӯз аз рӯз тавсеа меёбад ва аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон барои ҳалли масъалаи мазкур чораҳои судманд андешида мешавад. Ба ин нигоҳ накарда, масоили экологӣ-иқтисодӣ бо сабабҳои объективӣ, яъне афзоиши аҳолӣ, баланд шудани сатҳи саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, рушди таъсири ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии иқлим ва ғайра кишварҳоро ба

такмилу таҳкими низоми идоракунии рушди экологӣ-иқтисодӣ водор месозад [2-М];

**9.** Аз ин лиҳоз, шавқи махсус оид ба омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ дар самти танзими маъмурии истифодаи захираҳои табиӣ ва муҳити зист ба миён меояд. Зеро ҳадафи асосӣ қабули таҷрибаи беҳтарини низоми идоракунӣ ва ташкили кор оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист, ки дар кишварҳои дигари ҷаҳон коркард ва ғанӣ гардонида шудааст [6-М];

**10.** Азбаски кишварҳои мутараққӣ нисбат ба давлатҳои дигар барвақттар ба масъалаи тезу тундшавии масоили экологӣ рӯ ба рӯ гардида, ба андешидани чораҳои зарурӣ водор шудаанд, онҳо дар самти таъмини рушди экологӣ таҷрибаи бой андӯхтаанд. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳифзи муҳити зист дар ҳар се сохтори идоракунии давлатӣ, яъне федералӣ, иёлатӣ ва маҳаллӣ ташкил карда шудааст. Дар сиёсати экологӣ-иқтисодии давлат тамоюли нав пайдо шуд, ки моҳияти онро «ба ҷои пардохти зарар, ҳаракат ҷиҳати пешгирии он» номидан мумкин аст. Дар дигар давлатҳои мутараққӣ, аз қабили Канада, Ҷопон ва ғайра вазорату ташкилоти махсус, ба монанди вазорат ва агентии ҳифзи муҳити зист фаъолият мебарад [6-М];

**11.** Идоракунии экологӣ дар кишварҳои мутараққии Иттиҳоди Аврупо низ аҳамияти хосаи худро дорад. Масалан, вазифаи мазкур дар уҳдаи мақомоти мунитсипалитетҳо вогузор шудааст. Ғайр аз вазорати махсус дигар вазоратҳо, ба монанди кишоварзӣ, ҷангал, хоҷагии моҳӣ, саноат, иқтисодиёт низ дар самти ҳифзи муҳити зист фаъолият доранд [6-М];

**12.** Дар шароити муосир гузаронидани таҳлили ҳолати экологӣ-иқтисодии ҳар як минтақа хеле зарур аст, зеро вайроншавии ҳолати экологӣ, зиёдшавии муаммоҳои экологӣ, ба раванди иқтисодӣ таъсири бевоситаи манфӣ дорад. Онро чунин асоснок кардан мумкин аст: а) бартараф намудани вайроншавии муҳити табиӣ хароҷоти иловагиро

талаб менамояд; б) Хароҷоти ҷамъиятӣ зиёд мегардад; в) Талафот дар соҳаи иқтисодиёт ва ҷамъият меафзояд [9-М];

**13.** Ҳиссаи партови моддаҳои зарарнок ба атмосфера дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногун аст. Ҳиссаи аз ҳама баландтарин дар ихроҷи моддаҳои зараровар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад. Вале дар ҳамаи минтақаҳо зиёдшавии ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера мушоҳида карда мешавад. Масалан, дар соли 2020 нисбати соли 2010 вилояти Суғд – 3,36; вилояти Хатлон – 2,3; шаҳри Душанбе – 6,7 баробар зиёд партови зараровар хориҷ кардааст [3-М];

**14.** Ҳиссаи сохтори соҳаҳои саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: вилоятҳои Суғд, Хатлон, Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гуногун буда, дар байни соҳаҳои мазкур ҳиссаи саноати коркард афзалияти бештар дорад. Дар ин масъала ҳиссаи баландро байни минтақаҳои кишвар вилояти Суғд ташкил медиҳад. Дар соҳаи истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ ва об вилояти Хатлон, дар саноати истихроҷи маъдан минтақаи ВМКБ пешсаф аст. Бо вуҷуди он, ки вилояти Суғд аз моддаҳои кимиёвӣ ва ғайримаъданӣ бой мебошад, вилоят аз рӯи истеҳсоли маводи кимиёвӣ дар ҷойи охир қарор дорад. Дар байни соҳаҳои саноат бештар саноати маҳсулоти сохтмон (семент), баъд истеҳсоли маводи кимиёвӣ, маҳсулоти нафтӣ, маҳсулоти резинӣ, пластмассӣ, мошинасозӣ, металлургия ва истеҳсоли маҳсулоти фулузӣ ба атмосфера моддаҳои зараровар хориҷ менамоянд. Аз ҳамин лиҳоз, дар минтақаи Суғд ба атмосфера моддаҳои зараровар нисбатан кам хориҷ мегардад. [1-М];

**15.** Масъалаҳои стратегии таъмини рушди экологӣ-иқтисодӣ дар Маҷлиси вакилони халқи вилоят баррасӣ ва тасдиқ мегарданд. Барномаҳои махсус, консепсия ва стратегияҳо дар самти экологӣ-иқтисодӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд ба амал ҷорӣ мегардад. Дар сохтори МИҲД-ии вилояти Суғд

мақоми махсус Сарраёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд фаъолият дорад, ки он дар амалӣ гаштани чорабиниҳои экологӣ-иқтисодӣ бевосита уҳдадор мебошад [1-М];

**16.** Барои арзёбии муҳити мусоиди экологӣ ду гуруҳ нишондиҳандаҳо ҳисоб карда мешавад:

Ба гуруҳи якум, нишондиҳандаҳое номбар мешаванд, ки ҳолати муҳити зистро инъикос менамоянд: ихроҷи моддаҳои зарарнок аз сарчашмаҳои доимӣ ба ҳар сари аҳолӣ; безараркунии (соф намудан) моддаҳои зарарноки ба муҳити зист хориҷшуда; ҳаҷми партовобаҳо ба ҳар сари аҳолӣ; ҳаҷми обҳои тоза дар фаъолияти хоҷагидорӣ ба ҳар сари аҳолӣ; пайдошавии партови истеҳсолот ва истеъмолот. Ба гуруҳи дуюм, нишондиҳандаҳое, ки барои эҳёи муҳити мусоиди экологӣ хароҷоти иқтисодӣ талаб менамояд: маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ, ки ба ҳифзи муҳити зист равона шудааст, хароҷоти ҷорӣ ба ҳифзи муҳити зист ва ғайра [10-М];

**17.** Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят сол то сол ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера ба ҳар сари аҳолӣ афзуда истодааст. Аз рӯи ин нишондиҳанда дар панҷ соли охир шаҳри Гулистон ҷои якумро ишғол мекунад. Ин ҳолат пеш аз ҳама ба хусусияти хоси минтақа, яъне зиёд будани ихроҷи партов ва шумораи нисбатан ками аҳолӣ вобаста аст. Дар ноҳияҳои Конибодом, Ашт, Спитамен, Деваштич, Зафаробод суръати миёнаи афзоиш ба ҳар нафар рост омада, ҳаҷми ниҳоят ками партов ба назар мерасад. Нишондиҳандаи аз ҳисоби миёнаи вилоятӣ зиёди ихроҷи партов ба ҳар сари аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Гулистон, Панҷакент, Бӯстон ва Айнӣ ба мушоҳида мерасад, ки сабабаш ҳамоно рушди саноат ва афзоиши аҳолӣ мебошад [3-М];

**18.** Дар илми иқтисодиёт сатҳи таъсири иқтисодиёт ба ҳолати муҳити зист бо ду гуруҳ нишондиҳандаҳо арзёбӣ карда мешавад:

Якум, нишондиҳандаҳое, ки табиатғунҷоишро дар истеҳсолоти маҷмуи маҳсулоти минтақа инъикос менамоянд: ҳаҷми ихроҷи моддаҳои зараровар ба атмосфера аз сарчашмаҳои доимӣ ба маҷмуи маҳсулоти минтақа; ҳаҷми партови обҳои канализатсионӣ дар давоми сол ба як воҳиди маҷмуи маҳсулоти минтақа; партови истеҳсолот ва истеъмолот ба як воҳиди МММ. Дуюм, нишондиҳандаҳое, ки сатҳи экологикунонии равандҳои истеҳсолотро дар бар мегиранд: безарар (соф) намудани моддаҳои зарарноки ба муҳити зист хориҷшуда ба маҷмуи маҳсулоти минтақа; маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ, ки ба ҳифзи муҳити зист ба маҷмуи маҳсулоти минтақа; хароҷоти ҷорӣ ба ҳифзи муҳити зист нисбат ба МММ ва ғайра [7-М];

**19.** Табиатғунҷоиш дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле гуногунанд ва дар байни минтақаҳо ба ҳисоби миёна Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар сафи пеш, яъне аз рӯи ҳаҷми ихроҷи моддаҳои зараровар ба атмосфера аз сарчашмаҳои доимӣ бо ҳисоби 10 ҳазор сомонии маҷмуи маҳсулоти минтақа ҷои аввалро мегирад. Сипас шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд бошад дар ҷои сеюм қарор дорад. Боиси қайд аст, ки қимати коэффитсиенти табиатғунҷоиш дар байни минтақаҳо дар солҳои таҳқиқшаванда гуногун бошад ҳам, вале фарқи зиёд надорад ва тамоюли якранга дорад. Хулосаи мазкур ба иқтисодиёти муосир рост меояд, зеро корхонаи азими Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қаламрави Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойгир аст, яъне Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминии тоҷик» партови моддаҳои зарарнокро нисбати дигар минтақаҳо зиёд паҳн мекунад. Солҳои охир дар шаҳри Душанбе низ корхонаҳои зиёди саноатӣ таъсис дода шуда, ғайр аз ин зичии аҳолӣ афзоиш ёфта, воситаҳои нақлиёт тамоюли зиёдшавии васеъ дорад [10-М];

**20.** Дар байни минтақаҳо ҳаҷми безарар кардани моддаҳои зараровари партов аз манбаъҳои доимии ифлоскунандаи атмосфера ба даҳ ҳазор сомонии маҷмуи маҳсулоти минтақа (нишондиҳандаи

экологикунонӣ) шаҳри Душанбе пешқадам ба ҳисоб меравад. Дар вилояти Суғд ва дигар минтақаҳо ҳаҷми безарар кардани моддаҳои зараровар нисбатан кам аст. Бо назардошти он, ки дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар минтақаҳо сол то сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ зиёд мешавад, бояд ба безараркунии партов таваҷҷӯҳи махсус дода шавад [4-М];

**21.** Дар ҳақиқат, афзоиши шумораи аҳолӣ, ҷорӣ кардани техника ва технологияи нав, васеъ намудани истеҳсолот, сатҳи рушди иқтисодиёт дар умум ба ҳолати экологии иқтисодиёт таъсири бевосита доранд. Методи муайян намудани таъсири омилҳоро ба ҳолати экологӣ методи STIRPAT меноманд, ки аз рӯи шакл ба амсилаи Кобба Дуглас монанд аст. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда зичии пайвастагиро байни нишондиҳандаҳои зикргардида муайян намудем. Пайвастагии нишондиҳандаи таҳқиқотӣ ва маҷмуи тағйирёбандаи омилӣ, ки ба амсила ҳамроҳ карда шудааст, зичии сатҳи баланд дорад. Аз рӯи нишондоди мазкур гуфтан мумкин аст, ки вобастагии афзоиши ҳаҷми партов ба атмосфера аз омилҳое, ки ба инобат гирифта шудааст, ба ҳисоби миёна ба 95,07% баробар аст [3-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

**1.** Барои расидан ба мақсади ҳифзи манфиатҳои экологӣ дар идоракунии иқтисодиёти минтақа бояд амалӣ намудани корҳои зерин дар назар дошта шавад:

- эҳё намудани шароит барои барқарории экосистема ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ [4-М];

- таъмини шароит барои идоракунии самараноки алоқаи мутақобилаи низомҳои табиӣ ва инсонӣ [2-М];

